ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК:655.3.026.12(575.3)
ББК:37.89(2Т)
0-54

ОЛИМИЁН САБРИНА ШАМСУЛЛО

# НАҚШИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК ДАР ТАРҒИБИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

(дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат», солҳои 2010-2015)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология
аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Душанбе – 2022

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО .....3

МУҚАДДИМА……..……..…….....4-7

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....8-12

БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢДАР КОНТЕКСТИ МАВОДИ ПУБЛИТСИСТӢ .....13-55

1.1. Таҳлили таносубии инъикоси масъалаҳои фарҳанг дар нашрияҳои даврӣ.....14-34

1.2. Нақши матбуоти расмӣ ва хусусӣ дар бозтоби ҷашнҳои фарҳангии миллӣ ва динӣ.....34-55

БОБИ II. ВИЖАГИИ ФАРҲАНГИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ ВА БОЗТОБИ ОНҲО ДАР НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ.....56-95

2.1. Нақши матбуоти даврӣ дар раванди ҷаҳонишавӣва вусъати ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо.....56-78

2.2. Нақши матбуоти даврии тоҷик дар муаррифии фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ.....78-95

БОБИ III. ИМКОНИЯТҲОИ ЖАНРӢДАР ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ФАРҲАНГӢ.....96-127

3.1. Тавзеҳи воқеаҳои фарҳангӣдар қолаби жанрҳои ахборӣ.....98-112

3.2. Гузориши масъала ва тарзи баррасии он дар жанрҳои таҳлилӣ.....112-127

ХУЛОСА…….....……...…….....128-131

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....132-133

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ…….....…….....……..….....134-146

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....147-148

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

1. ВАО - Воситаҳои ахбори омма
2. ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
3. КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ
4. ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил
5. ВКД - Вазорати корҳои дохилӣ
6. СКИ – Созмони конфронси исломӣ
7. СМИ - Средства массовой информации
8. ЮНЕСКО – *(ихтисора аз забони англисӣ)* – Ташкилоти махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Тарғиби фарҳанги миллӣ ҷузъи муҳимми фаъолияти матбуоти даврӣ аст, зеро ҳастии ҳар миллатро фарҳанг ва тамаддуни он муайян менамояд. Фарҳанги миллат тавассути наслҳо ҳифз гардида, ба наслҳои баъдӣ интиқол меёбад. Дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мардум омилҳои такондиҳандае мавҷуданд, ки метавонанд боиси тақвият, рушду устувории аркони фарҳангӣ ва ё сабаби коста гардидану аз байн рафтани унсурҳои он гарданд. Аз ин ҷиҳат ВАО, бахусус матбуоти даврӣ, аз воситаҳои хеле муҳим ва омили нигоҳдорандаи расму ойинҳои мардум, солномановиси ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангиву иқтисодии ҷомеа ба шумор мераванд. Агар ба таърихи ташаккули матбуоти даврии тоҷик бингарем, мутмаин мешавем, ки он ҳамеша посдоранда ва нигоҳдорандаи фарҳанг ва тарғибгари аносири он, аз ҷумла забони тоҷикӣ, будааст. Дар ин самт махсусан нақш ва хидмати матбуоти даврии замони Истиқлолият бузург аст. Дар ин замон матбуоти даврӣ на танҳо ба эҳёи фарҳанги миллӣ, тарғиби арзишҳои он ва инкишофи анъанаҳои фарҳанги асили тоҷикон таваҷҷуҳи бештар намуд, балки масъалаҳои марбут ба фарҳангро дар меҳвари контексти мундариҷавии худ қарор дод.

Солҳои охир таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар ба масъалаҳои фарҳанги миллӣ бештар шуда, дар самти эҳё ва бузургдошти мероси адабиву фарҳангӣ ва миллӣ қарору дастурҳои зиёде ба тасвиб расиданд. Матбуоти даврӣ раванди татбиқи онҳоро пайваста пайгирӣ намуда, дар иртибот ба чораҳои андешидашаванда мавод интишор менамояд, масъалагузориҳо мекунад ва ба ин васила дар ташаккули афкори фарҳангии миллӣ мусоидат менамояд. Албатта, раванди инъикос ва тарғиби чунин рӯҳия дар нашрияҳои даврӣ ва дар ин замина инъикоси ҳаёти фарҳангӣ ва масоили марбут ба он, сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияҳои даврӣ муносибат ва барҳӯрди гуногун доранд, ки муайян кардан ва нишон додани ин вижагиҳо аҳамияти интихоби мавзуъро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Масъалаи фарҳанги миллӣ, аслан, мавзуи хеле доманадору васеъ аст. Он таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаҳои гуногун, алалхусус

фарҳангшиносонро, ҷалб менамояд, аммо дар маркази диққати мо он таҳқиқоте қарор хоҳанд гирифт, ки таҳлил ва баррасии мавзуи мазкурро дар воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуот, аз нигоҳи илми журналистика дида бошем. Бо назардошти ҳамин ҷиҳати масъала метавон гуфт, ки дар илми журналистикаи муосир доир ба таҳлили инъикоси масъалаҳои фарҳангӣ, байнифарҳангӣ, фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидаанд. Гузашта аз ин, масъалаи инъикоси воқеияти зиндагӣ дар журналистика аз ҷониби муҳаққиқон баррасӣ гардидааст, ки дар саромади ин таҳқиқот метавон номи як силсила олимони соҳаро зикр намуд, ба мисли Н.К. Иванов, Ю.К. Филонович, Ю.А. Шерковин, Е.П. Прохоров, И.П. Лисаков, Г.Я. Солганик, В.В. Виноградов, Е.О. Осетров, М.С. Черепахов ва дигарон, ки дар нигоштаҳояшон дар атрофи вазифаи асосии публитсистика ва рисолати журналист, фарогирии воқеияти ҳаёти ҷомеа мулоҳиза ронда, муносибати объективонаро шарти муҳим барои инъикоси воқеият медонанд.

Дар байни онҳо таҳқиқоти В.В. Учёнова [103], Е.П. Прохоров [62], М.С. Черепахов [113], И.К. Усмонов [101], А. Саъдуллоев [79],

М. Абдуллоев [1], М. Муродов [46], А. Азимов [5], М. Муқимов (Ҷовид Муҷим) [43], С. Гулов [23] махсус ба инъикоси воқеияти зиндагӣ дар эҷоди журналистӣ бахшида шудааст.

Дар баробари ин, баъзе муҳаққиқони журналистика дар нигоштаҳояшон ба масоили фарҳангӣ чун зуҳуроти иҷтимоӣ муносибат кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус И. Ясавеев баъзе масъалаҳои ахлоқиро чун масъалаҳои иҷтимоӣ баррасӣ мекунад [117]. Муҳаққиқи дигар С.Г. Тер-Минасова [88] бештар ба масъалаи равобити байнифарҳангӣ таваҷҷуҳ намуда, баъзе мисолҳоро дар таҳқиқоти худ аз матбуоти рус меоварад ва бо ин фарҳанги миллиро дар ҷараёни такомулу дигаргуниҳо ва таъсиррасонӣ ба фарҳанги миллатҳои дигар нишон медиҳад.

В.А. Буряковская [16] инъикоси фарҳангро ҳамчун зуҳуроти тафаккури омма тавассути воситаҳои ахбори омма баррасӣ менамояд. Фарҳанг дар таҳқиқоти

ин олим ҳамчун як шакли зоҳиршавии тафаккури гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба қалам дода шудааст.

Азбаски инъикоси масоили фарҳанги миллӣ бо худшиносӣ робитаи ногусастанӣ дорад, метавон гуфт, ки таҳқиқоти бевосита дар ин самт аз ҷониби М. Абдуллоев «Таджикская публицистика и национальная идентичность» [1] анҷом дода шудааст. Муаллиф дар монографияи худ ба таври хеле васеъ масъалаи ташаккули худшиносии миллии тоҷиконро аз осори бадеию публитсистии классикони адабиёт то матбуоти замони шуравӣ ба таҳқиқ мегирад. Ногуфта намонад, ки инъикоси унсурҳои фарҳанги миллӣ низ чун нишонаи худшиносӣ, махсусан дар матбуоти солҳои баъди инқилоби Октябр таъкид мегардад.

Монографияи муҳаққиқи таърихи матбуоти тоҷик А. Азимов [2], ки зери унвони «Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик» ба табъ расидааст, аз шумори таҳқиқоти махсус аст, ки ба масъалаи инъикоси фарҳанги миллӣ дар матбуоти солҳои 20-30-юми садаи ХХ бахшида шудааст. Дар ин асар масъалаҳои фарҳанги миллӣ дар солҳои бистуми асри ХХ баррасӣ ва ҳаллу фасли худро ёфтааст. Асарҳои дигари ҳамин муаллиф бо номи «Матбуот ва маҳви бесаводӣ» (1928-1940), «Адабиёт дар матбуоти солҳои сиюм», «Таджикская журналистика в период культурной революции» (1929-1940) бозгукунандаи масъалаҳои фарҳанги миллӣ ва инъикоси он дар матбуоти солҳои 20-ум ва 30-юми садаи ХХ-ро дарбар мегирад. Дар ин асарҳои таҳқиқотӣ раванди инкишофи фарҳанги миллӣ бо назардошти ҳувияти миллӣ ва саҳми зиёиёни сарсупурдаи миллати тоҷик нишон дода шудааст.

Гурӯҳи муаллифони дастури таълимии «Бозтоби масъалаҳои фарҳанг дар ВАО» [15] бештар ба тарз ва роҳу усули баррасии санъат ва ҳунари миллӣ дар ВАО таваҷҷуҳ намудаанд. Таҳиягарони дастур дар баробари шарҳи мафҳум ва истилоҳоти муҳимми санъат ва ҳунар ба рӯзноманигорони амалӣ тарз ва роҳу усули баррасии воқеоти фарҳангиро нишон медиҳанд. Ҳадафи муҳаққиқон баррасии бевоситаи маводи ин ё он рӯзнома, радио ё телевизион набуда, пешниҳоди усулу воситаҳои самарабахш ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои фарҳангӣ дар ВАО мебошад.

Маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Паёмномаи фарҳанг» [145] ҳам яке аз он нашрияҳои тахассусиест, ки дар шумораҳои худ ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои фарҳанги миллӣ, фарҳанги ақаллиятҳои миллии сокинони кишвар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Дар баробари ин, мақолаҳои Қ. Мухторӣ «Афкори омма дар масъалаи симои зани тоҷик (дар мисоли сомонаҳои «Озодӣ» ва «Озодагон»)», («Общественное мнение в вопросах образа таджикской женщины (на примере сайтов «Озоди» и «Озодагон»)») [49, с.273-277], «Реклама ва ҳувияти миллӣ дар шароити баҳамназдикшавии фарҳангҳо» [51, с.18-20], мақолаи З. Умаров «Нақши расонаҳои ӯзбекии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ» [91, с.139-143]-ро ном бурдан мумкин аст, ки бевосита ба ҳолати инъикоси масъалаҳои гендерӣ, ҳувияту фарҳанги миллӣ дар шароити муосир, вазъи фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ бахшида шудаанд.

Азбаски фарҳанг нишонаи худшиносии миллӣ аст, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муаррихону адабиётшиносон, фарҳангшиносон, журналистону публитсистон қарор дорад. Чунончи, адабиётшиноси тоҷик М. Шакурӣ дар китоби «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ»-и худ масъалаҳои худшиносӣ, Истиқлолхоҳӣ, ватанпарвариро бозгӯйӣ мекунад [114].

Силсилаи таҳқиқоти илмии муҳаққиқони соҳаи фарҳангшиносӣ дар баррасии хусусиятҳои фарҳанг беназир аст, аммо ба туфайли аз доираи бевоситаи таҳқиқи мо то андозае дур будани онҳо дар ин ҷо зикр ва таҳлилашонро зарур намешуморем. Вале бояд тазаккур дод, ки моҳияти тарғибу ташвиқ доир ба масъалаҳои фарҳанги миллӣ дар матбуоти даврӣ чӣ гуна сурат гирифтааст, мақсади асосии мо аст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар асоси он давра ба давра ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи таҳқиқи мо муайян намудани сатҳи муҳиммияти масъалаҳои фарҳангӣ дар расонаҳо, нақши матбуот дар тарғиби фарҳанги миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангии миллат, баррасии маҳорати касбии нигорандагон, усулҳо ва роҳу воситаҳои инъикосу таҳлили масоили фарҳанги миллӣ аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба мақсади дар диссертатсия гузошташуда ва ҳалли пурраи мавзуъ иҷрои вазифаҳои зерин тақозо мешаванд:

– муайян намудани нақши матбуот дар баррасии мавзуъҳои фарҳангӣ ва ҳифзу нигоҳдории онҳо;
– муайян кардани роҳу усулҳои шаклгирии афкори омма дар мавриди расму оинҳои миллӣ;
– мушаххаснамоии роҳу усулҳои инъикоси масъалаҳои фарҳанги миллӣ дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳо;
– мушаххас сохтани нақши матбуоти даврӣ дар инъикос ва бозтоби фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги мардуми Тоҷикистон;
– муайян кардани вазъи инъикоси мавзуъҳои вобаста ба арзишҳои милливу динӣ дар матбуоти даврии замони Истиқлол;
– баррасии маҳорати касбии рӯзноманигорон дар баррасии масоили фарҳангӣ;
– таҳлили дараҷаи истифодаи жанрҳо дар инъикоси мавзуъҳои фарҳангӣ;
– муайян намудани имконоти жанрҳо дар баррасии мавзуъҳои фарҳангӣ.

**Объекти таҳқиқ** масъалаҳои асосии инъикос ва тарғиби фарҳанги миллӣ дар матбуоти даврӣ дар мисоли нашрияҳои мушаххас мебошад.

**Предмети таҳқиқ** муайян намудани вазъи тарғиби фарҳанги миллӣ дар маводи нашрияҳои мавриди назар ва махсусиятҳои нигорандагӣ дар ин мавод аст.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона аз таҷриба ва дастовардҳои илмию методии муҳаққиқону суханшиносони барҷастаи ватанию хориҷӣ, ки дар мавриди таҳқиқи илми журналистӣ, маҳорати касбии журналист, назарияи жанрҳо таълиф гардидаанд, аз ҷумла, таҳқиқоти Я.Н. Засурский, Е.П. Прохоров, В.В. Тертичний, М.Н. Ким, И.К. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Муродов, М. Абдуллоев, А. Азимов, М. Муқимов

(Ҷовид Муқим), Ш. Муллоев, Р. Бобоҷониён, М. Ҷӯраева, Қ. Мухторӣ, С. Гулов ва дигарон ҳамчун заминаҳои назариявӣ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар рисола усули таҳлили муҳтаво барои муайян намудани мавзуи маводи таҳлилшаванда, махсусияти жанрии он ва муайян кардани маҳорати рӯзноманигор, усулҳои индуктивӣ, дедуктивӣ, таърихӣ бо мақсади муайян намудани нақши матбуот дар инъикоси мавзуи мушаххас, татбиқи сиёсати ҳукумати кишвар дар самти фарҳанг ва арзишҳои миллӣ ва ғ. васеъ истифода шудаанд**.**

**Сарчашмаҳои таҳқиқ** нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат» ва сомонаҳои онҳо мебошанд. Бо мақсади возеҳ нишон додани хусусиятҳои хосу алоқаманди матнҳо онҳо қисман оварда, таҳлил карда, қисмати дигарашон номбар ва ишора карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Баррасии масъалаҳои фарҳангӣ дар илми рӯзноманигории тоҷик аз мадди назари муҳаққиқон берун намондааст. Он аз нигоҳи таърихи журналистикаи тоҷик, аз дидгоҳи худшиносии миллӣ, масъалаҳои мактабу маориф мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифта бошад ҳам, масъалаи баррасии мавзуи фарҳанг дар матбуоти даврии замони Истиқлолияти давлатӣ ба пуррагӣ таҳқиқ нагардидааст. Мавзуи фарҳанги миллӣ, ҳамзистии миллати тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ, муносибати фарҳангии мардуми Тоҷикистон, таҳаммулпазирӣ ба фарҳанги миллатҳои дигар масъалаҳое мебошанд, ки иртиботи оммавиро тавассути воситаҳои ахбори имрӯза инъикос менамоянд.

Аз ҷониби дигар, маҳз дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо, густариш ва омезиши фарҳангҳоро матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма чун зуҳури воқеият, дастовард, гоҳо чун мушкилоти ҷомеа баррасӣ ва инъикос менамоянд. Яъне, мавзуъ ва ҷиҳатҳои мазкур дар шароити кунунӣ аз масъалаҳои муҳиманд, ки дар илми журналистикаи тоҷик мавриди баҳс боқӣ мемонанд. Ҳамин масъала моро водор мекунад, ки ба он аз нигоҳи имрӯз бознигарӣ кунем.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Вазъи инъикоси мавзуъ ва масъалаҳои фарҳангӣ дар матбуот. Матбуоти даврӣ ба баррасии масъалаҳои фарҳангӣ нигоҳ ва мавқеи якхела надоранд, ба тарзи инъикос сиёсати идораи рӯзнома таъсири амиқ дорад;

2. Нақши матбуот дар ростои ҳифзи арзишҳои миллӣ хеле бориз аст. Тарғиби арзишҳо, проблемагузорӣ барои ислоҳи норасоиҳои ҷойдошта боиси ташаккули афкори умум дар мавриди худшиносии миллии хонандагони рӯзнома мегардад;

3. Раванди шаклгирии афкори омма дар мавриди мавзуъ ва масъалаҳои фарҳангӣ дар матбуот маҳз ба туфайли тарзу усул ва воситаи пешниҳоди масъалаҳои фарҳангӣ сурат мегирад. Матбуот маърифати фарҳангиро ба омма меомӯзад;

4. Ҷаҳонишавии арзишҳо ва бархӯрди ҷомеа ба масъалаҳои арҷгузорӣ ба фарҳанг, арзишҳои миллӣ, динӣ қабл аз ҳама дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ошкор мешаванд. Мавқеъҳои гуногун баҳсҳо ороста, таҳаммулпазирӣ ташаккул меёбад;

5. Фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги Тоҷикистон шинохта мешавад. Матбуоти даврӣ эҳтиром ба арзишҳои милливу динии ақаллиятҳои кишварро талқин мекунад;

Ҷойгоҳи жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси мавзуъҳои фарҳангӣ нишондиҳандаи маҳорати касбии рӯзноманигорон буда, воситаи ба таври дастрас ва фаҳмо, хонданбоб инъикос намудани масъалаҳои фарҳангӣ дар матбуоти даврӣ ва дигар ВАО аст.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Дар рисола яке аз масъалаҳои хеле муҳимми илми журналистикаи тоҷик – инъикоси масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳаёти ҷомеа – арзишҳои миллӣ дар мисоли фарҳанги имрӯзии ҷомеаи Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ баррасӣ карда мешавад. Дар шароити кунунии ҷаҳонишавии арзишҳо ва густариши равобити фарҳангии ҷомеаҳои гуногун масъалаи баррасӣ ва таҳқиқи бозтоби ин зуҳурот дар воситаҳои ахбори омма аҳамияти назариявӣ касб мекунад.

Арзиши амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки он барои рӯзноманигорони воситаҳои ахбори омма метавонад чун дастури роҳнамо дар фаъолияти амалӣ хизмат кунад. Аз натиҷаҳои дар рисола бадастомада дар дарсҳои амалии тахассусҳои журналистика истифода намудан, таҳия кардани курс ва семинарҳои ихтисосӣ имконпазир аст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Муаллиф дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, мушаххаснамоии мавзуъ ва тарҳи кор, навиштани мақолаву ҷамъбасти умумии мавзуъ мустақилият дошта, дар мавридҳои зарурӣ аз маслиҳати роҳбари илмӣ баҳраманд шудааст. Мақолаҳои илмии муаллифи диссертатсия ҳаммуаллиф надоранд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи анъанавии илмию назариявии ҳайати профессорону устодони факултети журналистика, конференсияҳои ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конференсияи илмии шуъбаи рӯзноманигории Донишкадаи фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода, конференсияи илмии Донишгоҳи давлатии Данғара муаррифӣ шуда, мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2021, суратҷаласаи №4 ва ҷаласаи васеи шурои олимони факултети журналистика аз 30 марти соли 2022, суратҷаласаи №7 баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмии диссертант дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Номаи Донишгоҳ»-и

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров ва «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст. Бобҳои диссертатсия ба фаслҳо ҷудо шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 148 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

# БОБИ I
# МАСЪАЛАҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР КОНТЕКСТИ МАВОДИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

Инъикоси масъалаҳои фарҳанг дар нашрияҳои даврӣ яке аз бахшҳои муҳимми фаъолияти рӯзноманигорӣ ба шумор меравад, зеро фаъолияти рӯзноманигор ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст ва фарҳанг низ муҳимтарин ҷузъи муносибатҳои ҷомеа дониста мешавад. Аз ин рӯ, табиист, ки таваҷҷуҳи рӯзноманигорон ва роҳбарони расонаҳо ҳам ба он хосса аст.

Шоистаи таъкид аст, ки фарҳанг танҳо ба маънои соҳаи фарҳанг ва самти мушаххаси фаъолият нест, балки он доманаи фарохтаре дорад ва ба чанд соҳаи дигар, умуман ҳаёти инсон, алоқаманд аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар аксар мулоқоту суханрониҳояшон бо зиёиёни мамлакат таъкид менамоянд, ки масъалаи маънавият ва фарҳанг низ дар қатори дигар соҳаҳои муҳим дар меҳвари таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар қарор дошта, гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Гузашта аз ин, Президенти мамлакат фарҳангро ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат муаррифӣ намудааст, ки ин сухани саҳл нест. Ин гуфтаҳо гувоҳи мақоми бузургу барҷастаи фарҳанг дар ҳаёти миллат аст. Воқеан ҳам, мардуми тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯз ҳамеша бо фарҳанг пайванди ногусастанӣ доштаанд. «Кохи фарҳанге, ки ниёгони шарафманди мо офаридаанд, дар тӯли ҳазорсолаҳо бунёд гардида, на танҳо омили мондагорӣ гаштааст, балки ба пешрафти тамаддуни башарӣ мусоидат кардааст» [160].

Рӯзноманигорон ҳам ба масъалаҳои фарҳангӣ аз ҳамин нуктаи назар муносибат доранд ва онҳоро ҳамаҷониба фаро мегиранд.

Дар ин боби кори худ мо масъалаҳои фарҳанги миллиро дар контексти рӯзноманигорӣ баррасӣ намуда, таносуби инъикоси масъалаҳои фарҳангиро дар мисоли маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон»,

«Миллат» мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додем. Кӯшидем ба таври муқоиса муносибати матбуоти давриро ба масъалаҳои фарҳангӣ то андозае муайян намоем.

## 1.1. Таҳлили таносубии инъикоси масъалаҳои фарҳанг дар нашрияҳои даврӣ

Дар низоми бунёди матбуот таъйиноти нашр ва мақсаду ҳадафҳои он ба таври возеҳ бояд нишон дода шавад, зеро ин муқаррароти қонун аст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма») [143, с.10-11]. Яъне, мақсад, ҳадаф, ба кадом мавзуъ, самт ва соҳа таваҷҷуҳ намудани нашрия аз талаботест, ки ба таври қонунӣ мушаххас будани он тақозо карда мешавад. Аслан, «агар воситаи ахбори умум сохторе бошад, ки на танҳо нияти бетарафона инъикос кардани ҷомеаро дорад, балки ба он таъсир ҳам расонидан мехоҳад, пас, вазифаашро ҳам аз ҳамин ҷо суроғ кардан лозим меояд» [98, с.30].

Дар ин раванд масъалаҳои фарҳангӣ барои муайян кардани мақсади нашрияҳо мусоидат менамоянд, зеро онҳо ҳамчун масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа шинохта мешаванд.

Фарҳангу маънавиёт омили муҳимми мушаххас намудани дараҷаи камолоти инсоният мебошанд. Аз ин рӯ, ҳама гуна воситаҳои ахбори омма ба онҳо таваҷҷуҳ доранд, зеро бо ин омил сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва рушди ояндаи он муайян шуда, воситаи шинохти як ҷомеа аз ҷониби намояндагони ҷомеаи дигар (ҷомеаро ин ҷо ба маънои кишвар ифода кардаем) ҳам мебошад.

Бо ин муқаддимаи кӯтоҳ ба баёни мақсад гузашта, таносуби инъикоси масъалаҳои фарҳангиро дар марҳилаи муайяншудаи таҳқиқ дар нашрияҳои даврӣ баррасӣ мекунем. Тавре гуфтем, мо паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои фарҳангӣ дар матбуот, аз ҷумла ҷашнҳои миллӣ ва умумимиллӣ, ҷашну маросимҳо, ҳунарҳои мардумӣ, фарҳанги оиладории суннатӣ, ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба фарҳанги миллӣ, ақаллиятҳои миллӣ ва фарҳанги онҳо, маъалаҳои

ахлоқи диниро таҳлил намуда, ба таносуб ва муҳтавои мавод дар ин мавзуъҳо таваҷҷуҳ кардем. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар ин самт нашрияи расмии «Ҷумҳурият» пешсаф аст.

«Ҷумҳурият» – нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо собиқаи беш аз 90-солаи фаъолият (шумораи нахустини он бо номи «Иди Тоҷик» 15 марти соли 1925 интишор ёфта, аз шумораи дуюм номи «Бедории тоҷик»-ро мегирад ва ҳамин тавр, замони шӯравӣ се маротибаи дигар номи худро ба «Тоҷикистони сурх», «Тоҷикистони советӣ» ва «Тоҷикистони шӯравӣ» иваз мекунад, аз 9 сентябри соли 1991 бо номи «Ҷумҳурият» нашр мешавад» [93, с.112-122] таҷрибаи бузургу бой дорад ва мақсаду маромаш ҳам мушаххас аст. Аз омӯзиши сатҳии таърихи он дар замони шӯравӣ бармеояд, ки тӯли фаъолияти худ рӯзнома масъалаҳои фарҳангиро вобаста ба талаботи замону сиёсати давр инъикос мекунад.

Дар замони соҳибИстиқлолӣ нашрия, пеш аз ҳама, номи худро иваз кард ва мазмуну муҳтавои он низ шаклан дигар шуда, ба ҳадафҳои бузурги давлати соҳибИстиқлоли Тоҷикистон мувофиқ гардонида шуд. Акнун нашрия ба баррасии масъалаҳо аз ҳамин нигоҳ мепардозад, ки инъикоси масъалаҳои фарҳангӣ низ аз ин ҷумла аст.

Бояд зикр намоем, ки таҳқиқи мо давраи мушаххасро дар бар мегирад ва баррасиҳо низ ба ҳамин давра алоқаманд ҳастанд. Дар ин фасл, асосан таносуби инъикоси масъалаҳо дар мисоли ҳамон мавзуъҳои фарҳангӣ, ки болотар зикрашон рафт, баррасӣ хоҳанд шуд.

**А. Ҷашнҳои миллӣ.** Вазъи инъикоси ҷашнҳои миллӣ ва умумимиллӣ яке аз паҳлуҳои асосии масъалаҳои фарҳангӣ мебошанд, ки мо ба онҳо таваҷҷуҳ намудем.

Дар давраи таҳқиқи мо рӯзномаи «Ҷумҳурият» вобаста ба ин мавзуъ 246 мавод, ҳафтаномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон» – 70 мавод, «Озодагон» – 6 мавод ва «Миллат» – 24 мавод ба табъ расонидаанд. Чун намуна якчанд маводи ҳафтаномаҳои «Озодагон» ва «Миллат»-ро номбар мекунем: «Наврӯз иди ҷаҳонӣ шуд» [«Озодагон», 2010. 3 март], «Шумо ҷонибдоред, ки солшуморӣ аз Наврӯз

оғоз ёбад?» [«Озодагон», 2010. 17 март], «Сухане аз Наврӯз» [«Озодагон», 2011. 30 март], «Наврӯзи маснуӣ» [«Озодагон», 2012. 14 март], «Сайри таърихии Наврӯз» [«Озодагон», 2012. 3 март], «Наврӯз дар асри ХХ» [«Озодагон», 2015. 18 март]; аз ҳафтаномаи «Миллат» «Наврӯз оғози хушбахтист» [«Миллат», 2010. 18 март], «Наврӯзи сиёсӣ» [«Миллат», 2010. 18 март], «Меҳргон дар Суғд баҳонаи дидор бо маъюбон» [«Миллат», 2010. 3 октябр], «Таҷлили Наврӯз ё бозгашт ба асли хеш» [«Миллат», 2011. 3 март], «Рӯзи Наврӯз дар Дарвоз ҳама ба Ёгед мерафт» [«Миллат», 2011. 16 март], «Наврӯз – намоишгоҳи бузурги мардумӣ» [«Миллат», 2012. 28 март], «Наврӯз танҳо дастафшониву пойкӯбӣ нест» [«Миллат», 2012. 28 март], «Ҳадяи наврӯзии «Мегафон» [«Миллат», 2012. 28 март], «Наврӯз, 23 сол қабл бо Лоиқ» [«Миллат», 2013. 20 март], «Наврӯз дарахти ҳамешасабзи «Ассурик» аст» [«Миллат», 2013. 20 март], «Ойини Наврӯз» [«Миллат», 2013. 20 март], «Тоҷикистонро бо Наврӯз мепайванданд» [«Миллат», 2014. 29 январ], «Ҳафт шин ё нахустин рамзҳо ва суннатҳои Наврӯзи Аҷам» [«Миллат», 2014. 20 март], «Ҷашни Наврӯзи 12 кишвар дар Созмони Милали Муттаҳид» [«Миллат», 2014. 19 март], «Ҷойи ҷашни ҷаҳонии Наврӯз дар Афғонистон тағйир кард» [«Миллат», 2014. 19 март], «Наврӯзи Бадахшон ба ривояти Би-би-сӣ» [«Миллат», 2014. 26 март], «Паёмҳои Наврӯзии президентҳо дар Кобул» [«Миллат», 2014. 26 март] ба табъ расидаанд.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳамчун рӯзномаи расмӣ-давлатӣ дар инъикоси ҷашнҳои бузурги миллӣ, ки дар сатҳи баланди давлатӣ хеле бошукӯҳ таҷлил мегарданд, вазифаи мушаххас дорад ва матни табрикоти Сарвари давлат, ҷараёни пурраи баргузории ҷашнҳоро бо аксҳо ва мақолаҳои олимону мардумшиносон ҳам дар доираи васеъ нашр мекунад. Аз ҳамин сабаб ҳаҷми маводи «Ҷумҳурият» назар ба дигар ҳафтаномаҳои мавриди назар бештар аст.

Ин ҷо барои муқоисаи таносуби матлабҳо ба муҳтавои як масъала дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва ҳафтаномаи «Озодагон» таваҷҷуҳ мекунем.

Соли 2010 бо пешниҳоди якчанд кишвар Созмони Милали Муттаҳид иди миллии аҷдодии мо – Наврӯзро ҷашни байналмилалӣ ва ба ифтихори он 21 мартро рӯзи истироҳат эълон кард. Табиист, ки ин мавзуъ дар рӯзномаи

«Ҷумҳурият» инъикоси хеле бошукӯҳ ва густурда дошт, зеро Тоҷикистон яке аз кишварҳои ташаббускори ҷаҳонишавии Наврӯз буд. То ҷое аз матлабҳои «Ҷумҳурият» бармеояд, кишвари моро ташаббускори ин иқдом медонанд ва ғояи ин пешниҳодро ба Сарвари давлати Тоҷикистон вобаста мекунанд. Ҳамин аст, ки вобаста ба ин мавзуъ матлабҳои калонҳаҷм чоп шудаанд ва дар маҷмуъ, аз ҷаҳонишавии ҷашни миллии аҷдодӣ – Наврӯз ифтихор карда шудааст. Мусоҳиба бо директори вақти Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Тоҷикистон К. Олимов бо унвони «Наврӯз ҷаҳонӣ шуд» [«Ҷумҳурият», 2010. 2 март], мақолаи калонҳаҷми директори вақти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон С. Назарзода бо унвони «Истиқлолият ба Наврӯз шукӯҳи тоза бахшид» [«Ҷумҳурият», 2010. 20 март] аз ин ҷумлаанд.

Ҳафтаномаи «Озодагон» ба ин масъала аз зовияи дигар нигоҳ кардааст («Озодагон» яке аз нашрияҳои мустақили фазои иттилоотии Тоҷикистон буд, ки шурӯъ аз соли 2007 то соли 2018 мунтазам чоп мешуд. Охирин шумораи он дар нимаи моҳи декабри соли 2018 нашр гардида буд). Ин ҳафтанома дар ҳошияи ҷаҳонишавии Наврӯз зери унвони «Наврӯз иди ҷаҳонӣ шуд» [«Озодагон», 2010. 3 март] андешаҳои журналист С. Аюбзодро нашр намудааст, ки ӯ ҷаҳонишавии Наврӯзро фурсати муносиб барои ивази солшуморӣ дар Тоҷикистон донистааст: «Ҳоло ки Наврӯз бо қарори Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ба як иди ҷаҳонӣ табдил ёфт, Тоҷикистон шояд тамоми ҳақро дорад, ки Соли нави худро аз Наврӯз оғоз кунад. Ва набояд дар ин роҳ аз дарҳам-барҳамӣ дар гоҳшуморӣ ва ноҳамгунии он бо солшумории дигарон нигарон буд. Ба вижа, ки дастикам дар ин кишвар Наврӯз расман сари сол аст. Ва нашояд масъаларо сиёсӣ ва мазҳабӣ кард. Асли матлаб хештаншиносист ва ҳамоҳангӣ бо табиатест, ки Худо офаридааст» [«Озодагон», 2010. 3 март].

Дар идомаи матлаб муаллиф бо саволгузориҳои риторикӣ фикри худро таҳвият мебахшад: «Чаро бояд пойбанди соли наве монд, ки дар он на чизе ба поён мерасаду на чизе оғоз меёбад, дар ҳоле ки соли нави форсиён табиитарин аст ва дар фарҷоми як давраву шуруи давраи дигар фаро мерасад. Магар мо ба касе

қавл додаем, ки умрбод соли нави онро аз они худ хоҳем шумурд? Магар маҷбурем?» [«Озодагон», 2010. 3 март].

Дар ин матлаб, ки пас аз эълони қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид ва бо як овоз қабул гардидани он нашр шудааст, бархӯрдҳои олами ислом ба ин қатънома низ оварда шудааст, ки бархе уламои ислом дар сомонаҳо ҷашнгирии Наврӯзро аз ҷониби мусулмонон аъмоли нораво донистаанд. Дар идомаи матлаб журналист алоқамандии Наврӯзро бо мазҳаб, таърих ва фарҳанги ҷаҳонӣ таҳлил карда, фактҳои ҷолиберо тазаккур медиҳад, ки онҳо ҷашни табиӣ ва худшиносӣ будани Наврӯзро таъкид менамоянд.

Ба назари мо, идораи нашрия ба хотири якҷониба нашудани масъалагузорӣ дар шумораи дигар бо саволи «Шумо ҷонибдоред, ки солшуморӣ аз Наврӯз оғоз шавад?» [«Озодагон», 2010. 17 март] пурсиш гузаронида, нуктаи назари олимони маъруф – академик М. Шакурӣ ва профессор И. Усмоновро дар баробари шакли мухтасари ин андешаи журналист С. Аюбзод овардааст.

М. Шакурӣ гузаштани Тоҷикистон ба солшумории ҳиҷрии шамсиро падидаи хуб ва дар айни замон хеле душвор ҳисобидаанд. Хубии ин падида баргаштан ба асли хеш буда, душвориаш вобастагии Тоҷикистон ба кишварҳои муштаракулманофеъ (ИДМ) ва кӯшишҳо барои ҳамқадамӣ бо ҷаҳонишавӣ шуморида шудааст.

Профессор И. Усмонов соли нави мелодиро солшумории байналхалқӣ дониста, алоқамандии кишварҳоро ба ин солшуморӣ таъкид кардааст: «...Мо айни замон зарурати баркандани худро аз ҷомеаи ҷаҳонӣ надорем ва ҳар халқияте, ки солшумории нав ё куҳнаеро ба худ касб кардан мехоҳад, маҷбур аст дар баъзе мавридҳо ба солшумории байналхалқӣ муроҷиат намуда, аз он истифода кунад» [«Озодагон», 2010. 17 март].

Ба назари мо низ, ин масъалаи хеле ҷиддист, ки бо як қарори Ҳукумат ҳал намешавад. Ба назари профессор И. Усмонов мувофиқ ҳастем, ки солшуморие, ки ҳоло мо дорем, аз они ягон халқу миллат набуда, хусусияти байналмилалӣ касб кардааст ва сабаби пайванди байниҳамии халқу миллатҳо, омили густариши

ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи онҳо мебошад, аз ин рӯ ҳеҷ ниёзе ба иваз кардани он нест.

Бо муқоисаи таносуби муҳтавои матлабҳо муайян шуд, ки ҳар яке аз нашрияҳо вобаста ба таъйиноти худ амал намуда, вазифаи худро иҷро кардаанд. «Ҷумҳурият» аз нигоҳи расмӣ баромад намуда, ба ин паҳлуи масъала, ки дар «Озодагон» зикр шудааст, умуман таваҷҷуҳ накардааст, зеро маълум мешавад, ки аз нигоҳи расмӣ ҳоло фурсати ивази тақвим нест. Аз ҷониби «Озодагон» ин гуна масъалагузорӣ кардан ба хотири таваҷҷуҳи бештари ҳафтанома ба Эрон аст: «Муҳимтар аз ҳама, соли нав дар Эрон аз 20 март оғоз мешавад» [«Озодагон», 2010. 3 март]. Илова бар ин, дар нашрияҳои дигар ҳам ин гуна масъалагузорӣ нашудааст.

Як ҷиҳати мухолифатнок миёни ин матлабҳо он аст, ки дар нигоштаҳои «Ҷумҳурият» ҷаҳонишавии Наврӯз ба ташаббуси Тоҷикистон алоқаманд дониста мешавад, аммо дар матлаби «Озодагон» изҳори таассуф мешавад, ки ин ташаббуси кишвари мо набуд: «...дар ҳоле ки қарори Созмони Милал, дареғо, ташаббуси мо набуд, нахустин шуда ба солшумории миллии наврӯзии хеш баргаштани мо ҳаққи таърихии моро ба он бештар ва маҳкамтар мекунад» [«Озодагон», 2010. 3 март].

Ба назари мо, ин ҷиҳати масъала нозук аст, зеро хонандаро ба гумроҳӣ мебарад. Ҳарчанд аудиторияи ин нашрияҳо гуногун аст, вале ба назари хонандагони «Озодагон» маълумоти расонаҳои расмӣ нодуруст менамояд, дар сурате ки дар матлабҳои «Ҷумҳурият» бо муаллифии шахсиятҳои маъруф, монанди академик К. Олимов ташаббуси Тоҷикистон будани ҷаҳонишавии Наврӯз исбот карда мешавад.

Мо низ ба ин мавқеъ мувофиқ ҳастем, ки нусхаи қарори ЮНЕСКО наметавонад баёнгари ҳама чиз бошад (ва ин ҳам дар ҳолате ки ба асл будани он касе кафолат намедиҳад). Яъне, аз рӯйи тартибот, ворид гардидан ба рӯйхати ЮНЕСКО раванди муттасилест, ки якбора анҷом дода намешавад. Аз ин рӯ эътимод ба матлабҳои «Ҷумҳурият» моҳияти масъаларо рӯшан месозад.

**Б. Ҷашну маросимҳои мардумӣ.** Мавзуи дигари фарҳангие, ки нашрияҳо ба он таваҷҷуҳ кардаанд, танзими ҷашну маросимҳои мардумӣ мебошад, ки дар ҳошияи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат гирифтааст.

«Ҷумҳурият» чун нашрияи расмӣ дар ин бобат ҳам пешсаф буда, вобаста ба ин мавзуъ 32 мавод, аз ҷумла матлабҳои «Иқдоми нек бояд ба ҳукми анъана дарояд» [«Ҷумҳурият», 2010. 20 март], «Дар Хоруғ ҷашни арӯсии 40 ҷуфт бо ҳам мегузарад» [«Ҷумҳурият», 2010. 18 май], «Фарҳанги маъракаоро яъне чӣ?» [«Ҷумҳурият», 2011. 17 май], «Хурофотпарастӣ ҳанӯз ҳам пинҳонӣ идома дорад» [«Ҷумҳурият», 2012. 03 апрел], «Қонуне ки баракати хонадонамонро афзун сохт» [«Ҷумҳурият», 2012. 29 май], «Қонуне ки ҳар нуктааш масъулият аст» [«Ҷумҳурият», 2012. 2 июн], «Танзим – кафолати зиндагии шоиста» [«Ҷумҳурият», 2014. 13 июн], «Танзим файзи зиндагист» [«Ҷумҳурият», 2014. 17 июн], «Нишонаи кафолату замонати сифат» [«Ҷумҳурият», 2014. 4 октябр], «Худшиносии миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ», «Анъанаву суннатҳо агар барқарор гарданд...» [«Ҷумҳурият», 2015. 11 апрел], «Қонуни танзим – дастоварди бузурги Истиқлолият» [«Ҷумҳурият», 2015. 11 апрел]-ро чоп кардааст.

Ҳафтаномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон» 4 мавод: «Маъракa зиёд шуду қонуншиканӣ кам» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 4 март], «Танзим – баракати зиндагӣ» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 25 март], «Барвақт оғоз кардани маъракаҳо чӣ хубӣ дорад?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 6 июн], «Танзим – баракати зиндагӣ» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 14 август], «Озодагон» 1 мавод: «Тӯёнаҳо: аз «Хатуба-йеее» то «масша бача»-ву «човандоз»« [«Озодагон», 2013. 28 август], «Миллат» 3 мавод: «Танзим бояд фарҳанги миллӣ шавад» [«Миллат», 2010. 29 апрел], «Тӯйҳои Ҳумайнӣ ва «Истерика»-ҳои тоҷикӣ» [«Миллат», 2010. 3 октябр], «Биёед аз ҳаҚ нагузарем! Танзим анъанаҳои миллиро фурӯ бурд» [«Миллат», 2015. 14 октябр]-ро дар ин мавзуъ ба табъ расонидаанд.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар ин мавзуъ аз мавқеи расмӣ баромад карда, дар матлабҳо дар ҳақиқат ҳам, зарур ва саривақтӣ будани қабули қонуни танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, аҳамияти онро дар осудагии рӯзгор баён кардааст.

Аз ҷумла, матлабҳои «Танзими расму ойинҳо – роҳ ба сӯйи ояндаи нек» [«Ҷумҳурият», 2013. 6 июн], «Танзим – кафолати зиндагии шоиста» [«Ҷумҳурият», 2014. 13 июн], «Танзим файзи зиндагист» [«Ҷумҳурият», 2014. 17 июн] далели сухани мо ҳастанд.

Барои муайян намудани таносуб, вобаста ба муҳтаво яктоӣ матлабҳои ҳафтаномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон» ва «Миллат»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

«Ҷавонони Тоҷикистон», ки айни замон нашрияи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аз соли 1930 бо унвони «Комсомоли Тоҷикистон» аз чоп мебаромад. Дар замони соҳибИстиқлолӣ унвони имрӯзаи худ – «Ҷавонони Тоҷикистон»-ро гирифт. Ин ҳафтанома низ асосан аз мақоми расмӣ баромад мекунад.

Ҳафтанома зери унвони «Танзим – баракати зиндагӣ» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 25 март] матлаби М. Шарифова, мутахассиси пешбари раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро чоп кардааст, ки дар он муаллиф қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро боиси хушҳолӣ, саодат ва файзу баракати бештари рӯзгори мардуми кишвар дониста, исрофкорӣ ва намоишҳои пурдабдабаи то қабули қонуни мазкурро маҳкум намудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки қабули ин қонун танҳо ба манфиату осудаҳолии мардуми кишвар равона буда, иҷрои ҳатмии муқаррароти он аз ҳар як сокини кишвар тақозо мешавад.

«Миллат» ҳам яке аз ҳафтаномаҳои мустақили фазои иттилоотии Тоҷикистон буд, ки фаъолияти худро соли 2005 оғоз намудааст. Айни замон сомонаи он вуҷуд дорад, аммо дар шакли ҳафтанома нашр намешавад (Дар давраи таҳқиқи мо дар шакли ҳафтанома мунтазам нашр мегардид. Муассиси он журналист А. Умарова (Адолати Мирзо) мебошад).

Ин ҳафтанома зери рубрикаи «Миллат ва ислом» матлаберо зери унвони «Танзим бояд фарҳанги миллӣ шавад» [«Миллат», 2010. 29 апрел] ба табъ расонидааст. Муаллифи матлаб М. Истаравшанӣ таъкид менамояд, ки қонуни

мазкур барои ҷомеаи мо зарур аст, аммо на ба он шевае, ки имрӯз масъулони назорати он – кормандони Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо мекунанд. Муаллиф вобаста ба шароити деҳот баъзе камбудиҳои қонунро зикр карда, зарурати бознигарӣ ва ба ҳаёти мардум мувофиқ кардани онро таъкид мекунад, то анъанаҳои неки мардумӣ, ки, аслан, харҷи зиёд надоранд, аз миён нараванд.

**В. Аркон ва ахлоқи динӣ.** Муносибат бо мавзуъҳои алоқаманд ба аркону ахлоқи динӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва нозукест, ки ба онҳо дар нашрияҳо муносибатҳои гуногун сурат гирифтаанд. Масалан, дар давраи таҳқиқи мо рӯзномаи «Ҷумҳурият» вобаста ба мавзуи дин 150 мавод бо шумули хабару гузориш ва мақолаҳои калонҳаҷм ба табъ расонидааст, ки дар навбати худ паҳлуҳои гуногуни ахлоқ ва фарҳанги диниро дар бар мегиранд. Чунончи «11 август – оғози моҳи шарифи Рамазон» [«Ҷумҳурият», 2010. 24 июл], «Рамазон зеҳну андешаро парвариш медиҳад» [«Ҷумҳурият», 2010. 21 август] пешгирӣ аз харҷи барзиёд, худнамоӣ, хайру саховат ба ҷойи зиёфатҳои ҳангуфт барин масъалаҳоро дарбар мегиранд.

Дар фарҳанги миллати мо дӯстиву рафоқат, таҳаммулпазирӣ, худдорӣ аз ранҷонидани дигарон, муомилаи хуб аз рукнҳои муҳим ба шумор мераванд, ки аз ҷониби дини ислом низ ин хислатҳо пайваста таъкид мегарданд. Бинобар ин, як силсила маводи матбуоти давриро ҳамин ҷиҳат ташкил медиҳад. «Муборак бод моҳи хосаи мо» [«Ҷумҳурият», 2011. 30 июл], «Рамазон моҳи тарбияи ахлоқи ҳамида аст» [«Ҷумҳурият», 2011. 2 август], «Рӯза: имтиҳони ирода ё муборизаи ақл бо нафс» [«Ҷумҳурият», 2011. 23 август], «Анҷом додӣ аз ҳама кори савобро» [«Ҷумҳурият», 2011. 5 октябр] маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд.

Риояи фарзу суннатҳои динӣ вазифаи муқаддаси мусулмонон аст. Ҳамин аст, ки рӯзнома ба ин мавзуъ ҳам таваҷҷуҳ намудааст. «Худованд дуову дуруди моро мақбули даргоҳи худ гардонад» [«Ҷумҳурият», 2010. 9 сентябр], «16 ноябр - иди Қурбон» [«Ҷумҳурият», 2010. 11 ноябр], «Чаҳоршанбеи сурӣ: аз суннат ба одат» [«Ҷумҳурият», 2011. 15 март], «Фазилатҳои иди Қурбон бешуморанд» [«Ҷумҳурият», 2011. 9 ноябр], «Иди саиди Фитр ба дилҳои мо муҳаббати илоҳӣ

ворид месозад» [«Ҷумҳурият», 2012. 18 август], «Агар «ҷумъагӣ» аз ислом аст...» [«Ҷумҳурият», 2012. 3 март], «Закоту садақа ибодат аст» [«Ҷумҳурият», 2013. 1 август], «Амалҳои хайр дар остонаи иди Фитр» [«Ҷумҳурият», 2013. 8 август], «Иди саиди Фитр маросими шукрона ва расидан ба қадри неъматҳост» [«Ҷумҳурият», 2013. 8 август], «Дар моҳи шарифи Рамазон меҳмони Худоем» [«Ҷумҳурият», 2012. 17 июл], «Рамазон моҳи парҳезгорию эҳсон аст» [«Ҷумҳурият», 2014. 26 июл], «Моҳи талқини парҳезгорӣ ва покиву некӣ» [«Ҷумҳурият», 2014. 1 июл] аз ҷумлаи чунин матлабҳоянд.

Масъалаи риояи асолати таълимоти динӣ низ мавриди таваҷҷуҳи расона будааст: «Хурофотпарастӣ ҳанӯз ҳам пинҳонӣ идома дорад» [«Ҷумҳурият», 2012. 3 апрел], «Андоза нигоҳ дор, ки андоза накуст» [«Ҷумҳурият», 2012. 2 июл], «Оромгоҳ низ бояд обод бошад» [«Ҷумҳурият», 2013. 11 май], «Азодорӣ бояд чӣ гуна бошад?» [«Ҷумҳурият», 2014. 24 январ], «Хатнасур ва базми арӯсии дастаҷамъона» [«Ҷумҳурият», 2014. 1 июл], «Падидаҳои хурофотӣ аз байн мераванд» [«Ҷумҳурият», 2014. 16 июл], «Хурофот ва ифротгарой – ду хатари рӯзафзуни ҷомеа» [«Ҷумҳурият», 2015. 26 феврал], «Дурӣ аз исроф бояд ҷустан» [«Ҷумҳурият», 2015. 5 май], «Мусофирон ва беморон аз рӯза озоданд» [«Ҷумҳурият», 2015. 20 июн], «Гӯристонҳоро ҳам ба танзим дарорем» [«Ҷумҳурият», 2015. 11 июл], «Номуборакӣ дар моҳи муборак» [«Ҷумҳурият», 2015. 14 июл], «Садақа ва эҳсони Худованд» [«Ҷумҳурият», 2015. 15 июл], «Уламо: ҷиҳод ва масъулият» [«Ҷумҳурият», 2015. 16 сентябр] ва монанди инҳо.

Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» дар мавзуи дин 33 мавод ба табъ расонидааст, ки аксарияташон масъалаҳои ахлоқи ҳамида ҳастанд. Дар онҳо, пеш аз ҳама, тавассути овардан ва таҳлил намудани қиссаву ривоятҳои динӣ, ояҳои қуръонӣ дигаронро озор надодан, кина нагирифтан, хайру саховатро пешаи худ кардан, ҳаққи мардумро нахӯрдан тарғиб карда мешавад.

Маълум мегардад, ки ҳафтанома ба туфайли равона гардидани матлабҳояш ба хонандагони ҷавон, асосан, ахлоқи ҳамидаи инсониро тавассути ҳикматҳои динӣ тарғиб менамояд. Маводе, ки аз саҳифаҳои рӯзнома дастраси мо гардиданд, нишон медиҳанд, ки аксарияти онҳо дар арафаи ҷашну маросимҳои динӣ

пешниҳод шудаанд. Матлабҳои «Ҳар узвро бидон, ки ба таҳқиқ рӯзаест» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 10 ноябр], «Шаби қадр аз ҳазор моҳ беҳтар аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 1 сентябр], «Суннатҳои иди Рамазон» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 8 сентябр], «Пурхӯрӣ ҷоиз нест» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 10 ноябр], «Фарҳангу оини ниёгонро ҳифз намоем» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 17 феврал], «Мактаби мустаҳкамсозии ирода» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 19 июл], «Рӯза рӯҳу ҷисмро пок месозад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 2 август], «Идро бе кинаву ҳасад истиқбол гирем» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 16 август], «Мақсад аз қурбонӣ дарёфти ризои Худованд аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 25 октябр], «Ид омаду ид омад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 25 октябр], «Идгардаки охирин» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 8 ноябр], «Дигар хӯроки шомро ба душман надиҳед. Олимони Исроил ба хулосае омадаанд, ки рӯза ба ҷисми инсон фоида дорад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 3 январ], «Рӯза нисфи сабр аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 4 июл], «Доми тазвир макун, чун дигарон «Қуръон»- ро....» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 18 июл], «Хурофот дин нест» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 3 июл], «Аз имтиҳони мактаби рамазон гузаштед?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 16 июн], «Маҳр чист? (Тӯҳфа барои арӯс ё нархнома?)» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 23 июл], «Кӯдакон идгардак накунанд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 30 июл] аз ин ҷумла ҳастанд.

Ҳафтаномаи «Озодагон» 20 маводро доир ба мавзуи дин ба табъ расонидааст, ки дар бештари онҳо пешниҳод ба мақомот, ба шаҳрвандони кишвар, сокинони шаҳри Душанбе дар мавриди ҷорӣ намудани баъзе тартибот, муносибат, ҳамраъйӣ ба миён гузошта мешаванд. «Хатнасур. Мавзуи №1-и телевизион» [«Озодагон», 2011. 30 март], «Шумо чӣ гуна саховат кардан мехоҳед?» [«Озодагон», 2011. 30 март], «Қурбонӣ ва тарзи адои он» [«Озодагон», 2011. 1 ноябр], «Ид, бебарқӣ ва носеҳони танзимгар» [«Озодагон», 2012. 24 октябр], «Илоҷи дардро мулло медонад ё табиб?» [«Озодагон», 2012. 18 январ], «Тоҷикистон ва озодии виҷдон» [«Озодагон», 2012. 18 январ], «Ҳикмати хайр» [«Озодагон», 2012. 25 июл], «Биё, биё, моҳи меҳр (ба истиқболи моҳи хайру

мубораки Рамазон)» [«Озодагон», 2011. 27 июл], ««Винетка»-и ч... бурӣ «сиёсати иҷтимоӣ»-и саховатмандон, раисон ё телевизион?» [«Озодагон», 2011. 20 апрел], «Рӯзи ҷаҳонии Қудс чист?» [«Озодагон», 2015. 15 июл], «Ид мояи хурсандӣ ё ташвиш?» [«Озодагон», 2014. 23 июл], «Абдуллозода кумак ба гадоёни «касбӣ»-ро ҳаром хонд» [«Озодагон», 2014. 26 ноябр], «Аз «мулло ҷодугар» то «корнамоӣ»-и як зан» [«Озодагон», 2013. 30 октябр] аз ҷумлаи матлабҳое ҳастанд, ки ҳафтанома ба табъ расонидааст.

Ҳафтаномаи «Миллат» вобаста ба мавзуъ ва масъалаҳои динӣ 83 матлаб чоп кардааст, ки дар бештарини онҳо мо проблемагузориро мебинем. Дар маводе, ки дар зер номбар мешаванд, мо ҳамин чизро мушоҳида мекунем: «Иқдоми рамазонии шаҳрдорӣ – инсоф дар бозорҳо» [«Миллат», 2010. 11 август], «Занони тоҷик пеш аз иди Қурбон «мемиранд» ва баъд аз ид дубора зинда мешаванд» [«Миллат», 2010. 3 октябр], «Иди Қурбон ва фазилати қурбонӣ намудан» [«Миллат», 2010. 18 ноябр], «Рамазон моҳи ибодату раҳмат ва хушомаду тамаллуқ» [«Миллат», 2011. 10 август], «Фитри рӯза ва тариқи адои он» [«Миллат», 2011. 24 август], ««Хун кардан»-и бадахшониёни исмоилӣ» [«Миллат», 2012. 11 январ], «Фоидаи маънавии рӯза» [«Миллат», 2013. 10 июл], «Раҳкушоӣ ба сӯи биҳишт» [«Миллат», 2014. 1 октябр], «Лаззати закот» [«Миллат», 2015. 24 июн].

Вобаста ба таносуби матлабҳо дар ин мавзуъ бояд бигӯем, ки дар давраи таҳқиқи мо рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳафтае се маротиба нашр мегардид, аммо «Ҷавонони Тоҷикистон», «Миллат» ва «Озодагон» ҳафтае як маротиба ба табъ мерасиданд, аз ин рӯ шумораи зиёд нишони таваҷҷуҳи бештар буда наметавонад.

Барои мушаххас будани таносуб ба таври муқоиса як матлабро вобаста ба ин мавзуъ аз нигоҳи сифат дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Миллат» аз назар мегузаронем.

«Ҷумҳурият» зери рубрикаи «Ба ифтихори 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ» матлаберо бо унвони «Шинохти масъулияти миллию динӣ зарур аст» [«Ҷумҳурият», 2010. 14 октябр] ба табъ расонидааст. Муаллифи он ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мебошад.

Муаллиф дар оғози матлаби худ доир ба моҳияти ормонҳои миллӣ сухан ронда, онҳоро аз нигоҳи худ гурӯҳбандӣ намудааст. Аз нигоҳи ӯ, ормонҳои миллӣ ба ормонҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ ҷудо шуда, озодии динию мазҳабии шаҳрвандон яке аз муҳимтарин ормонҳои миллӣ дониста шудаанд. Дар идомаи матлаби худ муаллиф таъкид мекунад, ки дар Тоҷикистони соҳибИстиқлол барои озодии динию мазҳабии сокинон ҳама шароит фароҳам буда, давлат барои густариши маорифи динӣ, маърифати динии шаҳрвандонаш корҳои зиёдеро ба сомон расонида истодааст. Муаллиф ин фикри худро бо мисолҳо собит мекунад. Дар баробари ин, ӯ масъулияти шаҳрвандонро низ таъкид мекунад, ки набояд ба доми фиреби қувваҳое, ки аз номи ислом ба бадном кардани ин дини мубин машғул ҳастанд, афтанд, ҳушёр бошанд, ба қадри озодиҳои динии худ расанд ва ба таълимоти бузургу асили эътиқодии худ пайравӣ кунанд. Муносибати ин матлаби нашрияро ба масъалаи нозук – маърифати динӣ метавон алоқаманд донист. Яъне, ин матлаб мавқеи идораи нашрияро ҳамчун нашрияи расмӣ-давлатӣ ифода менамояд ва шояд бо дархости идора навишта шуда бошад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки идораи нашрия услуби хоси корбарии худро дорад, барои иҷрои вазифаҳои оинномавии худ кӯшиш менамояд, чунки «дар фаъолияти эҷодӣ вазифаи аз ҳама муҳим ҷустуҷӯ ва интихоби услуб аст» [44, с. 42]. Ҳарчанд ин сухан ба услуби фардӣ алоқаманд аст, аммо ба назари мо, мавҷуд будани услуби хоси нашрия ҳам хеле муҳим аст. Ба назари мо ҳам, ин мавқеи давлатӣ аст, ки шаҳрвандон бояд маърифати зарурии диниро соҳиб бошанд, ба ифрот роҳ надиҳанд ва ба қадри ободии кишвару озодиҳои худ расанд.

Масъалаҳои динӣ дар ҳафтаномаи «Миллат» мавқеи намоён доранд, зеро тавре гуфтем, ин ҷузъи муҳимми фарҳанги миллӣ аз мадди назари ин расона ҳеҷ гоҳ дур набудааст.

Ин ҳафтанома зери рубрикаи «Миллат ва ислом» саҳифаи алоҳидае дорад, ки дар он масъалаҳои вобаста ба дин инъикосу баррасӣ мешаванд.

«Дар Ислом инсон озод аст, дар зиндагӣ ғулом. Чаро? Ё таҳаммулпазирӣ ва плюрализм (гуногунандешӣ) дар фазои динии Тоҷикистони муосир» [«Миллат», 2011. 11 август] матлабест, ки дар якуним саҳифаи ҳафтанома ҷой гирифта, боз

ҳам давомдор аст. Матлабро  сиёсатшинос А. Калонзод навиштааст. Муаллиф доир ба моҳияти демократия ва арзишҳои аслии он – таҳаммулпазирӣ ва гуногунандешӣ изҳори назар карда, воқеияти имрӯзаи ҷаҳонро ба таҳлил мегирад, ки ҳанӯз ҳам дар кишварҳои демократии  пешрафтаи олам ин арзишҳо ба маънои томи худ арзи ҳастӣ накардаанд. Дар идома муаллиф арзишҳои бунёдии ислом будани сулҳ, дӯстӣ, эҳтиром, таҳаммулпазирӣ ва чандандеширо таъкид намуда, дар мисоли фазои Тоҷикистон, ин кишвари мусулмонӣ ва заминаҳои қонунию воқеӣ доштани арзи вуҷуди ин арзишҳои муштарак изҳори андеша кардааст.

Ҳамин тавр, таносуби маводи вобаста ба мавзуи дин дар ду нашрияи мавриди назар гувоҳи он аст, ки ҳар дуи онҳо вобаста ба мавқеи худ ба мавзуъ муносибат кардаанд ва бартарӣ додан ба мавзуъ ва масъалаҳои динӣ ҳам аз ҳамин нуктаи назар буруз кардааст. Ин ҳақиқати рӯз аст, чунки «рӯйдод ва ҳаводиси воқеӣ то дер боз дар хотираву ҳофизаи аҳли ҷомеа боқӣ мемонад, зеро сурати воқеӣ ба зиндагӣ таъсири маълуму амиқтар дорад» [33, с. 47].

Ҳарчанд «Ҷумҳурият» он замон ҳафтае се маротиба нашр мешуд, вале аз нигоҳи фарогирии мавзуъҳои динӣ аз «Миллат», ки дар ҳафта як маротиба нашр мешуд, пешқадамтар нест. Фарогирии мавзуъ дар ин нашрия дар доираи маҳдуд боқӣ мондааст.

Мушоҳида ва баррасиҳои мо гувоҳи онанд, ки дар ҳафтаномаи «Миллат» ба мавзуъ ва масъалаҳои динӣ ҳамчун муҳимтарин ҷузъи фарҳанги миллӣ муносибат шудааст. Доираи васеи фарогирии мавзуъ ва масъалаҳо гувоҳи ин аст.

Ҳадафи ин фасли кори мо низ дар ҳамин аст, ки ин ҷузъиёти муҳим – чун ҷузъи фарҳанги миллӣ баррасӣ шудани масъалаҳоро пайгирӣ намоем. Мо ба матолиби нашрияҳо аз ҳамин нуқтаи назар муносибат кардем.

Дар нашрияи «Ҷумҳурият» ба мавзуъ аз нигоҳи расмияти он асосан таваҷҷуҳ шуда, ҷиҳати муҳимме, ки зикраш рафт, чандон дида намешавад. Дар матолибе, ки «Миллат» нашр кардааст, ин хусусият равшан аст, ҳарчанд дар маводи нашрия баъзан зиёдаравиҳо ҳам ба назар расиданд. Нодида гирифтани мавқеи расмӣ-давлатӣ, якҷониба баррасӣ намудани масъала (дар мисоли матлаби

«Зойирон дар «дом»-и Ҳаҷ–2010») [«Миллат», 2011. 22 ноябр] аз ин ҷумла ҳастанд.

Ҷиҳати дигари таносуби маводи нашрияҳо дар ин мавзуъ истифодаи онҳо аз сарчашмаҳои дигар, ба монанди радиои «Озодӣ» мебошад, ки дар мисоли баррасиҳои мо дида шуд, ҳар яке маводи ба дидгоҳи худ мувофиқро аз сомонаи ин радио бознашр кардаанд.

Ҷанбаи дигаре, ки ҳангоми таносуби маводи ин нашрияҳо ба назар расид, забони баёни онҳо мебошад. «Ҷумҳурият» ба меъёрҳои забони адабии роиҷ бартарӣ медиҳад, дар «Миллат» бошад, тақлид ба забони форсӣ ё ба таври дигар, шеваи баёни эронӣ, ки дар он истифодаи калимаҳои арабӣ фаровон аст, бештар ба назар расид. Ин раванд чандон қобили қабул нест, зеро ба доираи фаҳмиши хонандагон мувофиқат намекунад.

Хусусияти публитсистии чанд маводи ҳар ду нашрия ҳам шоистаи зикр аст, зеро бо гузашти солҳо моҳияти онҳо аз миён намеравад, балки масъалаи рӯз будани он маълум шуда меистад. Як нуктаи дигар шоистаи таъкид аст, ки дар матолиби «Миллат» ҳунару маҳорати касбии муаллифони матлабу мусоҳибаҳо ва ҷуръату иродаи чопи баъзе аз матолиб аз ҷониби роҳбарияти ҳафтанома равшан ба назар мерасад. Яъне, ин ҳолат далели мавҷуд будани гуногунандешӣ ва озодии сухан дар кишвар аст, ки ба рӯзноманигорон имкони баёни озодонаи ақидаву фикрро фароҳам овардааст.

Дар маҷмуъ, ҳар ду нашрия ба масъалаҳои динӣ эҳтиёткорона муносибат карда, барои аҳолии кишвар ҳассос будани онро ба инобат гирифта, ҷузъи муҳимми фарҳанги миллӣ будани эътиқоди мардумро дар мадди назар доштаанд.

Ин таносуби масъалаҳоро дар мисоли ҳафтаномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон» ва «Озодагон» ҳам гуфтан мумкин аст.

**Г. Фарҳанги миллӣ дар партави ҷаҳонишавӣ.** Ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳимми фарҳангии замони муосир мебошад, ки нашрияҳо ҳам бо назардошти зарурати он муносибат кардаанд.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» вобаста ба ин мавзуъ 33 мавод ба табъ расонида, ин масъаларо аз чанд паҳлу ба баррасӣ гирифтааст: «Давлат ба арзишҳои миллӣ

ҳамеша арҷ мегузорад» [«Ҷумҳурият», 2010. 10 июл], «Шартҳои нави издивоҷ бо хориҷиён муқаррар гардид» [«Ҷумҳурият», 2011. 29 январ], «Ақидаву маросимҳои бегона ривоҷ наёбанд...» [«Ҷумҳурият», 2012. 18 феврал], «Қонун «даст»-и издивоҷҳои дурӯғинро бурид» [«Ҷумҳурият», 2014. 4 март], «Алҳазар аз Ҳеллоуин» [«Ҷумҳурият», 2014. 29 ноябр], «Дискоклубҳо – зарба ба арзишҳои миллӣ» [«Ҷумҳурият», 2015. 3 январ], «Аз таърих ва вижагиҳои ҷашнгирии Соли нав» [«Ҷумҳурият», 2011. 1 январ], «Мушу бақару палангу харгӯш шумор» [«Ҷумҳурият», 2011. 1 январ], «Репсароён аз ҳад мегузаронанд» [«Ҷумҳурият», 2012. 19 феврал], «Ифроти мо ба Facebook гузаштааст» [«Ҷумҳурият», 2012. 19 июн], «Наслҳо бо ҳам мепайванданд. Риштае, ки медиҳад пайванд» [«Ҷумҳурият», 2012. 1 январ], «Маъюб он нест, ки бадани заиф дорад, маъюб он аст, ки иродааш заиф аст» [«Ҷумҳурият», 2012. 1 январ], «Банаворгирии «Марҳабо, Соли нави 2015!»« [«Ҷумҳурият», 2014. 12 декабр], «Барои фардои осудаву ободи Тоҷикистон мекӯшем» [«Ҷумҳурият», 2014. 1 январ], «Дарди куҳна ва соли нав» [«Ҷумҳурият», 2014. 7 январ], «Рекламаи фаҳш хилофи қонун аст» [«Ҷумҳурият», 2014. 14 январ], «Таърихи пайдоиши Санта Клаус – Николайи Муқаддас» [«Ҷумҳурият», 2015. 30 январ] аз ин шумор ҳастанд.

Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» дар ин мавзуъ 19 мавод нашр кардааст, ки «Репи тоҷикӣ» ва ифрот» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 29 апрел], «Филмҳои фаҳшу зӯроваридошта фурӯхта нашаванд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 27 январ], «Солшумории ниёгон» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 29 декабр], «Соли нав ба Ҳазрати Исо чӣ вобастагӣ дорад?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 29 декабр], «Бобои Барфӣ аз куҷо омадааст?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 29 декабр], «Ҷаҳонишавӣ ба тарбия таъсир мерасонад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 27 январ], «Рэп сароем ё не?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 2 феврал], «Зӯроварии хонаводагӣ ҷиноят аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 29 март], «Шармидан аз ёд баровардем?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 20 июн], «Интернетро дуруст истифода бояд бурд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 10 январ], «Арча – рамзи Соли нав» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 26 декабр], ««Армуғон» -и солинавии «Билайн», «Ҷазо»

барои истифода аз забони тоҷикӣ?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 8 январ], «Оши «сартахта» макрӯҳ аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 11 март], «Бизнеси сердаромад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 12 август] аз ҷумлаи онҳоянд.

Масъалаи ҷаҳонишавӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи ҳайати эҷодии ҳафтаномаи «Озодагон» қарор доштааст. Вобаста ба ин масъала 26 мавод нашр гардидааст, ки дар онҳо, асосан, аз таъсири манфии ҷаҳонишавӣ бонги изтироб зада шудааст: «Муҳоҷирати хитоиҳо ба Тоҷикистон хатар дорад?» [«Озодагон», 2010. 19 май], «Яъҷуҷу маъҷуҷ моро фурӯ мебаранд» [«Озодагон», 2012. 1 феврал], «Густариши ҳузури Чин шуморо ба ташвиш намеорад?» [«Озодагон», 2014. 17 сентябр], «Эҳсоси хатар. Тадбир бояд ҷуст» [«Озодагон», 2012. 4 январ], «Қатли «Бобои барфӣ» дар Душанбе чӣ омил дошт?» [«Озодагон», 2012. 4 январ], «Афзоиши донишгоҳҳои хориҷӣ: манфиат ё хатар? Бояд фикри миллиро ҳифз намуд» [«Озодагон», 2012. 11 январ], «Таноқузи арзишҳо ва истифодаи дуруст» [«Озодагон», 2012. 18 январ], «Масъули бадбахтии ҷавонон кист?» [«Озодагон», 2012. 5 сентябр], «Вакуум ё реп мехонем: (мезанем бо чаллаву бо калла)» [«Озодагон», 2012. 17 октябр], «Неомусулмонизм» [«Озодагон», 2011. 2 феврал].

Ҳафтаномаи «Миллат» ҳам ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, 7 мавод нашр кардааст: «Ҷиянҳо»-и чинии моро кӣ парвариш мекунад?» [«Миллат», 2010. 28 июл], «Фоҳишагарӣ мояи нигаронии мақомоти тоҷик шудааст» [«Миллат», 2014. 5 феврал], «193 домоди хориҷӣ дар соли 2014» [«Миллат», 2015. 28 январ], «Миллати бемор: афзоиши фоҳишаҳо ва мардони ҳамҷинсгаро» [«Миллат», 2015. 6 май], «Оё табодули фарҳангӣ таҳоҷуми фарҳангист?» [«Миллат», 2010. 6 май], «Таназули фарҳанги миллӣ аз хоб аст?» [«Миллат», 2010. 6 май], «Ҳар гуна тавзеҳи ҳамҷинсбозорӣ маҳкум мекунам!» [«Миллат», 2011. 6 апрел] аз матлабҳое ҳастанд, ки ҷанбаи таҳлилиашон бештар аст.

Чун дар фасли якуми боби дуюми диссертатсия бо назардошти муҳиммияти масъала онро алоҳида дар мисоли матолиби ду ҳафтанома таҳлил кардаем, ин ҷо бо зикри шумораи таносуби маводи нашрияҳо иктифо мекунем.

Танҳо ин ҷиҳатро тазаккур медиҳем, ки хусусияти нашрияҳо ҳангоми таҳқиқи мо дар инъикоси ин мавзуъ ҳам равшан аст. Яъне, бархӯрди гуногун ба масъала ва ба ҳамин восита баррасӣ шудани чанд паҳлуи як масъала мушоҳида гардид.

**Ғ. Фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ.** Фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ яке аз бахшҳои фарҳанги миллии мо мебошад. Нашрияҳо ҳам ба ин масъала таваҷҷуҳ намудаанд. «Ҷумҳурият» вобаста ба ин мавзуъ 7 мавод: «Насрониҳои кишвар ҷашни Пасхаро истиқбол карданд» [«Ҷумҳурият», 2011. 26 апрел], «Гуфтугӯ перомуни ақаллиятҳои миллӣ буд» [«Ҷумҳурият», 2011. 28 июл], «Насрониҳои кишвар фисҳро ҷашн гирифтанд» [«Ҷумҳурият», 2012. 17 апрел], «Ҷашни насрониёни православӣ» [«Ҷумҳурият», 2014. 4 январ], «Эҳёи Исоро ҷашн гирифтанд» [«Ҷумҳурият», 2014. 23 апрел] нашр кардааст.

Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» 14 мавод нашр кардааст, ки «Лӯлиён: ҳазор соли шодию ғам» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 18 март], «Фолбинҳо авлиё нестанд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 27 октябр], «Ҷӯгигӣ ё хислати нави тоҷикписарон?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 13 январ], «Лӯлизанҳо аз мардум чӣ мехоҳанд? Онҳо талбандаанд ё фолбин» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 27 январ], «Халқияте дар гирудори таърих. Қарлуғҳо: дирӯз, имрӯз, фардо» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 17 феврал] [дар се шумора], «Гадоҳо маданият бояд омӯзанд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 6 сентябр], «Довталабони ӯзбекзабон тоҷикиро намедонанд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 18 сентябр], «Ҷӯгиҳо ҳам муҳоҷир шуданд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 12 март], «Ба талбандаҳо ҷазо таъин шавад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 1 октябр], «Фолбинҳо минбаъд маҳбас мешаванд!» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 22 октябр] аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар ҳафтаномаи «Озодагон» 4 мавод ба табъ расидааст: «Агар тоҷик худро ӯзбак гӯяд, ӯзбак менависем» [«Озодагон», 2010. 21 апрел], «Ӯзбек»-ро танҳо суд метавонад «тоҷик» кунад?» [«Озодагон», 2010. 21 апрел], «Обунаи маҷбурӣ ба матбуоти ӯзбакӣ» [«Озодагон», 2011. 5 январ], «Чаро ҷӯгиҳо муфтхӯрӣ мекунанд?» [«Озодагон», 2015. 12 август].

«Миллат» дар ин мавзуъ 8 мавод нашр кардааст: «Ояндаи мо ё сабаҳи туркманӣ?» [«Миллат», 2010. 29 сентябр], «Ҷӯгиёни Тоҷикистонро аз Русия депортатсия мекунанд» [«Миллат», 2011. 3 август], «Ҷӯгиҳо аз Ҳинд омадаанд?» [«Миллат», 2011. 23 ноябр], «Туркмандухтарони Ҷилликулро тоҷирони турк қолибоф карданд» [«Миллат», 2012. 18 апрел], «Раиси ӯзбакзабонони Хатлон: Вазир гуфт, барои президент чӣ лозим гуфтани суханҳое, ки боиси ранҷиши ҳамсоя шавад. Кадом вазир?» [«Миллат», 2012. 25 апрел], «Ба иҷрокунандаи вазифаи сардабири рӯзномаи Миллат Фирдавси Рустам» [«Миллат», 2012. 2 май], «Украинҳо дар «Евромайдонҳо» Маҷнуни Украина дар Душанбе» [«Миллат», 2013. 30 декабр], «Кӣ тарафдор? Муқобил, бетараф, нест» [«Миллат», 2010. 11 феврал].

Ин мавзуъ низ чун паҳлуи муҳимми фарҳанги миллӣ аз ҷониби мо дар фасли алоҳида баррасӣ шудааст.

**Д. Фарҳанги либос ва ҳунарҳои дастӣ.** Фарҳанги либос ва ҳунарҳои дастӣ ҳам яке аз ҷузъҳои муҳимми фарҳанги миллии мо мебошад. Мо инъикоси ин мавзуъҳоро ҳам дар нашрияҳои мавриди назар аз нигоҳи таносуб таҳқиқ кардем.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» вобаста ба ин мавзуъ 28 мавод нашр кардааст, ки интихобан чанде аз онҳоро номбар мекунем: «Обуранги либоси миллӣ» [«Ҷумҳурият», 2015. 2 апрел], «Мӯди нав: куртаро медӯзанду кисаро медаронанд» [«Ҷумҳурият», 2015. 12 август], «Атласи тоҷикӣ эҳё мешавад» [«Ҷумҳурият», 2015. 23 апрел], «Чӣ тарз либос пӯшем?» [«Ҷумҳурият», 2014. 4 январ], «Муаррифии либоси тоҷикӣ дар Италия» [«Ҷумҳурият», 2015. 4 сентябр].

Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» дар ин мавзуъ 11 мавод нашр кардааст: «Намоиши ҳунарҳои дастӣ дар «Подарки»« [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 19 март], «Эҳёи қолинбофӣ дар Суғд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 6 март], «Намоиши ҳунарҳои миллӣ» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 6 апрел], «Хандаи ҳусн» дар Суғд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 9 сентябр], «Маҳсулоти ҳунарҳои дастии Тоҷикистон дар Франкфурт муаррифӣ мешавад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 6 август], «Кулолгарӣ хоси тоҷикон аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 16 январ], «Либоси танг хоси зани тоҷик нест» [«Ҷавонони

Тоҷикистон», 2010. 18 август], «Мукаррама Қаюмова: «Либос рамзи миллат аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 10 ноябр], «Фарҳанги либоспӯширо коста накунем» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 27 январ], «Аз баҳси сатру риш суде нест» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 26 июн], «Муаррифи гулдӯзии тоҷикӣ дар Лаҳистон» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 23 июл] аз ҷумлаи чунин матолибанд.

«Озодагон» дар ин мавзуъ 4 мавод нашр кардааст: «Ҳиҷоб ё дискотека: кадоме хоси фарҳанги мост?» [«Озодагон», 2012. 24 октябр], «Галстуки аврупоӣ ё либоси шарқӣ. Кадоме ба фарҳанги миллии мо наздиктар?» [«Озодагон», 2015. 22 апрел], «Ҳиҷобу риш: «Пуршӯртарин» баҳси ҷомеаи асри 21-и тоҷик?» [«Озодагон», 2015. 27 май], «Ҳиҷоб: Либоси исломӣ ё худнамоӣ?» [«Озодагон», 2013. 3 июл] ба табъ расонидаанд.

Ҳафтаномаи «Миллат» доир ба фарҳанги либоспӯшӣ 5 мавод: «Аз фаранҷисӯзӣ то фаранҷипӯшӣ: Зани тоҷик кай озод буд?!» [«Миллат», 2011. 2 март], «Юбка дониш намедиҳад» [«Миллат», 2014. 19 март], «Ифрот дар пӯшиш ва урёнсозӣ» [«Миллат», 2015. 1 июл], «Иди атлас ё гарм кардани бозори моли Ӯзбакистон?» [«Миллат», 2010. 22 июл] ба табъ расонидааст.

**Ҷадвали 1. Таносуби маводи фарҳангӣ дар нашрияҳои мавриди назар**

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Теъдоди маводи нашршуда вобаста ба мавзуъҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Рӯзномаи «Ҷумҳурият» | Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» | Ҳафтаномаи «Озодагон» | Ҳафтаномаи «Миллат» |
| **А.** | Ҷашнҳои миллӣ ва умумимиллӣ | 246 | 70 | 6 | 24 |
| **Б.** | Ҷашну маросимҳои мардумӣ | 32 | 4 | 1 | 3 |
| **В.** | Аркон ва ахлоқи динӣ | 150 | 33 | 20 | 83 |
| **Г.** | Ҷаҳонишавӣ ва фарҳанги миллӣ | 33 | 19 | 26 | 7 |
| **Ғ.** | Фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ | 7 | 14 | 4 | 8 |
| **Д.** | Фарҳанги либос ва ҳунарҳои дастӣ | 28 | 11 | 4 | 5 |
| **Дар маҷмуъ** | | **496** | **151** | **61** | **130** |

Аз ҷадвали боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар инъикоси масъалаҳои гуногуни фарҳангӣ рӯзномаи «Ҷумҳурият» пешгом аст. Баъдан дар ин самт «Ҷавонони Тоҷикистон» пешоҳангӣ дорад. Аз нигоҳи таносуб, бештар баррасӣ гардидани масъалаҳои гуногуни фарҳангӣ, махсусан ҷашнҳои умумимиллӣ, аркону ахлоқи динӣ дар ду рӯзномаи расмии давлатӣ нишондиҳандаи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Тоҷикисон дар масъалаҳои фарҳангӣ ва арзишҳои миллӣ аст.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки нашрияҳои мавриди назари мо дар саҳифаҳои худ ба ҳама ҷузъҳои фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳ намуда, онро вобаста ба самту салоҳияти худ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Таҳлили таносубии мо ҳарчанд, асосан, ба миқдори матолиб такя мекунад, аммо ба муҳтавои якчандтои онҳо таваҷҷуҳ намудани мо моҳияти миқдорро ошкор месозад. Яъне, дар мисоли ин нашрияҳо – расмӣ-давлатӣ ва мустақил мо ҳамаҷониба баррасӣ шудани масъалаҳо ва риоя гардидани тавозуни инъикоси мавзуъҳоро мушоҳида намудем.

## 1.2. Нақши матбуоти даврӣ дар бозтоби ҷашнҳои фарҳангии миллӣ ва динӣ

Фарҳанг нишонаи тамаддуни миллат аст. Он шакли шуур ва ҳастии миллат буда, натиҷаи таҷрибаи ҳамзистии одамон аст, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ба даст омадааст. Ташаккули фарҳанг бо таърихи башарият пайвастагии зич дошта, он дар робита бо инсон ба вуҷуд омадааст. Дар раванди инкишофи шууру маънавиёти инсон фарҳанг низ такомул ва рушд меёбад. Фарҳанг самараи офаридаи худи инсон аст. Яъне бо ҷаҳду талош ва меҳнатҳои дуру дарози башарият офарида шудааст. Решаи калимаи «фарҳанг» ва маънои он низ ҷолиб аст. Он калимаи рехта аст ва аз ду ҷузъи аслан мустақил сохта шудааст, ки имрӯз ҷузъҳои он дар алоҳидагӣ ба кор намераванд. Истилоҳи «фарҳанг» аввалин маротиба дар китоби динии зардуштиён «Авесто» ёдоварӣ шудааст. Худи калимаи «фарҳанг» ... аз ду бахш «фар» ва «ҳанг» иборат буда, бахши «фар»

маънои комёбиҳои давраи пеш, бахши «ҳанг» маънои овардан ва ё аз насл ба насл гузаштани комёбиҳои давраи пеш» [104, с. 16-17].

Дар «Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ» мафҳуми «фарҳанг» чунин шарҳ ёфтааст: «маҷмуи объект ва субъекти фаъолияти моддӣ ва маънавии инсон. Маҷмуи тамоми хусусиятҳои фикрӣ, маънавӣ ва ботиние, ки ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоиро мушаххас мекунад. Фарҳанг на танҳо ҳунару адабиёт, балки шеваҳои зиндагӣ, ҳуқуқи асосии башар, низомҳои арзишӣ, суннатҳо ва боварҳоро низ фаро мегирад. Фарҳанг навъҳои гуногун дорад ва публитсистикаро низ метавон як навъи он ҳисобид, зеро публитсиситика дар баробари адабиёт, санъати тасвирӣ, кино, театр ва ғайра як навъ маърифати руҳии воқеияти иҷтимоӣ аст» [48, с.378].

Бо мурури тараққиёти ҷамъият мафҳуми фарҳанг маънои васеътар касб кард ва ба маъноҳои тарбияёфта, маърифатнок, муаддаб, маълумотдор, хушахлоқ фаҳмида мешуд. Дар забони форсии миёна фарҳанг ба маънои донишу ақл, одоб, китоби луғат, тадбир, санҷидан истифода мешуд. Яъне инсоне, ки бофарҳанг аст, албатта, ақлан, шууран, рӯҳан аз атрофиён фарқ дорад.

Олимони соҳа ба паҳлуҳои гуногуни мафҳуми фарҳанг таваҷҷуҳ намуданд. В. Дал маънои фарҳангро ба нигоҳубину парвариш кардан, маърифатнокии фикрӣ ва ахлоқӣ алоқаманд мекунад. Маорифпарварони олмонӣ И. Гердер, С. Пуфендорф ва А. Аделунг фарҳангро «азнавсозии фаъолиятноки олам аз тарафи одам» [104, с. 16-17] медонистанд.

Аз гуфтаҳои олимону муҳаққиқон чунин хулоса кардан мумкин аст, ки фарҳанг дастовардҳои моддию маънавии аҳли башар аст, ки инсоният дар тӯли фаъолият бо кӯшишу ғайрати пай дар пайи худ ба даст овардааст.

Маҳз ба туфайли ин ки фарҳанг ҷузъи муҳимми ҳаёти ҷомеаи башарӣ аст, инъикоси зуҳуроти он, ҳама воқеаҳои рӯзмарраи ба он алоқаманд аз вазифаҳои марказӣ ва асосии воситаҳои ахбори омма ба шумор меравад. Дар баробари ин, рисолати воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла матбуот, дар он зоҳир мешавад, ки ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ арзишҳои ҷомеаро аз тариқи инъикоси дуруст, тарғиб, ба вуҷуд овардани афкори умум нигоҳдорӣ намояд, барои устувории онҳо мубориза барад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимияти фарҳангро барои ҳар як миллат чунин тавсиф менамояд: «Фарҳанг, бешубҳа, ифодагари руҳи миллӣ, расму русум, анъана ва хотираи таърихии ҳар халқу миллат мебошад. Аз фарҳангу ҳунар дида, башарият барои ба ҳам наздик кардани инсонҳо ва ваҳдати умум воситаи самараноктареро эҷод накардааст» [151, с.33-34].

Бинобар ин, дар шароити муосир ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои фарҳанг ва омӯзиши он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ҷомеаи фарҳангии мо тавассути инъикос ва баррасии фарҳанги худ дар ВАО арзишҳои миллии худро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамояд. Ҳамчунин тавассути инъикоси фарҳанги гузаштаву имрӯза, мо мероси фарҳангии ниёгон ва имрӯзиёнро ба ояндагон мерос мегузорем.

Ҳаёти сиёсию иҷтимоии имрӯзаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар нигоҳдории фарҳанг ҳамчун арзиши миллию давлатӣ ҳамаи ниҳодҳои давлатию иҷтимоӣ саҳм доранд. Махсусан, дар замони Истиқлолият як силсила қонуну қарорҳои зарурӣ, аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» аз 6.08.2001, таҳти №42, «Барномаи ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020», «Дар бораи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3.03.2006, таҳти №178, «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Дар бораи қоидаҳои ташкил ва низоми нигоҳдории ҳудудҳои таърихию фарҳангии махсус ҳифзшаванда» аз 30.05.2004, таҳти № 262, «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020» аз 03.12. 2011, таҳти № 577, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (соли 1997), «Дар бораи таъсиси мавзеъҳои муҳофизатии объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ» аз 30.05.2004, таҳти № 274; «Дар бораи қоидаҳои низоми нигаҳдории мавзеъҳои муҳофизатии объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ» аз 31.12.2008, таҳти № 664 қабул шуда, инчунин як қатор ёдгориҳои ватанӣ ба феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидаанд, аз ҷумла, Наврӯз соли 2011 дар арсаи байналмилалӣ пазируфта шуда, «Чакан», «Шашмақом» дар феҳрасти

мероси фарҳангии умумиҷаҳонӣ дохил гардиданд, инчунин соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардиданд, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ дар мамлакат шароити мусоид фароҳам оварданд.

Ҳамаи ин қонун ва қарорҳо маҳз тавассути воситаҳои ахбори омма ба мардум шиносонида шуда, ба туфайли ин дар байни мардуми кишвар фаҳмиши арҷгузорӣ ба фарҳанг, расму оин, анъана ва дин, гуногунрангии динӣ, таҳаммулпазирӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Ҳамчунин, дар даврони соҳибИстиқлолӣ бунёди як қатор иншооти фарҳангӣ, аз ҷумла Қасри миллат, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, бунёди қасрҳои фарҳанг дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ мусоидат хоҳанд кард, ки фаъолияти онҳо ҳам тавассути матбуоти даврӣ тарғиб мешавад.

Дар партави ҳамин қарору қонунҳо имрӯзҳо матбуоти даврӣ ва воситаҳои дигари ахбори омма таваҷҷуҳи мардуми ватанӣ ва хориҷиро ба ҷашну идҳои миллии тоҷикон – Наврӯз, Меҳргон, Сада, маросимҳои гулгардонӣ, ашагулон, сайри лола, суманак, иди харбуза, иди асал ва анъана ва урфу одатҳои маъракаороӣ, тарбияи фарзанд, ҳунармандӣ, манзилдорӣ, либоси анъанавии миллӣ – атлас, чакан, таомҳои миллӣ ҳар чи бештар ҷалб мекунанд ва муносибати дуруст ва созандаро дар мавриди ин ҷашнҳо тарғиб менамоянд.

Бо ташаббуси Сарвари давлат баргузор намудани Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии шашмақомхонҳо таҳти унвони «Ганҷи ниёгон», Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб», фестивалҳои ҷумҳуриявии ансамблҳои оилавӣ таҳти унвони «Дунёи саодат», «Ҷилваи чакан», «Иди атласу адрас», «Чакомаи гесӯ», фестивалҳои ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасон», Фестивали байналмилалии ҳунарҳои бадеии халқ – «Бозори ҳунар», озмунҳои ҷумҳуриявии «Чароғи ҳидоят», «Даргоҳи ҳунар ва маърифат», инчунин, ташкил ва роҳандозии «Корвони китоб», озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман!» ва дигар чорабиниҳои нави фарҳангӣ ба ҳукми анъана даромад.

Дар тарғиби ин чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ нақши матбуоти даврӣ хеле калон аст. Аввалан, эълон гардидани онҳо ҳамчун рамзи бузургдошти арзишҳои миллӣ ва зарурати ривоҷу равнақ бахшидани онҳо маҳз тавассути воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, матбуот сурат гирифтанд, ки ин айният аст.

Дар баробари ин, дар шароити имрӯза фазои иттилоотӣ сарҳади худро шикаста, доман паҳн мекунад. Бинобар ин таъсири ҷаҳонишавӣ тавассути ВАО боз ҳам шиддатноктар мегардад. Ин таъсир, пеш аз ҳама, маънавиёт, ахлоқ ва фарҳанги мардумро фаро мегирад. Аз ин лиҳоз ВАО, аз ҷумла матбуот, бояд фазои фарҳангии кишвари худро, пеш аз ҳама, тавассути пур кардани ҷойи холӣ ҳимоят кунанд ва дар навбати худ барои тарғиби фарҳанг, таърих ва ҳувияти миллатҳои кишвари худ талош намоянд.

Бесабаб нест, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон масъалаи фарҳанг, оила ва ахлоқро дар мадди аввал гузошта, таъкид медорад: «Фарҳанг чун падидаи бузург ва арзишманду муассири рӯзгори иҷтимоӣ дар таърих ва рушди маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон пайваста нақши назаррас мебозад» [104, с. 3].

Чунон ки қаблан низ қайд гардид, таваҷҷуҳи мо, асосан, дар ин рисола бештар ба масъалаҳои расму оинҳо, анъанаҳо, ҷашнҳои миллӣ, масъалаҳои динӣ, фарҳанги оиладорӣ, муносибати байнифарҳангии миллатҳои маскуни Тоҷикистон равона гардидааст, ки аз омилҳои хеле муҳимми ташаккули маънавиёти аҳли ҷомеа ба шумор мераванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ба масъалаҳои марбут ба фарҳанг таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, таъкид намуда буданд, ки: «...мақсаду вазифаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин, дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон, густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад» [151, с. 33-34].

Ба туфайли чунин доманадорӣ ба масъалаи фарҳанг муҳаққиқони соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, аммо дар доираи мавзуъ ва объекти баҳс мо, асосан, ба таҳқиқоти олимони соҳаи журналистика таваҷҷуҳ менамоем. Бояд

бигӯем, ки муҳаққиқони журналистика низ ба туфайли доманадории мавзуи фарҳанг паҳлуҳои гуногуни онро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Дар сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, осори шоирону нависандагон низ дар мавриди фарҳанги миллии мардуми тоҷик маълумоти зиёду ҷолиб ба мушоҳида мерасанд. Чунончи, Абӯрайҳони Берунӣ дар мавриди баъзе ҷашнҳо сухан ронда, дар китоби «Китоб-ут-тафҳим-ли авоилис- саноатит-танҷим» менависад: «Меҳргон - шонздаҳум рӯз аст аз меҳрмоҳ ва номаш Меҳр. Ва андар ин рӯз Афридун зафар ёфт бар Биюросби Ҷоду, онки маъруф ба Заҳҳок. Ва ба кӯҳи Дамованд боз дошт. Ва рӯзҳо, ки зи паси Меҳргон аст, ҳама ҷашнанд бар кирдори ончи аз паси Наврӯз бувад. Ва шашуми он Меҳргони бузург бувад ва Ромрӯз ном аст ва бад-ин донандаш» [144]. Ҳамчунин, осори шоиреро наметавонем, бе тасвири иду ҷашнҳо, расму оинҳо тасаввур созем.

Лозим ба таъкид аст, ки саҳми матбуоти даврии тоҷик дар тарғиб ва ташвиқи соҳаи фарҳанг назаррас аст. Он барои тарғиби дурусти масъалаҳо аз усулу воситаҳои гуногун кор мегирад. Матбуот танҳо муваффақиятҳоро нишон намедиҳад, он тавассути проблемагузорӣ, танқид кӯшиш менамояд, ки норасоиҳои ҷомеаро ислоҳ кунад.

Ба баррасии масъалаҳои фарҳанги миллӣ ва динӣ оғоз намуда, таъкид менамоем, ки ҷашнҳои Меҳргон, Сада ва Наврӯз ҳамчун рамзи таърихи қадимаи миллати тоҷик ҳамеша дар сархати хабарҳои матбуоти даврӣ қарор доранд. Онҳоро ҷашнҳои «сегона» номидани муҳаққиқон бесабаб нест. Оғози онҳо ҷашни Сада аст, ки панҷоҳ рӯз пеш аз Наврӯз ҷашн гирифта мешавад, баъдан ҷашни Наврӯз ва дар фасли тирамоҳ ҷашни ҳосилот – иди Меҳргон таҷлил мегардад.

Ҳангоми пахши иттилоъ дар мавриди ин ҷашнҳо дар матбуоти даврӣ анъанае ҳукмрон гардидааст, ки бо наздикшавии ҷашнҳо маълумоти таърихӣ, маводи таҳлилӣ, ташаббусҳо, иқдомҳо дар шакли хабару гузоришҳои гуногун нашр карда мешавад, сипас, хабару гузоришҳо аз маросими баргузории чорабиниҳо омода мегардад ва ниҳоят, дар марҳалаи сеюм бардоштҳо, таҳлилу хулосаҳо рӯйи чоп меоянд.

Маводи аввал оид ба ҷашни Сада дар сомонаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» - «www.jumhuriyat.tj« соли 2015 таҳти сарлавҳаи «Сада ҷашни офтоб аст, на оташ» аз тарафи мухбири рӯзнома аз ноҳияи Рӯшон Лутфишоҳи Қиматшоҳ омода ва интишор шудааст. Муаллиф оид ба анъанаҳои мардуми Бадахшон ба муносибати ҷашни Сада маълумот дода, ҳар як ҷашнҳоро ба тафсил таҳлил ва баррасӣ менамояд. Дар мавод зикр ёфтааст, ки маросими наврӯзӣ дар кӯҳистони Бадахшон чаҳор марҳиларо дар бар мегирад: 1. 30-31 январ – Офтоб дар мард ё худ Сада. 2. 22-23-юми феврал – Батаём. 3. 18-19-уми март – Боғнихтайд Остоннихътайд (сайри боғ ё сайри мазор). 4. 21-22-юми март – Гъамуд ё Хидир айём – Иди бузург.

Муаллиф ҳар як марҳилаи маросимҳоро дар алоҳидагӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст. Ӯ Садаро ҳамчун оғози ҷашни Наврӯзии Бадахшон муаррифӣ намуда, ба сарчашмаҳои таърихӣ, ба мисли «Осор-ул-боқия»-и А. Берунӣ ручуъ менамояд. Аз забони муҳаққиқ ёдрас мешавад, ки Сада ҳамчун ҷашни бузурги эрониёни қадим дониста мешавад. Дар Тоҷикистон бошад, ҳамчун аз сардӣ ба гармӣ гузаштани табиат ё худ оғози баҳор таҷлил карда мешавад. Муаллифи мавод бо баррасии мавзуи мазкур таъкид намудан мехоҳад, ки мардуми Бадахшон чун ҷузъи ҷудонопазири таърихи куҳани миллати тоҷик анъанаҳои пешиниёнро нигоҳ медоранд ва расму оинҳои гузаштагонро бузург дошта, ба онҳо арҷ мегузоранд.

Мавзуи мазкур, умуман, аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, дар ҳафтаномаҳои дигар низ пайгирӣ мешавад. Аз ҷумла, дар ҳафтаномаи «Миллат» таҳти сарлавҳаи «Наврӯзи Бадахшон ба ривояти Би-би-сӣ», дар рӯзномаи Ҷумҳурият «Ҳисоб аз офтоб мегиранд», «Вижагиҳои Наврӯзи Бадахшон» ва якчанд маводи дигар оид ба ҷашни Сада ба табъ расидааст.

Маълум аст, ки ҷашни Наврӯз дар Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад. Дар матбуот омодагӣ ба ҷашни Наврӯз аз оғози моҳи март, ҳатто барвақттар низ ба назар мерасад. Тамоми матбуоти даврӣ дар ин давра омодагӣ, ҷашнгирӣ, бурду бохти ҷомеаро дар ин маърака инъикос менамоянд.

Масъалаи аз ҳама муҳим дар матбуот даъват ба худшиносӣ, арҷгузорӣ ба расму оинҳо ва ҷашнҳои миллӣ аст. Ин, қабл аз ҳама, дар мавриди ҷашни Наврӯз аз нашри маводи таърихӣ дар бораи ин ид оғоз мегардад. Нигорандагон кӯшиш мекунанд, ки ягон факт, далели нави таърихиро ба хонанда пешниҳод намуда, ба ин восита мардумро ба худогоҳии миллӣ даъват намоянд.

Дар ҳафтаномаи «Озодагон» зери сарлавҳаи «Сайри таърихии Наврӯз» [«Озодагон», 2012. 14 март] мақолаи Ҳ. Маҷидов ва Ҳ. Мақсадов нашр гардидааст. Мавод аз таърихи пайдоиши Наврӯз ба хонанда маълумот медиҳад. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки бо овардани иқтибосҳо аз осори таърихнигорони пешин ва имрӯз ҷашни миллии тоҷикӣ будани онро собит кунанд.

Ҳамин гуна мавод доир ба таърихи пайдоиши Наврӯз дар ҳафтаномаи «Миллат» низ интишор шудааст. Таҳти сарлавҳаи «Наврӯз оғози хушбахтист» [«Миллат», 2010. 18 март] И. Одилпур мақолае нашр намудааст. Ин ду мавод дар «Озодагон» ва «Миллат» аз нигоҳи мазмун, ғоя ва мақсад ба ҳам хеле монанданд ва дорои ҳадафҳои ба ҳам монанд будани матбуоти даврии тоҷикро нишон медиҳанд.

Маводи дигар дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти сарлавҳаи «Наврӯз чӣ гуна ба феҳристи ЮНЕСКО дохил шуд?» [«Ҷумҳурият», 2012. 21 март] мебошад, ки ба қалами директори вақти Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Тоҷикистон К.Олимов тааллуқ дорад. Муаллиф аз таърихи пайдоиши ҷашни Наврӯз оғоз намуда, то ба ҷаҳонишавии он маълумот гирд оварда, барои хонанда маводи хонданбоб пешкаш менамояд. Хонанда аз мутолиаи мавод огоҳ мешавад, ки бо саҳми арзандаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Наврӯз ба феҳристи ЮНЕСКО дохил шудааст.

Баробари мақоми ҷаҳонӣ гирифтани Наврӯз матбуоти даврӣ таваҷҷуҳашро ба масъалаи дигар – ҷашни Наврӯз дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон бештар ҷалб кард. Сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2011 маводеро бо номи «Наврӯз дар ҷаҳон» интишор намудааст. Дар он анъанаҳои наврӯзӣ дар кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон зикр карда мешаванд. Аз ҷумла, дар Ӯзбекистон, Қирғизистон,

Туркманистон, Афғонистон, Покистон, Эрон, Озарбойҷон, Қазоқистон маълумоти кӯтоҳ, бо матн ва бо акси алоҳида оварда шудаанд. Аз мутолиаи мавод маълум гардид, ки суннатҳои Наврӯз дар мамлакатҳо фарқ дошта, ҷолиб ба назар мерасад. Муаллиф оид ба ҷашнҳои ҳар мамлакат дар алоҳидагӣ акс ва маълумоти кӯтоҳ ҷойгир намудааст, ки мо якчанд маълумотҳои фарққунанда ва ҷолибро аз ҳар мамлакат ҳамчун намуна илова намудем. Ин нишон медиҳад, ки дар мавриди ҷашни Наврӯз матбуот дар байни мардум аз масъалаи худшиносӣ ба масъалаи шуҳрати ҷаҳонӣ доштани миллати тоҷик рӯ меорад. Тавассути ин гуна мавод ифтихори миллӣ, бузургии миллати тоҷик тарғиб карда мешавад.

Давра ба давра бо таваҷҷуҳ зоҳир намудани Ҳукумати кишвар ба ҷашну идҳо, расму оин ва анъанаҳои миллӣ матбуот низ ҳар чи бештару бештар дар тарғиби арзишҳои миллӣ саҳм мегузорад.

Ҳамин гуна маводи тарғибсозандаи арзишҳои фарҳангии миллӣ дар мавриди ҷашни Меҳргон низ ба табъ расидаанд. Меҳргон дар сарчашмаҳои таърихию фарҳангӣ ва адабӣ дар ашъори шоирони классики тоҷику форс ҳамчун тимсоли фаровониву баракат, файзи дастархони боғдорону кишоварзон зикр гардидааст, яъне, ин ҷашн, асосан иди кишоварзон аст. Бинобар ин, бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Э. Раҳмон ҳамасола дар кишвари зебоманзари Тоҷикистон ҷашни Меҳргон ҳамчун иди кишоварзон бо як шукӯҳу шаҳомат баргузор мешавад.

Оид ба ин ҷашн дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2015 таҳти сарлавҳаи «Меҳргон – ҷашни мондагори қавмҳои ориёӣ» мақолаи мудири шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур М. Ҷурғосиев омода ва интишор шудааст. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ҷашни Меҳргонро «Митракона ё Митра» ҳам ном бурдаанд. Аз сарчашмаҳо маълум мегардад, ки ин ҷашн таърихи чаҳорҳазорсола дошта, ба забони форсӣ ба маънои рӯшноӣ, фурӯғ, дӯстӣ, пайвастагӣ ва муҳаббат буда, зидди дурӯғ, дурӯғгӯию паймоншиканӣ ва номеҳрубонӣ дониста мешавад.

Маводи мазкур асосан ба таърихи пайдоиши ҷашн равона шуда, муаллиф бештар ба навиштаҷоти муҳаққиқон такя намудааст. Аз ҷумла, ҷашни Меҳргонро

А. Берунӣ чунин тасвир намудааст: «Меҳрмоҳ рӯзи аввали он Ҳурмуздрӯз аст ва рӯзи 16-уми Меҳр аст, ки иди бузурге аст ва Меҳргон маъруф аст, ки хазони дувум бошад ва ин ид монанди дигар идҳо барои умуми мардум аст. Ва тафсири он дӯстии ҷон аст. Ва гӯяд, ки: Меҳр номи Офтоб аст ва чун Офтоб дар ин рӯз барои аҳли олам пайдо шуд. Ин аст, ки ин рӯзро Меҳргон гӯянд ва далел бар он гуфтор он аст, ки аз оини Сосониён дар ин рӯз ин буд, тоҷеро, ки сурати Офтоб бар ӯ буд, ба сар мегузоштанд ва Офтоб бар чархи худ дар он чарх савор буд ва дар ин рӯз барои эрониён бозоре ба по мешуд» [«www.jumhuriyat.tj«, 2015].

Матбуоти даврӣ дар инъикос ва тарғиби чунин мавзуъҳо бештар мутахассисони соҳаи дахлдорро ҷалб мекунад, зеро эҳсос мегардад, ки барои барқарор кардани бисёр анъанаҳои миллӣ маводеро ба омма пешниҳод намудан лозим аст, ки асоснок бошад, то мардум ба воқеияти он бовар кунанд, худшиносии онҳо дар заминаи руҷуъ ба сарчашмаҳои илмӣ бедор карда шавад.

Маводи дигаре дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» низ далели гуфтаҳои болост. «Меҳргони мулки мо Наврӯз бод!» аз тарафи фолклоршинос Р. Аҳмад омода шуда, дар мавриди анъанаҳои халқӣ дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон қисса мекунад.

Ҳамин гуна мавод боз дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти сарлавҳаи «Ҷашни шоҳону хусравон омад» [«Ҷумҳурият», 2011. 5 октябр] аз тарафи ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, академик И. Сатторӣ рӯйи чоп омадааст. Маводи омодашуда ба таърихи ҷашнҳо бахшида шудааст. Муаллиф дар маводи худ аз осори адабиётшиносон, таърихнигорон маълумотҳо оварда, мафҳум ва моҳияти ҷашнҳоро баён мекунад.

Усули муроҷиат ба мутахассисон, олимон дар мавриди тарғиби фарҳанги миллӣ бештар хоси рӯзномаҳои расмию давлатӣ аст, агарчи ин гуна мавод дар матбуоти ғайридавлатӣ низ ба мушоҳида мерасад, аммо дар онҳо ба масъалаҳои рӯзмарра дар иртибот ба ҷашну маросимҳо бештар аст.

Маводе, ки дар ҳафтаномаи «Миллат» таҳти сарлавҳаи «Меҳргон дар Суғд баҳонаи дидор бо маъюбон» [«Миллат», 2010. 3 октябр] аз тарафи И. Раҳимиён рӯйи нашр омадааст, дар хусуси он қисса мекунад, ки чӣ гуна омӯзгорон ва

хонандагон пас аз тантанаи ҷашни Меҳргон ба дидорбинии маъюбон омода, аз ҳоли онҳо хабар гирифтанд.

Ба табъ расидани маводи мазкур ва силсилаи он дар матбуоти даврӣ далели он аст, ки тавассути нишон додан, инъикос намудани як воқеаи фарҳангӣ воситаҳои ахбори омма арзишҳои дигари умумиинсониро тарғиб мекунанд ва нишон додан мехоҳанд, ки ҷашнҳо воситае барои корҳои дигари инсонгаро̄й ҳастанд.

Маводи дар поён овардашуда низ ҳамин гуна хусусият дорад. Он дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2015 таҳти сарлавҳаи «Ҷашни Меҳргон дар Хатлон» аз тарафи З. Ҳасан интишор шудааст. Мавод дар бораи ҷашни Меҳргон, ки дар вилояти Хатлон баргузор шуда, кишоварзон маҳсулотҳои худро ҳам ба намоиш гузошта ва ҳам бо маблағи арзон ба мардум пешкаш намудаанд, нақл мекунад.

Ба назар чунин мерасад, ки ҳам барои муаллиф ва ҳам барои хонандаи рӯзнома арзонии нарх муҳим аст, аммо рӯзноманигор онро тавассути иттилои зоҳиран дуюмдараҷа меорад. Ин силсилаи мавод далели он аст, ки матбуот дар бораи як ҷашн иттилоъ дода, дар маркази таваҷҷуҳ арзишҳои асосии инсониро мегузорад.

Маводи иттилоотию таҳлилӣ оид ба анъанаҳои миллӣ ва умумимиллӣ дар ҳамаи рӯзномаҳои интихобшуда ба нашр расидаанд. Аз ин рӯ, ҳамчун намуна чанде аз онҳоро таҳлил намудем. Аз ҷашнҳои Меҳргону Сада дида, дар бораи иди Наврӯз мавод зиёдтар нашр шудааст. Дар баробари рӯзноманигорон дигар мутахассисон низ оид ба ин ҷашнҳо маводҳо омода ва чоп намудаанд. Ҳар як хонанда аз мутолиаи мавод оид ба ҷашнҳои ниёгон огаҳӣ пайдо намуда, барои худ маълумоти лозимаро дарёб хоҳад кард.

Дар баробари ҷашнҳои асосии умумимиллӣ дар шумори арзишҳои фарҳангии тоҷикон ҳамчун унсури фарҳанги мардуми тоҷик анъанаҳои дигар, мисли ҷашни арӯсӣ, хатнасур ва монанди инҳо ҳам дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ зиёд инъикос шудааст.

Таҳти мафҳуми «урфу одат» фаҳмишҳо гуногунанд. Гоҳо одатҳое, ки ба арзишҳои милливу динии як қавм иртиботе надоранд, метавонанд, дар ягон маҳал ё минтақа, дар байни гурӯҳҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ, аз қабили «ҳамсинфон», «ҳамкурсҳо», «ҳамкорон» ва ғ. шакли анъанаро гиранд. Ба анъана табдил ёфтани чунин одатҳо бештар аз рӯйи эътиқодоти динӣ ҳам сурат мегирад, аммо: «Урфу одат ин низоми устувори рафтори одамон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва дар шароитҳои гуногун мебошад, ки ба меъёр мубаддал гашта, аз насл ба насл мегузарад» [104, с. 15].

Солҳои охир дар маъракаву маросимҳо хароҷоти барзиёд пайдо шуда, ба ҳукми одат даромаданд. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, Ҳукумати Тоҷикистон аз 8 июни соли 2007 қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кард. Ҳадафи асосии он дар моддаи аввал хеле сода шарҳ ёфтааст: «Мақсади қонуни мазкур аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст» [141, с.3].

Аз маводи сомона, нашрияҳои мазкур истифода бурда, воқиф мешавем, ки муаллифон то кадом андоза аз танзими анъана ва ҷашну маросимҳо огаҳӣ дошта, аз ҷузъиёти зарурии он, аз моҳияти қонуни танзими расму оинҳо оммаро бархӯрдор менамоянд.

Маълум аст, ки дар байни мардум шахсони аз моҳияти ин қонун бехабар онро дониставу надониста поймол мекунанд. Исрофкорӣ бо мақсадҳои худнамоӣ ҳам дар байни мардум кам нест. Инчунин на ҳама ба фарқи байни анъана, хурофот ва исрофкорӣ сарфаҳм мераванд.

Дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2010 зери сарлавҳаи «Ҷашнҳои арӯсиву хатнасур: ҳад ё меъёр мавҷуд аст?» мақолаи рӯзноманигор М. Абдуллозода интишор шудааст.

Маводи мазкур асосан ду масъала – хатнасур ва тӯйи арӯсию домодиро ба миён гузоштааст. Муаллиф оид ба маросими хатнасур баҳс намуда, аз таърихи он

низ ёдовар мешавад ва иброз медорад, ки пеш мардум аз рӯйи қонун амал накунанд ҳам, бо ду ё се нафар бе ягон овозаву бе ягон харҷу хароҷот маъракаи фарзандонашонро мегузаронданд, аммо баъдҳо ин масъала ранги дигар гирифт. Ҳатто баъзе шахсон барои як тӯйи хатнасур моҳҳову солҳо муҳоҷир шуда, бо харҷи зиёд мегузарондагӣ шуданд. Ҷавҳари андешаҳои муаллифи ин мақоларо масъалае ташкил медиҳад, ки аз ҷониби ӯ ба таври саволи риторикӣ хеле мушаххас гузошта мешавад: «Магар беҳтар нест маблағеро, ки барои хатнасури фарзанд, набера сарф мекунем, дар суратҳисобаш гузаронем?» [ « www.jumhuriyat.tj«, 2010].

Баҳси дигар дар ин мавод масъалаи тӯйи арӯсиву домодӣ мебошад, ки муаллифро тӯйҳои бодабдабаи серхарҷ ба ташвиш овардааст: «Бояд ёдовар шуд, ки дар ҷашну маросимҳои мардумӣ, ҳарчанд теъдоди меҳмонон ва вақту соат риоя гарданд ҳам, ҳолатҳои дигари исрофкорӣ, аз ҷумла ҳангомаю худнамоишдиҳӣ, интихоби тарабхонаҳои овозадору бошукӯҳ ва амсоли инҳо ба назар мерасанд. Ё худ бо мақсади ороиши арӯс танҳо як саранҷоми сафеди аврупоиро барои 3-4 соат бо пардохти 100-200 доллар киро мекунанд» [ « www.jumhuriyat.tj», 2010].

Ҳарчанд қонуни қабулшуда бори зиндагии мардумро сабуктар гардонад ҳам, мардум дар баъзе ҳолатҳо онро риоя намекунанд. Мақолаи зерин ба ҳамин масъала бахшида шудааст: «Қабл аз ширкат дар маъракаҳо (хатнасур, арӯсию домодӣ, зодрӯз, зиёрати ҳоҷӣ ва ғайра) бо ташаббуси худ ҳамсояҳо, хешовандон ё дигар атрофиёнро даъват мекунанд, ки барои маъракаи фалонӣ сад сомонӣ ҷамъ кунанд, ки чунин рафтор хуб нест» [ « www.jumhuriyat.tj», 2010].

Муаллиф иброз медорад, ки тӯйҳои мо бо  садоҳои гӯшхарошу шӯру ғалоғулаи худ на танҳо ба ҳамсояҳо, балки ба атрофиёну роҳгузарҳо низ халал расонда, онҳоро нороҳат менамоянд. Ӯ таъкид менамояд, ки тӯйҳо бояд тарзе гузаранд, ки барои арӯсу домод намуна бошад, зеро онҳо ба ҳаёти мустақил қадам ниҳода, аз зиндагии дигарон сабақ мегиранд. Бо ҳамин мақсадҳо барои хуб ва хотирмон гузаштани тӯйи навхонадорон чанд маслиҳат оварда, мақоларо ба охир мерасонад.

Дар ҳафтаномаи «Миллат» зери сарлавҳаи «Тӯйҳои Ҳумайнӣ ва «Истерика»-ҳои тоҷикӣ» [«Миллат», 2010. 3 ноябр] мақолаи Ҷ. Усмониён нашр шудааст. Дар он оид ба тӯйи арӯсиву домодӣ ва хатнасури чанд сокини шаҳру навоҳии вилояти Хатлон, ки бо дастгирии Кумитаи Имдоди Ҳумайнӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ гузаронида шудаанд, баҳс карда мешавад. Дар мақола зикр ёфтааст, ки кумитаи Имдоди Ҳумайнӣ ҷамъияти хайриявии Эрон аст. Он маблаҳе, ки дар фонди кумита ҷамъ мешавад, аз ҳисоби закот буда, фонди махсуси худи Имом аст.

Муаллиф бо инъикоси ин масъала назари худро доир ба воқеияте нишон медиҳад, ки муносибати як тоифаи мардум ба анъанаҳо то кадом андоза вайрон шудааст. Масъалаи марказии ин мақолаи таҳлилӣ пешгирӣ кардан аз сарфи барзиёд дар чунин чорабиниҳо аст. Мақола хеле калон аст ва муаллиф паҳлуҳои зиёди дигарро баррасӣ мекунад. Ҳатто доманаи мавзуъро то андозае васеъ мегирад, ки дар охир аз мавзуи марказии худ берун баромада, онро чунин ҷамъбаст мекунад: «Хулоса, беҳтарин кори хайр дар зиндагии ҳар мусалмон таъмиру обод кардани масҷид аст...» [«Миллат», 2010. 3 ноябр].

Дар мавриди расму оинҳо пас аз қабули қонуни танзим бисёре аз матбуоти даврӣ ҳангоми инъикоси расму оинҳо бештар ба масъалаи танзими онҳо дахл мекунанд. Маводи дигар бо номи «45 тӯй дар як ҳафта» дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 17 ноябр] аз тарафи С. Муродов рӯйи нашр омадааст. Аз мутолиаи мавод дарк мешавад, ки қонуни танзим дар зиндагии мардум таъсири хуб расондааст. Дар мавод зикр ёфтааст, ки дар вилояти Хатлон, дар хоҷагии ба номи Абдувадуд Дӯстови ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ тӯйи хонадоршавии 47 ҷуфт ва 45 нафар кӯдак, аз хонаводаҳои ниёзманди 8 ноҳияи вилояти Хатлон баргузор гардидааст. Ин иқдоми нек бо ташаббуси Кумитаи имдоди Имом Ҳумайнӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баргузор гардидааст. Дар муқоиса бо маводи «Миллат» муаллифи «Ҷавонони Тоҷикистон» маълумотҳоро кӯтоҳ ва фаҳмо зикр намудааст.

Гурӯҳи дигари арзишҳои фарҳангии миллати тоҷикро арзишҳои динӣ ташкил медиҳанд, ки дар матбуоти даврии замони Истиқлол аз мавзуъҳои марказӣ ба шумор мераванд.

Мавзуи мазкур дар матбуот, аслан, дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо нигоҳи комилан дигар инъикос меёбад ва воқеан, ҳамчун арзиш ва дастоварди наслҳо арзёбӣ мегардад. Махсусан, пас аз ба тасвиб расидани қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» паҳлуи дигари он – масъалаи тартиби баргузории маросимҳои динӣ бештар мавриди таваҷҷуҳи рӯзноманигорон ва ВАО гардид. Дар ин самт, пеш аз ҳама, масъалаҳои фаҳмондадиҳӣ ба мардум бо ҷалби коршиносон ва донишмандони дин хеле муҳим мебошад.

Дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2010 зери сарлавҳаи «Андоза нигоҳ дор, ки андоза накуст – садақа ва исроф аз назари ислом» мавод аз тарафи Т. Асомиддинов – сармутахассиси бахши кор бо ташкилотҳои динии Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Маводи зикргардида, асосан, характери таҳқиқӣ дорад, зеро муаллиф ду масъалаи муҳим – яке садақа ва дигаре исрофро аз нигоҳи ислом шарҳ медиҳад, ки дар донистани мақсад ва вазифаҳои қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» маълумоти хубе барои ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад. Муаллиф аввал оид ба ҳар ду масъалаи зикрёфта таҳти як зерсарлавҳа «Доираи баҳс дар Қуръон ва Суннат» андешаронӣ намуда, зерсарлавҳаро ба се бахши дигар ҷудо мекунад ва се ҷанбаи ҳамин ду масъаларо ба ҳам алоқамандона шарҳ медиҳад. Аз ҷумла ин се бахш инҳоянд: аз назари арзиши амалӣ ва фазилат ва разилати ин ду амал; аз назари густурдагӣ ва фаровонии зикри ин ду амал; фардӣ ва иҷтимоӣ будани ин ду масъала.

Баъди баҳсҳои дар боло зикршуда дар алоҳидагӣ оид ба ҳар ду масъала – ҳам садақа ва ҳам исроф, баҳси худро идома дода, аз ояҳои Қуръон мисолҳо меорад, онҳоро барои хонандаи рӯзнома шарҳ медиҳад ва назари худро бо иқтибосҳо аз донишмандони гузаштаи дини ислом асоснок менамояд.

Дар охири мавод боз бо номи «Фарҳанги миёнаравӣ дар ислом» зерсарлавҳае гузошта, харҷ ва садақаро такроран шарҳ медиҳад, ки ба назари мо, хилофи муъҷазбаёнии журналистӣ аст. Аввалан, хонанда аз маводи таҳти ин сарлавҳа қарордошта чизи нав гирифта наметавонад. Аз ҷониби дигар, ин қисмат ҳаҷми маводро боз ҳам зиёдтар мегардонад. Пас аз мутолиаи қисматҳои боло хонанда дигар маҷоли хондани боз маълумоти дигари тақвиятдиҳандаро надорад, зеро бо ҷавҳари масъалаи матраҳшаванда аллакай ошно гардид. Ин қисмати мавод дилгиркунанда ҳам ба назар мерасад, зеро он асосан такрори фикрҳои дар боло зикршуда мебошад. Профессор И.К. Усмонов муҷазбаёниро дар фаъолияти публитсистӣ ҷонибдорӣ ва таъкид намуда, чунин мегӯяд: «Ман ба мухтасар навиштан моил ҳастам. Бояд ин таъсири Чехов бошад, чунки мафтуни ӯ ҳастам. «Мағзе на ба ҳарфу ҷилд фарбеҳ». Хонанда аз куҷо вақту фурсат ёбад, ки гапҳои кашолдодаи моро хонад. Воқеан, баъзе суханкашҳо бе зарурат суханро тӯл медиҳанд» [95, с. 184].

Албатта, мавод масъалаҳои ҷолиберо фаро мегирад, аммо барои хонандаи имрӯза танҳо шарҳи масъала бе алоқамандӣ бо зиндагии мардум ҷолиб нахоҳад буд. Мавзуи мазкур, агар тавассути масъалагузорӣ баррасӣ мешуд, диққати хонандаро ба худ бештар ҷалб мекард.

Маводи дигар дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2015 зери сарлавҳаи «Анъанаву маросимҳо ва вижагиҳои танзими онҳо» аз тарафи Ф. Баротзода, директори Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

Муаллифи маводи мазкур оид ба намоз, Қуръон, масҷид, рӯза, закот, маросими ҳаҷравӣ, иди қурбон, идҳои миллӣ ёдовар шуда, аз таърихи расму русуми миллӣ, тарзи гузаронидани он дар солҳои пеш ва гузаронидани маъракаҳо баъди Истиқлолият сухан меронад ва иброз медорад, ки солҳои охир маъракаҳо бо як харҷи калон гузаронида мешуд ва баъди қонуни танзими анъана ва ҷашну маросимҳо то андозае пеши роҳи ин гуна харҷҳои барзиёд гирифта шуд. Аммо муаллиф агар бештар ба таърихи масъала рӯ наоварда, ба факту далелҳои он аҳамият медод, масъала таъсирбахш инъикос меёфт.

Агар дар матбуоти расмӣ бештар маводи характери тарғибию тарбиявӣ ба нашр расад, дар матбуоти хусусӣ дар баробари ин маводе ба чашм мерасанд, ки масъаларо аз нигоҳи иҷтимоию фарҳангӣ баррасӣ менамоянд. Чунончи, дар ҳафтаномаи «Миллат» зери сарлавҳаи «Биёед, аз ҳақ нагузарем! Танзим анъанаҳои миллиро фурӯ бурд» [«Миллат», 2015. 14 октябр] мақолаи А. Мирзо чоп шудааст. Муаллиф масъаларо таҳти сарлавҳаҳои зерин пайгирӣ мекунад:

- Ташвиш накунед, қонуни Худоро зери суол намебарам;

- Чаро ба қонунҳои Худо амал намекунед?!

- Раҳматкариму Толибшоҳ ба ҳаҷ нарафтанд. Чаро?!

- Бигузоред, мардум «гӯштхӯрӣ» кунанд...,

- Аз маросимҳои «саршӯёну сартарошон» рӯ тофтем, рӯ ба фарҳанги ҳабашу зангӣ овардем.

Дар аввал муаллиф менависад, ки мақомот аз иҷрои қонуни танзими расму анъана гузориш медиҳанд, вале касе ҷуръати гуфтани ҳақиқатро надорад, ҳатто дар расонаҳо гузориш накардаанд. Дар назари аввал ин масъала як масъалаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аст, ки дар мавриди харҷи барзиёди маблағ баҳс мекунад, аммо ҷавҳари ин гуна маводро, ки дар боло низ баъзеашонро таҳлил намудем, фарҳанги динии мардум ташкил медиҳад, зеро бисёриҳо танҳо ба хотири худнамоиву аз дигарон қафо намондан харҷи бемаврид мекунанд. Дар ин гуна мавридҳо харҷ танҳо як тарафи масъала аст, фарҳанги риояи қонун, фарҳанги роҳ надодан ба исрофкорӣ паҳлуи асосии он аст, ки ҳадафи муаллифони чунин маводи таҳлилӣ низ ҳамин аст. Дар ин ҷо баҷуръатии муаллиф аён шудааст, зеро бе ягон тарсу ҳарос мақсадашро баён карда, дар давоми мақола масъалаҳои муҳимро ифшо ва баррасӣ намудааст.

Сарлавҳаи дуюм мушкилоти зиёраткунандагони хонаи Худоро баён мекунад. Муҳтавои ин қисмати мақола натиҷаи тадқиқоти журналистии муаллиф аст, зеро он натиҷаи мушоҳидаҳои сершумор, суҳбатҳо, пурсишҳои бевоситаи ӯст: Бубинед, ҳар ҳоҷии миёнаҳол ками дар кам аз бозори «Корвон» то 500 доллари амрикоиро харҷи хариди тасбеҳу арақчин ва ҷойнамозҳои истеҳсоли Чин кардааст, - таъкид мекунад рӯзноманигор [«Миллат», 2015. 14 октябр].

Журналист фактҳои овардаашро бо чашми худ дида, воқеаи рухдодаро шарҳ медиҳад: «Дар нақлиёти ҷамъиятӣ шоҳиди суҳбате шудам, ки як ҳоҷӣ ҳанӯз аз ҳавопаймо пойин нашуда, дар хонааш 30 килограм биринҷро палав пухтаанд... Ҳар як ҳоҷӣ ба ғайри он маблаге, ки расман месупорад, қабл аз сафар ва пас аз он харҷи зиёди дигаре мекунад» [«Миллат», 2015. 14 октябр].

Воқеан, мардумро фаросате намерасад, ки ба моҳияти ҳамин хароҷоти бемақсади худ сарфаҳм равад. Гоҳо ба назар чунин мерасад, ки мардум бар хилофи қонуни танзим амал карда, одатҳои ба фарҳанги диниву миллии мо хос набударо пайравӣ мекунанд. Инро танҳо худнамоӣ ва набудани мустақилияти фикрронӣ гуфтан мумкин аст, вагарна дар ягон ҷойи шариати динӣ ва қонунҳои имрӯзаи Тоҷикистон чунин хароҷот ҷонибдорӣ намешаванд.

Муаллиф масъалаҳои баҳсталабро пайиҳам оварда, ҳар кадомро ба таври ҷудогона таҳлил менамояд. Зикр менамояд, ки қонуни Худоро эътироф карда, чанд километр роҳро бо маблаги зиёд тай намуда, ба амри Худованд амал мекунем, вале аз қонунҳои дигари Худованд, аз ҷумла сарфакорӣ ва ростгӯйӣ сарпечӣ мекунем? Ин масъалаҳо дар зерсарлавҳаи дуюм баррасӣ шуда, дар зерсарлавҳаи сеюм бо истифода аз усули индуктивии таҳлил [46, с. 56-57] аввал мисоли мушаххас меорад: «Раҳматкариму Толибшоҳ ба Ҳаҷ нарафтанд. Чаро?!»

Дар ин ҷо муаллиф дар хусуси он менависад, ки ду нафар жуналист аз тарафи мақомоти баландпояи Кумитаи дин барои ба ҳаҷ рафтан пешниҳод шуданд, аммо бо сабаби мавҷудияти ҳолатҳои ришвахӯрӣ аз сафари худ бозгаштаанд: «Вале охир ба Ҳаҷ рафтан қонуну қоида дорад, бо ёфтани чанд танга бо роҳҳои ҳалолу ҳаром бархостану ба Ҳаҷ рафтан, танҳо ба хотири гирифтани «бренд»-и ҳоҷӣ, мухолиф ба ойини мусалмонист».

Пас аз овардани андешаҳои боло ин қисмати мақоларо муаллиф бо чунин саволи риторикӣ, ки бешак, ҷавоби мақомоти дахлдорро талаб мекунад, ба охир мерасонад: «Ҳамин танзимгарони расму ойини мардум магар ин ҳама харҷу марҷи ҳуҷҷоҷро намебинанд? Ё ин қонуни танзим танҳо дастдарозӣ ба дастархони мардум аст?»

Сарлавҳаи сеюм – «Бигузоред, мардум «гӯштхӯрӣ» кунанд...» низ бо саволи риторикӣ оғоз мешавад: Магар қонун танҳо дастдарозӣ кардан ба дастурхони мардум аст? Пас аз ба тасвиб расидани қонун харҷ зиёд шудааасту кам не. Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистонро лозим аст, ки қонуни қабулшударо аз нав дида барояд: «Тоҷикистон бояд дубора сари Қонуни танзими расму ойинҳо баргардад ва танзимоти нобаҷо ва нозарурро аз он ҳазф кунад».

Муаллиф батафсил зикр менамояд, ки қонун танҳо дастархони мардумро назора мекунаду тамом, аммо яке аз хароҷотҳои асосии маросимҳо молҳои бесифати чинӣ мебошад, ки касе ба он аҳамият надодааст: «Мо ба дастархони мардум дастдарозӣ кардем, аммо чаро пеши роҳи воридоти молҳои бесифати чиниро, ки фишанги он дар дасти давлат аст ва ба кулли мардум ҳеҷ рабте намегирад, намегирем?»

Баъди ин масъалаҳо муаллиф боз рӯ ба идороти танзим оварда савол гузоштааст: «Вале, намедонам, чаро дар идороти танзим инро касе ҳисоб намекунад». Ҳамин қисмати мақола низ натиҷаи як тадқиқоти журналистии муаллиф аст. Ӯ ба ноҳияи Ховалинг сафар намуда, иҷрои қонуни мазкурро дар шароити кӯҳистон дидан мехоҳад: «Ҳамроҳ бо як ҳайати ҳукуматӣ чанде пеш сафари Ховалинг доштем. Шикоят аз он буд, ки иҷрои ин қонун ва ба вижа гузориш барои иҷрои нақшаи (резултат) барои мардум дардисарсоз тамом мешавад. Шароити русто аз шаҳр ба куллӣ фарқ мекунад ва ба ҳиҷ ваҷҳ соатҳои дар доираи иҷрои қонун таҳияшуда ба зиндагии воқеии мардум созгор нест».

Боз як масъалаи дигаре, ки муаллиф ба миён мегузорад, ин аст, ки магар қонун танҳо барои камбағалон аст: «Сарватмандон ҳатто дар ду-се тарабхона, бо пешниҳоди маросимҳои тақаллубӣ, аз қабили тӯйи суннатии фалон хеши камбағалашон, тӯй барпо мекунанд. Аммо «камбағали бечораро аз тори уштур ҳам саг мегазад» [«Миллат», 2015. 14 октябр].

Гуфтаҳои ӯ на танҳо ба низоми қонунгузории кишвар алоқамандӣ дорад, умуман, таҳлили ӯ нишон медиҳад, ки ҳувияти мардум, муносибати онҳо ба расму анъана ва қонун бояд тағйир ёбад, зеро бештарини масъалаҳое, ки ӯ иброз медорад, ба муносибати худи мардум ба масъала алоқамандӣ доранд. Ҳамин

андеша дар қисмати охири мақола «Аз маросимҳои «саршӯёну сартарошон» рӯ тофтем, рӯ ба фарҳанги ҳабашу зангӣ овардем» таҳвият дода мешавад.

Дар ин қисмат он чиз хеле муҳим аст, ки ба назари муаллиф, баъди ба тасвиб расидани қонун харҷ боз бештар гардида, ба замми ин ҷойи фарҳанги тоҷикиро фарҳанги серхарҷи хориҷӣ мегирад: «Ҳоло дар Тоҷикистон тамоюли наворбардории тӯйҳои арӯсӣ бо дрон ё ҳавопаймоии бесарнишин мӯд шудааст ва аксари духтарҳо дар баробари талабҳои дигар, ёфтани дронро низ ба вазифаҳои домод илова кардаанд» [«Миллат», 2015. 14 октябр].

Ба мисли ин, чандин унсурҳои навро ном мебарад, ки дар маросими арӯсӣ хоси фарҳанги мардуми тоҷик нестанд. Ин масъалаҳоро ба миён гузошта, муаллифи мақола дахолати мутахассисонро низ ба масъалаи нигоҳдорӣ ва танзими расму оинҳо ҳамчун унсури ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ муҳим мешуморад: «Аз ин рӯ бояд пажӯҳишгарони мардумшинос, ҷомеашиносон ва дигар мақомоти масъул барои бознигарии ин қонун сари як мизи гуфтугӯ биншинанд» [«Миллат», 2015. 14 октябр].

Дар ин ҷумла ҳадафи асосии муаллиф аз баррасии мушкилоти қонуни танзими расму оинҳо ҷамъбаст мегардад. Дар мақолаи мазкур дар баробари дақиқ зикр гардидани факту рақамҳо ҷумлаҳо низ пурмазмун ифода ёфтааст, ки бешубҳа, ба ҳар як хонанда таъсиррасон мебошад. Муҳаққиқи тоҷик А. Саъдуллоев иброз доштааст: «Агар нутқ фасеҳ, пурмазмун ва бо асноди ҷадид саршор бошад, воситаҳои тасвирро барои ҷолибсозии сухан кор фармояд, бешубҳа, дар иҷтимоъ бетаъсир нахоҳанд монд» [79, с. 33].

Таҳлили маводи сомонаву рӯзномаҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи танзими расму оинҳо дар саҳифаҳои рӯзнома ва сомонаи онҳо хеле кам баррасӣ мешаванд, аз ҷониби дигар, онҳо ин масъаларо дар ду шакл: яке – маърифатӣ, яъне огоҳ кардани хонанда аз моҳияти масъала, дигаре –проблемагузорӣ баррасӣ мекунанд. Агар маводи пешниҳодшаванда дар ҳаҷми кӯтоҳтар ва дастрастар пешниҳод гардад, ба таври силсилавӣ интишор карда шавад, самараи бештар хоҳад овард.

Ҳадафи мақолаҳо моҳияти қонуни танзимро ба омма фаҳмондан аст, зеро мақсади қонуни мазкур низ гирифтани пеши роҳи исроф ва ба танзим даровардани сарфу харҷи мардум мебошад.

Муаллифони маводи «Андоза нигоҳ дор, ки андоза накӯст – садақа ва исроф аз назари ислом» ва «Танзим бояд фарҳанги миллӣ шавад» дар мақолаҳои худ ба ривоятҳо ва оятҳои қуръонӣ такя намуда, мақсади қонуни танзимро ба омма фаҳмондан мехоҳанд. Албатта, дар мақолаи аввал муаллиф маълумоти пурра овардааст, аммо аз ҷиҳати дигар оятҳо ва ривоятҳоро аз меъёр зиёд иқтибос овардаанд, дар мақолаи дуюм ин хато дида намешавад.

Фарқи маводи А. Мирзо «Биёед, аз ҳақ нагузарем! Танзим анъанаҳои миллиро фурӯ бурд» аз мақолаи Файзулло Баротзода «Анъанаву маросимҳо ва вижагиҳои танзими онҳо» дар он аст, ки агар муаллифи мақолаи дуюм мушкилотро ошкоро баён карда, роҳи ҳалли онро пешниҳод карда бошад, муаллифи аввал танҳо вазифаи худро маълумотдиҳӣ қарор дода, бо истифода аз ифодаҳои духӯра мақоларо ҷамъбаст мекунад, яъне «қонуни танзими расму анъанаҳо то андозае пеши роҳи хароҷоти барзиёдро гирифт» гуфтани ӯ аз масъулият дур кардани худ ва умумигӯйӣ кардани муаллиф аст.

Аз тарзи инъикоси масъалаҳо, ки дар алоҳидагӣ таҳлил ва муқоиса намудем, ба хулоса омадан мумкин аст, ки баҳс доир ба паҳлуҳои ҷудогонаи масъала таҳти сарлавҳаю қисматҳо ва баръакс шарҳ дода мешавад. Масъалагузорӣ ҳам дар шакли васеъ ва ҳам дар шакли хеле муҷаз баён шудааст.

Ба ин тариқ, нақши матбуоти даврии тоҷик дар баррасии паҳлуҳои гуногуни фарҳанги миллӣ ниҳоят бориз аст. Чунонки таҳлили маводи рӯзномаҳо ва сомонаҳои давлатию ғайридавлатӣ нишон медиҳад, рӯзноманигорон он масъалаҳоеро, ки омма барои фаҳмидани моҳияти онҳо ниёз дорад, пешкаши аудиторияи худ мегардонанд.

Таҳлилу баррасии маводи матбуоти даврӣ нишон медиҳанд, ки масъалаи фарҳанг аз мавзуоти марказии расонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ ҳастанд. Рӯзноманигорон сари вақт онҳоро пайгирӣ мекунанд.

1. Матбуоти даврии давлатӣ ба инъикоси масъалаи фарҳанг аз нигоҳи манфиатҳои миллӣ ва сиёсати давлатӣ рӯ меоранд, зеро онҳо масъалаҳои фарҳангиро дар робита бо ҷашну маросимҳо, ба тасвиб расидани қонуну қарорҳо, солгарди қонуну қарорҳо бештар баррасӣ мекунанд.

2. Дар матбуоти даврии ҷамъиятию сиёсӣ масъалаи фарҳанг бештар аз дидгоҳи рӯзноманигори таҳқиқгар рӯ мезанад. Дар ин гурӯҳи матбуоти даврӣ рӯзноманигорон масъаларо бештар аз натиҷаи мушоҳидаҳои худ баррасӣ мекунанд.

3. Таҳлили таносуби инъикоси масоили фарҳангӣ нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар дар матбуоти даврии мавриди таҳқиқи мо ахлоқ ва рукнҳои динӣ мавриди баҳсу мунозираҳо қарор дода шудаанд. Ин далеле бар он аст, ки дин ҳамчун ҷузъи ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа барои мардум як омили муҳим дар танзими зиндагии маишӣ ва маънавӣ буда, таваҷҷуҳи бештари давлат ва ҳукумат, ҳамчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро талаб мекунад.

4. Ҳама нашрияҳо рисолати баланд бардоштани мафкураи мардум, ба вуҷуд овардани фаҳмиши ягона дар мавриди арзишҳои миллиро талқин мекунанд ва барои ба вуҷуд овардани афкори омма дар мавриди арзишҳои фарҳангии миллӣ камар бастаанд.

# БОБИ II
# ВИЖАГИИ ФАРҲАНГИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ ВА БОЗТОБИ ОНҲО ДАР ВАО-И ЧОПӢ

Дар ин боби кори худ мо ба масъалаи раванди ҷаҳонишавӣ ва ҷараёни баҳамназдикшавии фарҳангҳои халқу миллатҳо таваҷҷуҳ намуда, таъсири унсурҳо ва омилҳои воридшавии фарҳанги як ҷомеа ба ҷомеаи дигарро дар мисоли маводи ҳафтаномаҳои кишвар дар давраи мушаххас муайян намудан мехоҳем.

Дар ҳақиқат, донистани ҷараёни муносибат ва бархӯрди нашрияҳо ба ин мавзуи муҳимми рӯз – ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳонишавии фарҳангу арзишҳо яке аз масъалаҳои рӯзмарра аст, зеро масъалаи ҳастии фарҳангӣ ҳаёту мамоти халқу миллатҳо ва махсусан, ақаллиятҳои миллӣ аст, ки имрӯз тавассути раванди ҷаҳонишавӣ ба таҳоҷуми фарҳангии абарқудратҳо рӯ ба рӯ ҳастанд.

Дар ин марҳилаи тақдирсоз чӣ гуна муносибат доштани воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ҳамчун омили муҳимми такондиҳандаи зеҳнҳо ва ба фикр водоркунанда ба чунин раванд хеле муҳим аст.

## 2.1. Нақши матбуоти даврӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва вусъати баҳамназдикшавии фарҳангҳо

Қарни XXI бо дастовардҳои худ дар таърихи башарият беназир аст. Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, яксоншавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии умумиҷаҳонӣ, рушди бесобиқаи техникаву технология, густариши ҷаҳонии фаъолияти васоити ахбори омма тавонистанд, ки сарҳадҳои миёни давлату миллатҳоро ба таври идоранашаванда убур намоянд ва то андозае ормони башарият – гуфтугӯйи тамаддунҳоро амалӣ сохта, бештар аз ин, ҷиҳати манфии худро ба намоиш гузошта, ба бархӯрди тамаддунҳо оварда расонанд. «Дар раванди ҷаҳонишавӣ системаи байналмилалии ВАО ба миён меоянд, ки онҳо хусусияти миллӣ надоранд ё дар сурати хусусияти миллӣ доштанашон ҳам он

ниҳоят хира мебошад... Системаи байналмилалии иттилоотӣ дар замони мо хусусияте пайдо кардаанд, ки пешгирии хавфи онҳо аслан номумкин аст» [26, с. 8-9].

Раванди ҷаҳонишавӣ боиси рушд ва босуръат тараққӣ ёфтани давлатҳо гардидааст. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванде, ки имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст ва бо баъзе ҷилвагариҳои худ маҳбуби инсоният гаштааст, дорои таъсирҳои манфии гуногуне ҳам мебошад. Ин раванди пуртаззод кишварҳо, давлатҳои миллӣ, аҳли ҷомеа ва, хусусан, ҷавононро ба чолишҳои равонӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ намудааст.

Ба ҳамаи ин ҳолатҳо ҷаҳонишавии иттилоот мусоидат кардааст, ки омилҳои онро муҳаққиқон ба вуҷуд омадани системаи байналмилалии телевизон, радио, интернет, хусусяти байналмилалӣ пайдо кардани робитаҳои фардии электронӣ, ба вуҷуд омадани сайтҳои матбуот, радио ва телевизиони миллӣ, ки ба онҳо хусусияти байналмилалӣ медиҳад, ба вуҷуд омадани системаи алоқаи кайҳонӣ, ки системаи электронии ВАО-ро аз чорчӯби миллӣ берун мебарад, нуфуз пайдо кардани агентиҳои алоҳида ва хислати боэътимоди байналмилалӣ пайдо кардани онҳо, дастрас шудани ақидаҳои мухталиф ва дар ин чорчӯб «худӣ» шудани ақидаи идеологияи давлатҳои бузург, «интернатсионалӣ» кардани фазои иттилооти «миллӣ» донистаанд.

Имрӯз таъсири ҷаҳонишавӣ аз оила ва хонавода шуруъ мешавад. Оила ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа буда, зери таъсири ин раванд қарор дорад. Аҳли оилаи имрӯза, хусусан наврасону ҷавонон, бо дастрасӣ ба техникаву технологияи муосир ва озодона истифода намудан ғарбӣ мегарданд. Табиати инсонӣ худ чунин аст, ки зуд ба омилҳои манфӣ моил мегардад. Натиҷаи ҳамин гуна таъсирот аст, ки имрӯз арзишҳои суннатии оиладорӣ ва робитаҳои хешутаборӣ коста гардида, ҳурмату эҳтироме, ки падару писар, дигар аъзои хонавода ва хешу таборон нисбат ба ҳамдигар доштанд, коста гардидааст. Ба ин оқибатҳои барои фарҳанги миллӣ ногувор истифодаи ғаразноки интернет аз ҷониби манфиатхоҳон боис шудааст: «Воситаҳои аудиовизуалии хусусияти истифодаи инфиродӣ дошта хусусияти байналмилалӣ ё минтақавии умумӣ пайдо

карда, ба бозори афкори сиёсии ҷомеаҳо роҳ меёбанд. Дар байни онҳо мавзуъҳои тахрибкунандаи одоб, таблиғи имтиёзҳои миллӣ ва низоми динӣ вомехӯранд» [26, с. 9].

Яке аз проблемаҳои ҷаҳонишавӣ он аст, ки имрӯз амалҳои дар гузашта ғайриахлоқӣ ва мамнуъ ҳамчун чизи хуб ва лозимӣ нишон дода мешавад. Албатта, ин амал бо ҳадафи муайян – бо мақсади вайрон кардани таркиби анъанавии ҷомеадории кишварҳо сурат мегирад, аммо тавассути ҳамин воситаҳои ҷаҳонишуда ба мардуми кишварҳои олам талаққӣ мешавад. Масалан, тавре ки профессор И.К. Усмонов дар китоби «Назарияи публисистика» менависад, «фаҳмиши неку бад низ яксон нест; дар ҷомеаҳои гуногун ин фаҳмишҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, замоне дар филмҳо бӯсиданро нишон додан бад буд, ин амали ғайриахлоқӣ маҳсуб меёфт, вале имрӯз бӯсаро дар филмҳои телевизионӣ беҳтарин лаҳзаи ахлоқӣ меҳисобанд. Имрӯз матбуот, телевизион ва радио дар хусуси шаклҳои манфуртарини қатли одам бо тафсили ҷузъиёташ нақл мекунанд. Имрӯз мегӯянд, ки ин амалҳо хубанд, зеро бо дидани порнография чашм ба зиндагӣ кушода шуда, бадахлоқӣ камтар мешавад, бо дидани куштору зӯрӣ одам худро ба худҳимоя омода менамояд» [98, с. 70].

Агар аз муҳтавои маводи журналистӣ ва мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи худ хулоса кунем, ба хубӣ мебинем, ки ин андешаи муҳаққиқон дуруст набудааст, зеро мардум ба ҷойи ибрат гирифтан, ба онҳо пайравӣ карданро омӯхтанд ва костагии ахлоқ бештар гардид.

Ҷомеашиносон низ доир ба моҳият ва зарурати ахлоқи хоси миллӣ дар ҷомеаҳо (кишварҳо)-и алоҳида мавқеи мушаххас доранд. Масалан, ҷомеашинос З. Сайидзода дар китоби худ «Густариши ахлоқи миллӣ: посух ба паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ» вобаста ба масоили ахлоқ чунин мегӯяд: «Ғановати маънавӣ барои комил шудани инсон бештар аз сарватҳои моддӣ аҳамият дорад. Ин иқдоми бузург ва ғановати маънавӣ ахлоқ аст» [77]. Воқеан ҳам, ахлоқ сарчашмаи тамоми комёбиҳо, унсури муҳимми ҳаёти инсонӣ буда, барои ташаккул ёфтани инсон ҳамчун шахсияти комил ва мавқеи худро пайдо кардан дар ҷомеа асос мегардад. Аз ин ҷост, ки бояд пояҳои устувории он нигоҳ дошта шавад.

Паҳлуи мусбати раванди ҷаҳонишавӣ ин аст, ки имрӯз техникаву технологияи муосир барои омӯзиши илму дониш шароити мусоиде фароҳам овардааст. Тавассути он мо метавонем, ба тамоми китобхонаҳои ҷаҳон пайваст гардем, адабиёт ва дигар маълумотҳои зарурии худро дастрас карда, мутолиа намоем, лекин гап сари он аст, ки насли имрӯза аз он барои илмомӯзӣ то кадом андоза истифода менамояд?

Интернет барои шахсоне, ки талаби илм доранд, ҷаҳони илм аст ва ба гурӯҳи шахсоне, ки ҷоҳиланд, ҷаҳони ҷаҳолату гумроҳист. Мутаассифона, мушоҳида мешавад, ки ҷомеаи имрӯзаи мо, алалхусус наврасону ҷавонон, интернетро ҳамчун воситаи дилхушӣ эътирофу истифода намуда, вақти худро, ки қиматтарин дороӣ барои ҳар як шахс ба ҳисоб меравад, ба шабакаҳову расонаҳои иҷтимоие, ки ба сатҳи маънавиёти онҳо таъсир расонида, фарҳанги фаношавандаи ғарбиро тарғиб менамояд ва онҳоро аз омӯзиши илму дониш дур мегардонад, сарф менамоянд.

Имрӯз зарурат пеш омадааст, ки шавқу завқи ҷавонон ба омӯзиши илму дониш бедор гардад, онҳо интернетро баманфиат кор фармоянд. Ҷавононро бунёдгарон ва созандагони ҷомеа меноманд. Аз ин рӯ, онҳо бояд он насле бошанд, ки ба масъалаҳо на аз рӯйи зоҳирашон баҳо диҳанд, балки ғояву мақсадҳоро дуруст шинохтаву дарк карда, сипас ҳукм бароранд.

Айни ҳол як қатор масъалаҳое пайдо шудаанд, ки барои инсоният ноошноянд. Эҳтимол, дар бораи роҳи ҳалли онҳо имрӯз фикр карда намешавад. Масалан, лаззатҳои гуногуне, ки инсоният ба туфайли технологияҳои рақамӣ бардошта истодааст (манзур сабукиҳои зиёде, ки технологияҳои замона ба мо овардаанд), шубҳае нест, ки рафта-рафта ба танбалии одамон боис гардад. Ҷаззобияти ин ҳама пешрафт мумкин аст инсонҳоро аз ноогоҳӣ ба иҷрои амалҳое маҷбур кунад, ки дар оянда ҷуброн карданаш душвор гардад. Ба ҷойи эҳтироми байниҳамии инсонҳо кӯшиши ба иродаи худ тобеъ кардани дигарон дар зеҳни бархеҳо пайдо мешаваду барои расидан ба он талош мешавад, яъне вақте кӯшиши ба худ тобеъ кардани дигарон бо ҳар роҳ, аз ҷумла, таҳқири дигарон ва зӯрии ноаён (ба воситаи интернет) сурат мегирад, хеле хатарнок мешавад.

Истифодаи васеъ ва ғайримақсадноки интернет ҳам ба рӯҳу равони инсон ва ҳам ба саломатиаш зарари ҷиддӣ мерасонад. Миллате, ки дар чунин шароити пуртаззоди ҷаҳонишавӣ ҳам аз ҷиҳати рӯҳию равонӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим аст, асоси ояндаи дурахшони он ба ҳисоб меравад. Ин нуктаҳо хеле муҳиманд.

Истифода аз интернет бояд фарҳанги хос дошта бошад. Муҳаққиқони соҳаи журналистика низ иброз медоранд, ки сари дода кор бо интернет тақозо мекунад, ки ба асл доштани тафаккур ё муҳтаво диққат шавад, духӯра набудани меъёри қонунгузорӣ дарк гардад, пеш аз қабули иттилоъ инсони огоҳ будан, яъне, донистанамон, ки чӣ маълумотеро бояд қабул кард, матолиби сифатнокро шинохтан низ аз ин ҷумла аст [26, с. 9].

Ҷаҳони имрӯза бо идеологияҳои гуногуни ғарбпарастӣ ва тақлидгаронаи худ тавонистааст, ки ихтилофу бадбинӣ ва дигар омилҳои манфиро миёни ҷомеа ҷорӣ намояд. Имрӯз мушкилоти асосӣ он аст, ки ҳамарӯза тавассути васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва телевизион фарҳангҳои гуногун, идеологияҳои манфӣ ва дигар чолишҳои номатлуб тарғибу ташвиқ карда мешаванд, ки ин ба фарҳанг, ахлоқ, муносибатҳои хонаводагӣ ва дар маҷмуъ, ба тафаккури ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар чунин шароите, ки таҳоҷуми фарҳангӣ болои ҷомеаҳои анъанавии суннатгаро, ба мисли кишвари мо, хеле сахт сурат гирифта истодааст, яъне талошҳои ворид намудани амалҳои фосидгарона бо ҳар роҳу восита ҷараён дорад, фаъолияти назарраси воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ, махсусан, матбуот барои пешгирии онҳо ва бонги изтироб задан аз воридшавии онҳо муҳим аст, зеро «ҷойи шубҳа нест, ки бо вуҷуди инкишофи воситаҳои электронии ахбор ҳар боре аз журналистика сухан ронем, бе гумон, пеши назарамон матбуот ҷилвагар мешавад. Ин танҳо ба он хотире нест, ки матбуот воситаи классикӣ ва шакли хаттии инъикосгари воқеияти иҷтимоӣ аст, балки воситаест зеҳнпарвар ва андешазо. Аммо яқинан ин андеша моҳияти нодида гирифтани расонаҳои дигари хабариро надорад» [24, с. 4].

Маҳз ҳамин омил – зеҳнпарвар ва андешазо будани матолиби матбуот хусусияти умдаи фарқкунандаи он аз дигар воситаҳои ахбор мебошад. Ҳарчанд ин хусусият дар маводи дигар воситаҳо ҳам дида мешавад, аммо, асосан, хоси матбуот аст.

Дар мавзуе, ки мавриди баррасӣ қарор додан мехоҳем, маҳз ҳамин ҷиҳати таъсирнокии матолиби матбуот – мавод барои андеша будани онҳо дар мадди назар аст. Яъне, маводи расонаҳои чопӣ то кадом андоза раванди ҷаҳонишавӣ ва вусъати баҳамназдикшавии фарҳангу тамаддунҳоро инъикос карда, онро то кадом дараҷа аз нигоҳи худ пешниҳоди хонанда кардаанд, баррасӣ мехоҳад.

«Ҷавонони Тоҷикистон» ба соли нави масеҳӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, бо рубрикаи «Соли нав мурак бошаде...» ҳазлҳои солинавии шоир Г. Сафарро бахшида ба мансабдорони самти идоракунии ҷавонону варзиш, инчунин, дигар чеҳраҳои шинохта, ба монанди раиси Кумитаи телевизион ва радио, раиси Иттифоқи журналистон, раиси Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон, директори нашриёти «Адиб»-ро дар як саҳифа чоп кардааст [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 29 декабр].

Дар саҳифаи дигари ҳамин шумора бо рубрикаи «Дастгирӣ» чунин хабар дода шудааст: «Чорабинии солинавӣ барои сарбозон». Ҳамчунин, дар ҳамин саҳифа шеъреро бо номи «Хоҳам ки соли нав соли зафар шавад» чоп шуда, бо сарлавҳаи «Солшумории ниёгон» доир ба солшумории ниёгон – яздигурдии сосонӣ маълумот дода шуда, моҳҳои он номбар ва баробарии онҳо ба моҳҳои солшумории григорианӣ нишон дода шудааст.

Боз ҳам дар ҳамин шумора, дар саҳифаи дигар зери рубрикаи «Аз таърихи соли нав» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 29 декабр] ду матлаб – «Соли нав ба ҳазрати Исо чӣ вобастагӣ дорад?» ва «Соли нави масеҳӣ аз Миср мондааст» нашр шудааст.

Матлаби якум алоқамандии таҷлили соли навро ба зодрӯзи ҳазрати Исо таҳқиқ намуда, дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ҳеҷ алоқа надоштани онро таъкид мекунад. Дар матлаби дуюм ҳам сайри таърихие ба пайдоиши ин ҷашни қадимаи барои аксари аҳолии сайёра ошно сурат гирифта, хулоса мешавад, ки

пайдоиши он ба Мисри қадим алоқаманд аст, ки баъдан дар кишварҳои алоҳида шаклу навъ ва вақтҳои баргузории гуногун доштааст.

Таҷлили онро дар кишвари мо ба барқарории Ҳукумати Шӯравӣ алоқаманд дониста, ҳолати имрӯзаи ҷашнгирии соли нав барои мардуми мо ҷамъбасти фаъолияти яксола ва оғози соли нави тақвимии қабулшуда дониста шудааст.

«Ҷавонони Тоҷикистон», дар маҷмуъ, 4 саҳифаи ин шумораи худро, ки дар арафаи соли нави мелодӣ ба нашр расидааст, ба ин мавзуъ бахшида, боз ҳам бо рубрикаи «Аз таърихи соли нав» матлабҳои «Бобои барфӣ аз куҷо омадааст?» ва «Бобои Барфӣ ба мо чӣ овард?» нашр намуда, доир ба Бобои Барфӣ ва пайдоиши ин асотир, то кадом андоза ҳақиқат доштани мавҷудияти он ҳамчун шахси воқеӣ дар миёни халқҳои олам маълумот додааст.

Ба назари мо, идораи нашрия ба таваҷҷуҳи зиёд – ҷудо намудани 4 саҳифаи ҳафтанома (аз 16 саҳифаи худ) ба ин мавзуъ мехоҳад таъкид намояд, ки таҷлили соли нав ба арзишҳои дини масеҳӣ ҳеҷ алоқаманд набуда, балки анъанаи ҷолиби фарҳангии аксар кишварҳои олам аст ва ҷашн гирифтани он дар сурате ки мо ҳам чунин солшумориро қабул кардаем, ҳеҷ бадӣ надорад. Дар мавриди Бобои Барфӣ ҳам ҳамин фикр талаққӣ мешавад, ки ҳадаф аз он тарғиби некиву накукорӣ аст. Дар матлабҳои зикршуда он нукта таъкид мешавад, ки ҳангоми таҷлил ба исроф ва вайронкориву бехудӣ набояд роҳ дод. Дар матлаби «Соли нав ба ҳазрати Исо чӣ вобастагӣ дорад?» як нуктаи муҳим ҳаст, ки мегӯяд: «...арчаҳои сарсабзро беҳуда буридану ба хотири зеби 2-3-и рӯза хушк намудан исрофкорист». Яъне, бо инъикоси ин мавзуъ раванди баҳамназдикшавии фарҳангҳо – таъсири як анъанаи фарҳангӣ ба кишварҳои дигар аз нигоҳи мусбат арзёбӣ шудааст.

Ҳамчунин, ба назари мо, дар матлабҳое, ки ба таърихи соли нав бахшида шудааанду доир ба вақтҳои мухталифи таҷлили он дар кишварҳои алоҳидаи олам маълумот додаанд, вобаста ба мавзуъ аз соли нави аҷдодии мо – Наврӯзи Аҷам ва таърихи он ҳам ёдовар шуда, бо ин маълумотҳои таърихии кишварҳои дигари олам муқоиса мешуд, боз ҳам беҳтар мебуд ва инъикоси воқеии мавзуъ сурат мегирифт.

«Соли асп соли серҳосил аст» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 26 декабр] матлабест, ки доир ба соли асп мувофиқи солшумории мучал маълумот медиҳад. Дар он, асосан, доир ба таърихи ромшавии асп ба инсон ва навъҳову хусусиятҳот он, вазъи имрӯзаи асппарварӣ дар кишвар, хусусиятҳои соли асп, яъне чӣ гуна шудани он маълумот дода шудааст.

Дар ин матлаб доир ба моҳияти солшумории мучал, пайдоиши он, то кадом андоза маъруф будани он миёни мардуми мо, мавҷудияти боварҳои мардумӣ доир ба чӣ гуна будани солҳои мучал маълумот дода нашудааст.

Дар саҳифаи дигари ҳамин шумора зери унвони «Соли асп: кӣ хушбахт мешавад?» маълумотҳое, ки дар матлаби боло набуданд, қисман зикр шудаанд, яъне доир ба таърихи пайдоиши солшумории чинӣ, ки хеле қадим аст, маълумот дода шуда, имрӯз миёни сокинони Чин, Ҷопон, Муғулистон ва як қатор кишварҳои Аврупо маъруф будани он таъкид мешавад. Ҷолибияти ин матлаб он аст, ки боварҳои мардуми ин кишварҳоро ба солҳо ва хислати ин ҳайвонҳо вобаста будани хислату характери одамонро таъкид мекунад ва ҳатто вобаста ба соли асп гуфта мешавад, ки дар Ҷопон таваллуди духтарро дар соли асп қабул надоранд ва духтаронеро, ки дар соли асп ба дунё омадаанд, ба занӣ намегиранд, зеро чунин занон ба мардон «марги бемаҳал» меоранд.

Ба назари мо, алоқамандии матлабҳои зикршуда ба мавзуе, ки баррасӣ карда истодаем, он аст, ки намунаи ворид шудани фарҳанги халқҳои дигар ба фарҳанги мо ва мақом пайдо кардани он миёни мардум аст. Аммо дар ҳар ду матлаб ҳам ба ин ҷиҳат ҳеҷ ишора нашудааст, ки чӣ гуна ин навъи солшумориро мардуми мо қабул карданд ва боварҳои мардуми мо аз дигарон чӣ тафовут доранд? Ин ҷиҳат боиси номафҳум боқӣ мондани матлабҳо гардидааст.

Дар ҳамин шумора бар хилофи матлабе, ки ду сол қабл нашр шуда буд ( [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 29 декабр], доир ба исрофкорона ва анъанаи мушрикона будани ороиши арчаи солинавӣ), «Арча – рамзи Соли нав» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 26 декабр] дониста мешавад.

Дар оғози матлаб зикр мешавад, ки миллати тамаддунофари мо дар тӯли садсолаҳо ба дигар халқу миллатҳо илму адаб, ахлоқу одоб тарғиб намуда, дар

рушди онҳо саҳм гузоштааст. Ба таври мисол, аз Наврӯз ёдоварӣ мешавад, ки онро барои мазмуни баланди ахлоқӣ доштан ва пок буданаш мардумони дигар қабул кардаанд. Ҳамчунин зикр мешавад, ки миллати мо ҳам урфу одат ва анъанаҳои неки дигар халқу миллатҳоро хуш пазируфтааст, ки яке аз онҳо таҷлили Соли нав мебошад. Зикр мешавад, ки Соли нави мелодӣ низ мисли Наврӯзи мо, тоҷикон, мазмуни баланди покию озодагӣ ва рӯҳи созандагиву бунёдкорӣ дорад.

Дар идома доир ба арчаи солинавӣ изҳори назар мешавад, ки тибқи он, арча ҳамчун дарахти муъҷизанок ба ҳар хонадон бахту барор, саодату хушрӯзӣ меорад, он рамзи саломативу сарсабзӣ, осоиштагӣ ва устуворӣ мебошад.

Ба назари мо, ин матлаб бо рӯҳияи некбинонаи худ нисбат ба анъанаи фарҳангии дигар халқу миллатҳо таҷлили Соли навро тарғиб карда, инчунин, раванди баҳамназдикшавии анъанаҳои неки фарҳангҳоро бо зикри ин мисолҳо нишон додааст.

Дар шумораи дигар зери рубрикаи «Саховат» хабар дода шудааст: «Кумаки Президент ба ятимон» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2014. 2 январ] маълумот дода мешавад, ки дар арафаи Соли нав Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба мактаб-интернати №1-и шаҳри Душанбе ташриф оварда, тарбиятгирандагонро бо Соли нави мелодӣ табрик намуда, барояшон туҳфаҳои солинавӣ тақдим кард.

Аз ин хабари васеъ чунин хулоса ҳосил мешавад, ки Соли нав ҷузъе аз фарҳанги мардуми мо мебошад, зеро он ба таври расмӣ ҳамчун оғози соли нави тақвимии роиҷ қабул шудааст. Инчунин фикре пайдо мешавад, ки ҳар баҳонае барои як лаҳзаи хушҳолию дилороӣ, махсусан барои кӯдакон ва он ҳам кӯдаконе, ки муҳтоҷи хушҳолиянд, хуб аст.

Дар шумораи дигар зери рубрикаи «Нигаронӣ» изҳори нигаронии ҳунарманди маъруфи кишвар Ортиқ Қодир доир ба хизматрасонии яке аз ширкатҳои мобилӣ – «Армуғон»-и солинавии «Билайн», «Ҷазо» барои истифода аз забони тоҷикӣ?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 8 январ] нашр шудааст. Дар он аз хизматрасонии ба талабот ҷавобгӯнабудаи ширкати мобилӣ ва ҳиллаву найрангҳои он сухан рафта, барои бо ҳарфҳои кириллӣ ва забони тоҷикӣ

навиштани паёмак нисбат ба ҳарфҳои лотинӣ ду маротиба бештар маблаҒ ситонидани ширкат изҳори нигаронӣ карда мешавад.

Ин ҳам нишони раванди ҷаҳонишавӣ аст, ки бо густариши робитаҳо ва рушди техникаву технология доираи фаъолияти ширкатҳои мобилӣ хеле васеъ гардида, онҳо чандин кишварро фаро мегиранд ва бо фаъолияти худ баробари он ки мардумро фиреб мекунанд, аз онҳо бо ҳар роҳу восита маблаҒҳои иловагӣ меситонанд, инчунин бо пешниҳоди ҳар гуна хизматрасониҳо боиси пайдо шудани анъанаҳои фарҳангии бегона дар миёни мардуми мо мегарданд.

Дар шумораи минбаъда бо рубрикаи «Баррасии қонун» зери унвони «Ҷаҳонишавӣ ба тарбия таъсир мерасонад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 27 январ] матлабе нашр шудааст, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро баррасӣ карда, андешаҳои мухталифро вобаста ба қабули он бо зикри «ба назари баъзе аз коршиносон», «ба назари гурӯҳи таҳлилгарон» гирд овардааст. Ин ҷо андешаҳо доир ба зарурати қабули қонун ва андешаи хилофи он, мушкилоти тарбия дар ҷомеаи мо, воситаҳои тарбияи дуруст дар кишварҳои пешрафта гуфта мешавад. Муҳтавои умумии матлаб изҳори нигаронӣ аз таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги миллию коста гардидани ахлоқу одоби шарқиёна ва эҳсоси масъулият кардани ҳама масъулони тарбияи дуруст – падару модар, муаллим, муҳит мебошад. Аммо як ҷумлаи ин матлаб моро нигарон сохт, ки асарҳои «Футувватномаи султонӣ» ва «Ахлоқи муҳсинӣ» ба Унсурулмаолии Кайковус нисбат дода мешавад, ҳол он ки ин асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад. Чунин хатои даҒал ҳам ба муаллиф ва ҳам ба идораи нашрия нанг аст.

Ба назари мо, дар маҷмуъ, дар «Ҷавонони Тоҷикистон» нашр шудани чунин матлаб, ки назари коршиносонро (бе зикри номи онҳо) хилофи Конституцсия будани қабули чунин қонунро мегӯяд, инчунин, сабаби бадахлоқ тарбия шудани наврасонро («ба назари баъзе коршиносон») ба вазъи ногувори иҷтимоӣ, муҳоҷирати маҷбурии волидон вобаста медонад, ҳамчун нишони воқеъбинии идораи нашрия ва ҷуръати он метавон арзёбӣ кард.

Дар ҳамин саҳифа доир ба муҳокимаи лоиҳаи қонуни мазкур дар шаҳри Роғун зери унвони «Филмҳои фаҳшу зӯроваридошта фурӯхта нашаванд» хабар дода шуда, мавқеи расмиро доир ба масъулияти падару модарон дар тарбияи фарзандон зикр мекунад. Инчунин хабар дода мешавад, ки ҳангоми муҳокима шаҳрвандон фикрҳои худро баён дошта, гуфтаанд, ки дар нодуруст тарбия ёфтани фарзандон танҳо падару модар гунаҳкор нестанд. Як нафар пешниҳод мекунад, ки фурӯши чунин филмҳо, ки фаҳшу зӯроварӣ доранд, манъ карда шавад. Шахси дигар мегӯяд, ки алоқаи волидон бо мактаб пурзӯр карда шавад ва имомхатибон ҳам доир ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, гуноҳ будани амалҳои ношоиста барои наврасону ҷавонон дар вохӯриҳои судманд маълумот диҳанд. Ба назари мо, нашри чунин хабар, ки фикри шаҳрвандонро ҳам айнан меорад, арзишманд аст.

«Реп сароем ё не?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 2 феврал] матлабест, ки зери рубрикаи «Андеша» дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» нашр шудааст. Дар он қонуни инкишофи ҷомеа, ки падидаҳои нав падидаҳои куҳнаро иваз мекунанд, дар маркази андешаҳои муаллиф қарор дошта, мисолҳо вобаста ба ҳамин зикр мешаванд. Масалан, гуфта мешавад, ки мусиқиҳои Борбад дар замони худ шоҳкорӣ буданд, «Шашмақом»-у «Фалак» ҳам дар замони пайдоиши худ нав буданд, бо мурури замон ба классика табдил ёфтанд. Ба ҳамин минвол, таъкид мешавад, ки дар ҳафтод соли Ҳукумати Шӯравӣ вуруди фарҳанги ғарбӣ ва русӣ ба ҷомеаи мо амри табиӣ буд, ки унсурҳое чун театр, синамо, симфония, драма, опера, балет ба ҷузъи фарҳанги миллии мо табдил ёфтанд, ки имрӯз бе онҳо фарҳанги миллии мо номукаммал аст. Ба ҳамин минвол эстрада низ хуб истиқбол мешавад. Соҳиби андеша аз доираи санъат баромада, доир ба навгониҳо дар шеъру адаб, ҳаракати навхоҳии ҷадидия низ изҳори назар карда, мавқеи худро таҳвият мебахшад.

М. Неъмат – муаллифи ин матлаб, таъкид мекунад, ки кишвари мо дар масири ҷаҳонӣ шудан қарор дорад ва мо хоҳем-нахоҳем, мусиқии компютерӣ, фонограмма, реп дар ҷомеаи мо ҳам рушду нумуъ хоҳанд кард. Ба ин сабаб, равшанфикрони тоҷик набояд барои онҳо монеа эҷод кунанд, балки барояшон замина фароҳам оваранд. Гуфта мешавад, ки ҳарчанд реп як навъи мусиқии

ачнабист ва ба фарҳанги миллии мо рабте надорад, аммо талаботи замон аст, зеро он ба маънои томаш як мусиқии иҷтимоист ва сарояндаи реп ба осонӣ андешаву хоҳиши худро дар он ғунҷонида метавонад. Дар фарҷоми матлаб пешниҳод мешавад, ки шабакаҳои телевизионӣ барои рушди репсароӣ сабқати репсароёнро ташкил карда, воситаҳои ахбори омма ҳунари репсароии ҷавонони тоҷикро тарғиб намоянд.

Ба назари мо, идораи нашрия метавонист, ин матлабро бо рубрикаи «Майдони баҳс» нашр карда, дар охир аз номи худ ба хонандагон муроҷиат намояд, то ки онҳо фикру андешаашонро доир ба он баён кунанд. Ин як навъ таҳрик додани зеҳни хонандагон ва ҷалби онҳо ба ин мавзуъ мешуд. Аммо ин матлаб саросар аз таблиғи реп ва репсароӣ иборат аст. Чунин андеша пайдо мешавад, ки идораи нашрия ба мисолҳо, муқоисаҳо ва далелҳои муаллиф мувофиқ аст ва онро ҷонибдорӣ карда, пешниҳоди ӯро, ки «воситаҳои ахбори омма ҳунари репсароии ҷавононро тарғиб кунанд» гуфтааст, иҷро намудааст. Дар зеҳни хонандагон ҳам ҳамин муқоиса шояд мавқеъ пайдо кунад.

Аммо, ба назари мо, дар ин матлаб андешаи сатҳӣ ҳаст, ақидаи аниқу амиқ нест. Муаллиф мебоист доир ба он ки чӣ гуна театру синамо ба фарҳанги мо роҳ ёфтанд ва ба меъёрҳои миллӣ мутобиқ гардонида шуданд ва ё эстрадаро чӣ тавр ҳунармандони соҳибистеъдоди тоҷик ба руҳияи мардуми мо мутобиқ гардониданд, ё ин ки бо вуҷуди ҳама кӯшишҳо операву балет барои фарҳанги мо худӣ нашуд, изҳори назар мекард, баъд ба тарғиби пурраи реп мегузашт.

Ин мавқеи идораи нашрия, ба назари мо, нодуруст аст, ки ворид шудани намунаҳои фарҳангҳои бегонаро таҳлил накарда, ҷонибдорӣ менамояд. Ин ҷо бояд ҳадди ақал ишора мешуд, ки реп ва репсароӣ то кадом андоза миёни ҷавонон маҳбубият дорад, назари онҳо дар бораи он чӣ гуна аст, оё аксарияти ҷавонон онро қабул доранд ё баръакс. Лекин ҳеҷ андешаи дигар вуҷуд надорад.

Дар шумораи дигар бо рубрикаи «Нигаронӣ» матлаби донишҷӯе зери унвони «Шармидан аз ёд баровардем?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2013. 20 июн] нашр шудааст, ки дар он доир ба фарҳанги истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ изҳори назар мешавад. Донишҷӯ Муслимҷони Саймурод аз он изҳори нигаронӣ мекунад,

ки имрӯз бо пайдоиши олами маҷозӣ ва майдонҳои иҷтимоӣ ҳаёти шахсӣ, маҳрамият, эҳсоси шарму гуноҳ дигар намондааст, ин ҳама ба намоиш гузошта мешавад, худпарастӣ авҷ кардааст, дар ҳоле ки набояд чунин бошад, баръакс, шабакаҳои иҷтимоӣ бояд минбари андешаҳои нек, панду ахлоқ, афкори нодиру арзишманд бошанд, на ин ки худнамоишдиҳию «лайк»-гирдоварӣ. Таъкид мешавад, ки шарму ҳаёро аз ёд баровардаем, имрӯз ошкор шудани маҳрамияти ҳаёти шахсӣ шояд саҳлу сода тобад, аммо дар оянда боиси пайдо шудани беморихои рӯҳӣ шуданаш мумкин, аз ин рӯ, бояд фарҳанги истифода аз шабакаҳои иҷтимоиро донисту риоя кард.

Ба назари мо ҳам, ин изҳори нигаронӣ воқеан дуруст аст. Андешаҳои донишҷӯ, ки оқибатҳои чунин амалҳои бешууронаро зикр мекунад, дуруст аст. То ин замон шарму ҳаё ва маҳрамият ҷузъи ниҳоят муҳимми ҳаёти инсон будаанд ва хоҳанд монд, набояд онҳо фаромӯш шаванд. Дар ин матлаб ҳамин маънӣ таъкид мешавад. Ин ҷо фарҳанги истифодаи дурусти интернет таъкид мешавад, ки бояд баманфиат бошад, зеро ҳаёти шахсии шахс ғайр аз худи ӯ ва наздиконаш барои дигарон ҳеҷ аҳамият надорад. Хушбахтиро инсон бояд худ эҳсос кунад, на ин ки бо намоиш гузоштани лаҳзаҳои ҳаёти шахсӣ аз баҳои дигарон ва суханони онҳо дарёбад.

«Озодагон» – ҳафтаномаи мустақили фарҳангӣ-иҷтимоӣ ба масъалаи мавриди назар хеле ҷиддитар муносибат карда, паҳлуҳои изтиробангези онро баррасӣ кардааст.

Масалан, дар ҳафтанома «Таҳлили ҳафта» матлаби таҳлилие бо номи «Баҳона» [«Озодагон», 2012. 4 январ] дар ҳафтаномаи «Озодагон» нашр шудааст. Дар он атрофи аз ҷониби муфтии кишвар накӯҳиш шудани таҷлили Соли нави мелодӣ бинобар ба солгарди мавлуди Исои Масеҳ алоқаманд буданаш изҳори андеша шудааст. Муаллиф таҷлили Соли навро аз ҷониби аҳолии кишвар як баҳонае барои хушҳолӣ дониста, мегӯяд, ки дар шароити фақру нодорӣ будани чунин баҳонаҳое барои як лаҳза шодии мардум ҳеҷ бадӣ надорад. Дар ин матлаб, асосан, якҷониба будани изҳороти муфтӣ таъкид шуда (зеро ӯ ба масъалаи масеҳӣ шудани садҳо сокинони кишвар ҳеҷ вокуниш накардааст, доир ба зарурати

таҷлили мавлуди паёмбари ислом ҳам чизе нагуфтааст, баръакс, аз ёдкарди рӯзи шаҳодати набераи паёмбар Имом Ҳусейн дар масҷиди рӯҳониҳои маъруфи кишвар Тӯраҷонзодаҳо изҳори нороҳатӣ кардааст), андешаҳои таҳлилии муаллиф фаротар рафта, ба вазъи имрӯзаи ногувори зиндагии мардум дахл карда мешавад. Изҳор мешавад, ки дар ҳоли аз миён рафтани фақру нодорӣ мардум барои шод кардани худ баҳонае, ба монанди таҷлили Соли нав, намеҷӯянд. Аз ин рӯ, маҳдуд кардан ё манъ кардан роҳи ҳалли масъала нест.

Муаллиф таъкид мекунад, ки он идҳое, ки ба маънавият пайвандӣ доранд, бидуни ҳеҷ баҳонаи моддие таҷлил шудаву хоҳанд шуд. Барои ҳамин ҳам он баҳонаҳое, ки имрӯз боиси хушҳолӣ мегарданд, худ аз худ аз байн мераванд. Он ҳодисаи нохуш – кушта шудани нафаре бо либосҳои Бобои Барфиро муаллиф баҳонае барои мухолифат ба таҷлили Соли нав медонад, зеро онҳое, ки ба задухӯрд бархостаанд, худ сархуш будаанд. Яъне, ин ҳодиса, ки сабаби накӯҳиши муфтӣ шудааст, асос надорад. Дар мавриди Соли нав чун намунаи фарҳанги бегона гуфта мешавад, ки мардуми мо аз он танҳо ҳамчун ивази тақвим истиқбол мекунанд, ки ҳеҷ бадӣ надорад.

Дар шумораи дигар, зери унвони «Яъҷуҷу маъҷуҷ моро фурӯ мебаранд?» матлаби калонҳаҷме (дар як саҳифа) бо рубрикаи «Нигаронии ҳафта» [«Озодагон», 2013. 1 феврал] нашр шудааст, ки чанд паҳлуи як проблемаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф С. Кароматуллоҳ аз афзоиши хитоиҳо дар Тоҷикистон ва асосан, қарори парлумон, дар бобати ба иҷора додани заминҳои «партов» ба хориҷиҳо ва дар заминаи ин масъала ба никоҳи занони тоҷик бо чиниҳо изҳори нигаронӣ мекунад. Мегӯяд, ки ҷиҳати хатарноки масъала он аст, ки духтарону занони тоҷик аз ночорӣ, аз фақру нодорӣ бо хитоиҳо оиладор шуда истодаанд, ки ин амал оқибатҳои ногувор дорад, зеро амали издивоҷ бо хитоиҳо ба арзишҳои миллии мо ва ҳам аз нигоҳи эътиқодӣ ба арзишҳои динии мо низ хилоф аст, чун насле, ки ба дунё меояд, кию чӣ буданаш маълум нест. Аз ҳамин ҷост, ки арзишҳои эътиқодии мо чунин издивоҷро қабул надоранд.

Дар идомаи матлаб муаллиф боз ҳам нигаронӣ мекунад, ки имрӯз дар сатҳи расмӣ аз сармоягузориҳои хитоиҳо ба иқтисодиёти кишвар хуш қабул карда

мешавад, аммо мегӯяд, ин сармоягузориҳо чандон ба манфиатҳои миллию давлатии мо мувофиқ нестанд, зеро дар рушди иқтисодиёти мо саҳми назаррас надоранд. Аз ин рӯ, ҳушдор медиҳад, ки аз афзоиши босуръати муҳоҷирони корӣ ва деҳқонони хитоӣ, аз сармоягузориҳои онҳо, ки асосан ба манфиати худашон аст, бояд эҳсоси хатар кард, зеро ҳузури онҳо умуман ба манфиати ҷомеаи суннатии мо ва давлати мо нест.

Дар ин матлаб асосан диди манфӣ ба ҳузури хитоиҳо дар кишвар ба назар мерасад, ягон ҷиҳати мусбати он зикр намешавад. Аммо, ба назари мо, муаллифро ба якҷониба баррасӣ кардани масъала айбдор кардан мумкин нест, зеро аз муҳтавои суханаш маълум мешавад, ки факту далелҳои дигаре дорад, ки зикри онҳоро зарур нашуморидааст.

Ба назари мо, ин дидгоҳи миллӣ ва эътиқодӣ аст, ки баҳамназдикшавии фарҳанги мо бо хитоиҳоро аз ҳама ҷиҳат номумкин меҳисобад. Аз ин рӯ, дар ин ҳолат ҳеҷ паҳлуи мусбати масъала вуҷуд дошта наметавонад.

Дар шумораи минбаъдаи ҳафтанома зери рубрикаи «Мушкили ҳафтаҳо» матлаби таҳлилии калонҳаҷме, ки як саҳифаро ташкил намудааст, бо унвони «Масъули бадбахтии ҷавонон кист?» [«Озодагон», 2012. 5 сентябр] ба табъ расидааст. Ин матлаб, ки ба оғози соли хониш бахшида шудааст, мушкили ҷавонони муосирро баррасӣ карда, аз илму маърифат дур мондани наврасону ҷавонон ва ба компютеру филмҳову вақтгузаронии беҳуда машғул шудани онҳоро мояи нигаронӣ донистааст. Дар ин матлаб асосан сабабҳои ин омил – фикри равшан ва созанда надоштани аксарияти ҷавонон ҷуста мешавад.

Муаллиф чун селоб ворид шудани анъанаҳои фарҳангии бегонаро ба вазъу ҳолати сиёсии замон алоқаманд дониста, худ нохоста ва ғайриихтиёр ба онҳо дода шудани ҷавононро айби калонсолон медонад, ки натавонистанд, аз ин гирдоб ҷомеаро наҷот диҳанд. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, барои ин ҷавононро гунаҳкор накарда, зиёиёну равшанфикрон бояд дар ҳамдастӣ бо мақомоти давлатӣ барои ислоҳи вазъ кӯшиш кунанд ва онҳоро ба сӯйи илму маърифат ва худогоҳӣ раҳнамоӣ кунанд.

Ин андешаи муаллиф қобили мулоҳиза аст, ки нуфуз пайдо кардани намунаҳои фарҳанги бегона дар шароите имконпазир аст, ки фазои мусоид мавҷуд бошад, яъне сатҳи пасти зиндагию саводу маърифат сабаби тезтар қабул кардани ақидаҳои таҳмилӣ, ақидаҳое, ки ҳеҷ моҳияти тарбиявӣ надоранд ва танҳо хусусияти саргармкунӣ доранд, мегардад.

Ҳамин мазмун дар матлаби дигари ҳафтанома – «Вакуум. Ё реп мехонем (мезанем – ба чаллаву бо калла)» [«Озодагон», 2012. 26 сентябр] низ ҳис мешавад, ки бефарҳангию бемаърифатии ҷавонони имрӯзаро дар мисоли «реп»-гӯшкунии онҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, бемантиқ, фаҳш ва аблаҳона будани мазмуни суруд, тарзи даҳали сароидану оҳанги гӯшхароши он ҳам зикр шуда, омилҳои ба ин ҳол гирифтор шудани ҷавонон пурсида мешавад. Дар посух сабаби дур мондани наврасону ҷавонон аз одобу маърифату савод фаъол набудани воситаҳои фарогирандаи онҳо дониста мешавад. Гуфта мешавад, ки қиматии арзиши китобҳои арзишманд, кам будани теъдоди нашри рӯзномаю маҷаллаҳои хонданӣ, таъсирбахш набудани барномаҳои телевизионӣ, тавассути радио пахш шудани сурудҳои кӯчагии бемаъно ба ин сабаб гардидаанд. Яъне, воситаҳои таъсирбахш вақте кори худро иҷро карда наметавонанд, аз ин сабаб ҳам майнаҳои холӣ ба ҳарфҳои ҳавоӣ дода мешаванд, ки «сафсатагӯшкунӣ»-и ҷавонон аз ин қабил аст.

Дигар мавод зери унвони «Суруди Ҷенифер Лопес «ҳайвон», репҳои тоҷикӣ «хар»-у «тенҷи бад»?» [«Озодагон», 2014. 26 ноябр] аз бадзабонӣ ва бемаърифатии ҷавонони имрӯз изҳори нигаронӣ мешавад, ки бо доираи маҳдуди ҷаҳонбинию тафаккур сатҳи ниҳоят пасти фаҳмишу завқ ва беадабии худро бешармона дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба намоиш мегузоранд.

Дар шумораи дигари ҳафтанома матлаби калонҳаҷме, ки бештар аз як саҳифаро ташкил додааст, зери унвони «Неомусулмонизм» [«Озодагон», 2011. 2 феврал] нашр гардидааст. Ин матлаб зерсарлавҳаҳо ҳам дорад, ки «Иштибоҳи Шӯравӣ», «Эй риш, балои ҷон шудастӣ», «Маърифати ислом» боздошт шуд. Якбора «Қуръон»-ро ҷорӣ кунем?!», «Тарбияро дар кӯҷо мегиранд?», «Мулло завод созад, олим чӣ лозим?», «Ҳофизони раққосаҳои нимурён бошанд!!!» аз ин

ҷумлаанд. Дар ин матлаб доир ба сиёсати ғалати исломситезии шӯравӣ ва идома ёфтани он сухан рафта, дар симои ҳар мусулмони ришдор ва масҷидрав дидани террористу экстремистро кори хато мешуморад.

Иброз мешавад, ки таълими аркони ислом ба наврасону ҷавонон дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва пурра гардидани он ҳангоми шунидани мавъизаҳои имомхатибони босавод дар масҷидҳо амали дурустест, ки ба тарбияи инсони хушахлоқу боимон мусоидат мекунад, аммо боздоштани таълими фанни «Маърифати ислом» дар мактабҳо, манъ кардани масҷидравии наврасони то 18-сола баръакси ҳол хоҳад шуд. Муаллиф онро, ки имрӯз ба сӯйи мулло санги маломат зада мешавад, ки ӯ дар рушди ҷомеа саҳм надорад, накӯҳиш карда, мегӯяд, ки ҳамаи мо ба мулло ниёз дорем, аз ин рӯ, набояд дар мисоли як-ду нафар тамоми рӯҳониҳоро таҳқир кард.

Дар идомаи таҳлилҳои худ муаллиф сиёсати зидду нақизро таъкид мекунад, ки соле бузургдошти Имоми Аъзам таҷлил мешаваду зарурати омӯхтани асосҳои дини мубини ислом таъкид мешавад, аммо соле пас, баръакс, фанни таълимии «Маърифати ислом» бардошта мешаваду ба масҷид рафтани наврасон ба террорист шудани онҳо баробар дониста мешавад.

Муаллифи матлаб аз он изҳори нигаронӣ мекунад, ки имрӯз бо сабукфикрӣ сарояндазанҳое пайдо шудаанд, ки дар тақлид ба фарҳанги Ғарб бо сурудаҳои пучу бемаънӣ танҳо худу ҷисми нимурёни худро ба намоиш гузошта, бо тарзу усули шаҳватбарангезона ҳунарнамоӣ мекунанд, ки ин амал миёни ҷомеаи суннатии мо, ки ба арзишҳои эътиқодии худ эҳтироми хосса доранд, чун тарғиби фаҳш дониста мешавад.

Муҳтавои аслии матлаб таъсири номатлуби ҷаҳонишавӣ – тарғиби дини террористӣ будани ислом аз ҷониби кишварҳои манфиатдор, манфӣ ва хатарнок нишон додани чеҳраи мусулмон, ба вуҷуд овардани бенизомии фарҳангӣ дар кишварҳои хурд, тарғиби фаҳшу зӯроварӣ ҳамчун нишони озодию демократия мебошад, ки аз ин ҳама изҳори нигаронӣ мешавад.

Маълум аст, ки муаллиф раванди тарғибшавандаи баҳамназдикшавии фарҳангҳоро, ки дар мисоли либоспӯшии занону духтарон ва сарояндагии онҳо намоён аст, умуман қабул надошта, онро таҚлиди кӯр-кӯрона мешуморад.

Дар матлаби дигари ҳафтанома, ки зери унвони «Занги охир». Таърих исбот намудааст, ки ҳукуматҳои тӯлонӣ ислоҳот карда наметавонанд. Ҳатто вақте чунин хоҳиш ҳам доранд...» [«Озодагон», 2011. 25 май] нашр шудааст, ба таври рамзӣ масъалагузорӣ мешавад, ки дар ҳукуматҳое, ки дар онҳо роҳбарон солҳои тӯлонӣ амал карда истодаанд, аз калимаи «охир» метарсанд.

Дар идомаи матлаб аз булаҷабиҳои раванди ҷаҳонишавӣ сухан меравад, ки кишварҳои пешрафта ва демократии Аврупо мехоҳанд, ин таҷрибаи нодири худ – демократия ва қонунҳои онро дар тамоми кишварҳои олам ҷорӣ намоянд, барои ин кӯшишҳои зиёд мекунанд, аз ҷумла, бо роҳбари Созмони амнийт ва ҳамкорӣ дар Аврупо таъйин намудани намояндагони кишварҳои гуногун сар карда аз роҳбарони давлатҳо мехоҳанд қонуниятҳои демократияро дар он кишварҳо низ пурра амалӣ созанд.

Муаллифи матлаб доир ба он ки президенти Қазоқистонро ба роҳбарии ин созмони замоне бонуфузи аврупоӣ баргузида буданд, аммо он интизориҳои кишварҳои аврупоӣ амалӣ нашуд, изҳори назар карда, ин амалро паст рафтани нуфузи созмон мешуморад.

Эҳсос мешавад, ки муаллиф хоҳони арҷ гузоштан ба арзишҳои демократӣ, ба монанди риояи ҳуқуқи инсон, мавҷуд будани озодии баёну расонаҳо, имкони таҳаммули мухолифон дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон аст, аммо амалкарди кишварҳои аврупоиро барои расонидани ин кишварҳо ба ин дараҷаҳо номуваффақ мешуморад. Яъне, аз нигоҳи гуманизм баҳамназдикшавии фарҳангҳо, аз ҷумла фарҳанги муносибат бо инсон ҳамчун арзиши олӣ, хуш қабул дорад.

«Озодагон» зери рубрикаи «Фоҷиаи рӯз» ва унвони «Даҳшат. Аз онҳое, ки ба синни 18 нарасидаанд, хоҳиш мешавад, ин матлабро нахонанд» [«Озодагон», 2011. 15 май] аз пайдо ва зиёд шудани шумораи ҳамҷинсгароён дар кишвар бонги изтироб мезанад. Дар ин матлаб саргузашти як тан қаламкаш, ки аз ҷониби як

нафар ҳамҷинсгаро дархост гирифта, бо мақсади маълумот гирифтан бо ӯ вохӯрдааст, сухан рафта, пайдоиши чунин амалҳоро нанг барои миллат мешуморад. Идораи нашрия ҳам дар охири матлаб таъкид менамояд, ки парлумони кишвар бояд ҳамон моддаи кодекси ҷиноятии шӯравиро, ки ин амалро ҷиноят меҳисобид, дубора барқарор намояд, то бо ин роҳ пеши роҳи ин ҷинояти нангин гирифта шавад, зеро «чунинкора шудани ҷавони тоҷик ва кӯчагард шудани навдухтаронамон қадами ҷиддӣ ба сӯйи беномусист. Бо беномусу бенанг намешавад даъвои ватанхоҳӣ кардан...» [«Озодагон», 2011. 15 май].

Ба назари мо ҳам, ин бонги изтироб дар ҳақиқат, баҷост, зеро ин хавф ба «шарофат»-и таъсири фарҳанги имрӯзаи аврупоӣ дар ҷомеаи мо зуҳур намуд. Ин амалро дар кишварҳои ғарбӣ як амали муқаррарӣ ва ҳатто ҳуқуқи ҳар нафар мешуморанд, онро расман иҷозат ҳам додаанд ва мехоҳанд, дар тамоми ҷаҳон ҳуқуқи ин тоифа ҳимоя шавад.

Ҳафтанома ба ин масъала пас аз муддатҳо баргашта, зери унвони «Мавқеи Кумитаи дин нисбат ба ҳамҷинсгароӣ моҳи июл рӯшан мешавад» [«Озодагон», 2014. 18 июн] хабар додааст. Дар он гуфта мешавад, ки агарчи дар ҷомеаи суннатии Тоҷикистон касе дар бораи ҳамҷинсгаро буданаш ошкоро суҳбат намекунад, аммо солҳои охир афроде пайдо шудаанд, ки бо махфӣ нигоҳ доштани номашон бо созмонҳои ҳомии ҳуқуқ ва хабарнигорон ҳамсуҳбат мешаванд. Хотиррасон мешавад, ки ин масъалаи замоне пӯшида вақте доғ шуд, ки соли 2011 як созмони маҳаллӣ хабарнигоронро барои баррасии мунсифонаи ақаллиятҳои ҷинсӣ дар Тоҷикистон даъват карда буд. Ин даъват мавзуъро ошкору расонаӣ кард ва дар ҳамин ҳол хабари ба ҳам издивоҷ кардани ду ҷавон нашр шуд, ки ба болои оташ равган рехтанро мемонд.

Дар идомаи хабар боз хотиррасон карда мешавад, ки раиси Маркази исломии Тоҷикистон, ягона ниҳоди содиркунандаи фатво дар Тоҷикистон С. Абдуқодирзода моҳи феврали соли ҷорӣ (2014) ҳамҷинсгароӣ ё муносибати мард бо мард ва ё муносибати зан бо занро маҳкум карда, онро офат ва мусибат дониста буд. Раиси Маркази исломӣ ин суханонро пеш аз баргузории намози ҷумъа дар масҷиди марказии пойтахт изҳор дошта, гуфтааст: «Шарм медорам, ки

дар ин мавзуъ гап занам, аммо вазъият ҳаминро талаб мекунад, зеро дар кишвари мо ҳам бархеҳо ба ин амали нангин даст мезананд».

Муфтӣ дар идомаи суханони худ аз қонунӣ шудани ҳамҷинсгаройӣ дар баъзе кишварҳои ғарбӣ ва пешниҳодҳо барои дар Тоҷикистон ҳам қонунӣ кардани ин амалро сахт интиқод карда, бо мисолҳо таъкид намудааст, ки «ҳар қавме дар ҳар замоне ба ин амал даст задааст, ба азоби сахт гирифтор шудааст».

Ба назари мо, ин ҷиҳати манфури раванди ҷаҳонишавӣ аст, ки амалҳои бадахлоқона ва комилан зидди тасаввуроти миллию динии мардуми моро дидаю дониста бо ҳар роҳ миёни мардум паҳн кардан мехоҳад. Пайдоиши созмонҳои маҳаллӣ ва нафароне, ки ба ин кори ифлос машғуланду бо расонаҳои хориҷии дар кишвари мо амалкунанда суҳбат мекунанд, ҳама фармоишӣ мебошанд, ки ба ивази маблағ барои бештар шудани ин амал истифода мешаванд.

Хуб аст, ки расонаҳои Тоҷикистон ба ин масъала аз дидгоҳи миллию эътиқодӣ муносибат мекунанд, ончунон ки дар матлаби «Озодагон» мушоҳида шуд, яъне ба кӯшишҳои чун чизи одӣ нишон додани ин мавзуъ ҳамроҳ нашуда, мавқеи мушаххаси худро доранд.

«Озодагон» дар матлаби дигар зери унвони «Империализми фарҳангӣ» аз он изҳори нигаронӣ мекунад, ки имрӯз кишварҳои абарқудрат ва пешрафта бо баҳонаи демократия ва озодӣ танҳо хостаҳои худро амалӣ менамоянд: «Имрӯз дар Ғарб равшанфикрон ва сиёсатмадоронаш бар сари ин меандешанд, ки чӣ гуна Шарқ ва кишварҳои ба истилоҳи онон ҷаҳони савумро зери чатри империяи фарҳангии худ қарор диҳанд» [«Озодагон», 2015. 6 май].

Муҳтавои аслии матлаб ба духӯрагии сиёсати абарқудратҳо барои амалӣ кардани ҳадафҳои геополитикии худ дахл дошта, муаллиф мегӯяд, ки онҳо барои амалӣ кардани ҳадафҳои худ он кишварҳое, ки хостаҳояшонро амалӣ намекунанд, бо баҳонаи мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ фаъолият надоштан гунаҳкор карда, ҳар гуна чораҳоро нисбат ба онҳо меандешанд, аммо ба кишварҳои дӯсташон кордор намешаванд, ки дугонагии сиёсати онҳоро нишон медиҳад.

Муаллиф аз он изҳори нигаронӣ мекунад, ки онҳо фарҳанги худро ба муқобили арзишҳои фарҳангии кишвару миллатҳои хурд гузошта, онҳоро нодида

мегиранд ва гӯё барои баробарҳуқуқии инсонҳо талош мекунанд, ин ҳам дар ҳоле ки ба таъкиди муаллиф, «яке аз масоиле, ки Ғарб ба он ҳассос аст ва ҷавомеи шарқӣ ба он аз дидгоҳи ахлоқ ва ҳадду марз нигоҳ мекунад, ин озодӣ аст. Ба тавҷеҳи равшанфикрони ғарбӣ бояд инсон дар ҷомеа озод бошад, ба тамоми маъно! Ба бовари равшанфикрони шарқӣ он озодие, ки ҳамроҳ бо ахлоқгароӣ набошад, боиси адами ҷомеаи боамният ва субот мешавад» [«Озодагон», 2015. 6 май].

Ба назари мо, ин матлаб ҳам бонги изтироб аст, ки набояд фирефтаи таблиғоти ғарбӣ шуд ва асолати фарҳангию миллии худро аз даст дод, яъне ҷаҳонишавӣ «набояд ба он маъно бошад, ки миллатҳои хурд ба баҳои аз даст додани ҳувияти фарҳангии худ ба ҷаҳонгароӣ бипайванданд».

Ҳафтаномаи «Озодагон» дар чанд матлаби дигар бо унвонҳои «Пешниҳоди таъйини ҷазо барои мардоне, ки назди танфурӯшон мераванд» [«Озодагон», 2014. 11 июн], «Чаро ВКД якбора серташвиш шуд?» [«Озодагон», 2014. 18 июн], «Ҳамла ба фоҳишаҳо ҳалли мушкил?» [«Озодагон», 2014. 18 июн], як мушкили дигари ахлоқӣ дар ҷомеа – танфурӯшии занонро ҳамчун масъалаи доғи рӯз баррасӣ карда, аз рейдҳои мақомоти корҳои дохилӣ барои дастгир намудани ҷиноятҳорони ахлоқӣ хабар дода, сабаб ва омилҳои ин мушкилоти ҷомеаро ҷӯё шуда, ин ҳамаро таъсири номатлуби ҷаҳонишавӣ медонад, ки танфурӯшӣ барои ҷомеаи суннатии мо амали нангин шуморида мешуд, аммо бо таъсири тарғиботи ғарбӣ он чун кори муқаррарӣ гардида истодааст ва онҳое, ки ба ин кор машғуланд, гӯё шарм карда, ҳангоми пурсиш сабабро ба фақру нодории худ вобаста медонанд.

Аммо муаллифони матлабҳо таъкид мекунанд, ки ин баҳона шуда наметавонад, зеро дар ҷомеаи суннатии мо занҳои зиёде ҳастанд, ки дар ҳоли бадтаре қарор доранд, аммо нангу номуси миллию динӣ онҳоро нагузоштааст, ки роҳи ҳалли мушкилоти худро дар танфурӯшӣ бубинанд, баръакс, онҳо ба меҳнати сахти ҷисмонӣ машғул шудааанду ин корро накарданд.

Ба назари мо, ин таҳлилҳо дуруст ва мантиқӣ ҳастанд. Дар ҳақиқат, таблиғоти ғарбӣ, ки танфурӯшии занонро ҳамчун ҳуқуқу озодии онҳо ва ҳатто

шуғли онҳо талаққӣ менамояд, дар ҷомеаи мо ҳеҷ гоҳ чун амали муқаррарӣ қабул нахоҳад шуд, зеро ҳувияти миллию мазҳабии мо ба ин роҳ намедиҳад. Ба назари мо, ин мавқеи идораи ҳафтанома дуруст аст, ки бо пайгирӣ намудани мавзуъ дар чанд матлаб ҳамин раванди таблиғшавандаи баҳамназдикшавии фарҳангҳоро маҳкум мекунад ва онро хатар ба арзишҳои миллӣ мешуморад.

«Сигоркашии занони тоҷик: аз ҳавою ҳавас, асабоният ё мушкилот?» [«Озодагон», 2013. 5 июн] – ин матлаб низ сарсухане дорад, ки қобили мулоҳиза аст: «Агар даҳ сол қабл сигоркашии бархе аз занону духтарон дар Тоҷикистон одамонро ба тааҷҷуб меовард, ҳоло ба як ҳолати маъмулӣ табдил ёфтааст». Муаллиф тавре аз унвони матлабаш маълум аст, сабабҳои сигоркашии занону духтарони тоҷикро бевосита аз забони онҳо меорад, ки ба мушкилоти оилавӣ, асабоният ва ҳавою ҳавас алоқаманд будааст. Яъне, таъсири фарҳанги ғарбӣ тавассути филмҳо чунин ҳавою ҳаваср дар вуҷуди занони тоҷик бедор намудааст, ки онҳо ҳам бо таъсири дидаҳояшон ин амали номатлубро таҷриба кунанд. Муаллиф бо овардани андешаҳои равоншиносу духтури беморихои занона таъкид мекунад, ки сигоркашии занон як ҳолати бисёр ногувори ҳаёти онҳо аст, зеро аз рӯйи ҳавою ҳавас сигор кашидан онҳоро вобаста мегардонад ва баъдтар аз ин ҳавас даст кашидан хоҳанд ҳам, барояшон хеле душвор меафтад.

Ҳамин тариқ, дар муқоиса бо ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» маълум мешавад, ки ҳафтаномаи «Озодагон» ба масъала ҷиддитар муносибат карда, раванди ҷаҳонишавӣ ва баҳамназдикшавии фарҳангҳоро аз чанд ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро ҳамаҷониба таҳлил ҳам кардааст, ки намунаи ин таҳлилҳоро муфассалтар зикр кардем. Мутаассифона, доир ба ин масъала дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» мавод кам ба чашм расид.

Ба назари мо, ин масъала ниҳоят ҷиддист, аз ин рӯ мебоист аз ҳама ҷиҳат баррасӣ мешуд, танҳо ба ҷузъиёт ва мавзуъҳои умумӣ диққат дода, вазифаи худро иҷрошуда ҳисобидан мумкин нест.

Ин нуктаи муҳимро набояд фаромӯш кард, ки ҷаҳонишавӣ ҷараёни баҳамназдикшавӣ, омехташавии фарҳангҳо ва таҳдид ба арзишҳои фарҳангии

кишварҳои хурдро дучанд гардонидааст. Дар чунин ҳолат вазифаи муҳимтарини расонаҳо ҳифзи арзишҳои миллӣ мебошад.

Ин амал бояд огоҳона, дар сурати ба асли масъала сарфаҳм рафтан анҷом дода шавад. Барои мисол, вақте дар «Ҷавонони Тоҷикистон» репу репсароӣ тарғиб мегардад, дар «Озодагон» раванди воридшавии фарҳанги бегона таҳлил мешавад. Ба назари мо, хоҳ-нохоҳ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид мешавем ва падидаҳои онро қабул мекунем гуфтан, хилофи принсипҳои касбии фаъолияти журналистӣ аст.

## 2.2. Нақши матбуоти даврии тоҷик дар муаррифии фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ

Фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ ҷузъи арзишҳои этникии онҳо аст. Аслан, этнос дар луғат маънои халқ, миллатро дорад. «Аммо маъмулан ақаллиятҳои этникӣ ё миллӣ гуфта, намояндагони гурӯҳҳои этникиеро меноманд, ки дар ҳудуди ягон давлат зиндагӣ мекунанд, шаҳрвандони он мебошанд, аммо ба аҳолии таҳҷоии миллӣ дохил намешаванд» [162]. Шарҳҳои зиёди дигаре ҳамчун назари муҳаққиқони гуногун дар «Википедия» оварда мешаванд. Мо ба ин масъала бештар аз ин таваҷҷуҳ карданро ин ҷо зарур намешуморем, зеро ҳадафи мо муайян намудани он аст, ки то кадом андоза ақаллиятҳои миллӣ, тарзи зисту зиндагии онҳо, мушкилот ё муваффақиятҳои онҳо мавриди таваҷҷуҳи рӯзноманигорон қарор дорад ва он бо кадом сабку услуб баён мегардад.

Масъалаи мазкур, яъне баррасии мушкилоти ақаллиятҳои миллӣ дар ВАО-и Тоҷикистон нахустин нест. Ин масъала дар ВАО ва аз ҷониби муҳаққиқон борҳо бардошта шудааст. Соли 2008 И.М. Дубовитская – коршиноси Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ дар сомона натиҷаи таҳқиқоти худро бо номи «Проблема национальных меньшинств в русскоязычных СМИ Таджикистана» [147] ба нашр расонида буд.

О. Феррандо дар мақолааш ба масъалаи бевоситаи ақаллиятҳои миллӣ ва ВАО дар мисоли водии Фарғонаи мансуб ба ҳудуди Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва

Қирғизистон таваҷҷуҳ намуда, дар асоси фаъолияти матбуоти ақаллиятҳо вазъиятро дар минтақа таҳлил менамояд [108, с. 154-155]. Г. Дзутсева дар мақолааш масъалаи таҳсили тоҷикзабонон ва ақаллиятҳои миллии дигарро баррасӣ намуда, дар мавриди таносуби соҳибзабонон ва таҳсилоти онҳо баҳс мекунад [146].

Ҳамчунин муҳаққиқи тоҷик И. Раҷабов аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ дар мавзуи «Национальное большинство и национальное меньшинство: место и их роль в государственном устройстве современного Таджикистана» (Аксарият ва ақаллиятҳои миллӣ: ҷой ва нақши онҳо дар бунёди давлатдории Тоҷикистони муосир) [122] рисолаи номзадӣ навишта, асосан ба масъалаи мавқеи миллатҳои хурд дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ намудааст.

Муаллифони китоби «Проблемаҳои ақаллиятҳои этникӣ дар Тоҷикистон» [14] натиҷаи як таҳқиқоти сотсиологиро рӯйи чоп овардаанд, ки муносибатҳои миллии дохили Тоҷикистонро инъикос менамояд. Р. Қосимова дар тадқиқоти худ «Масоили умда ва пешомадҳои ақаллиятҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [148] масъалаҳои муносибатҳои миллӣ, ҳамзистии миллатҳоро дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз муҳаққиқони зикршуда, ки таҳқиқоти баъзе хусусияти сирф илмии сиёсӣ, фалсафӣ, иҷтимоъшиносӣ ва баъзе таҳқиқоти журналистиву сотсиологӣ ба ҳисоб мераванд, вале аз нигоҳи илми журналистика масъалаи мазкур то андозае баррасӣ нагардидааст. Ҳадафи мо таҳлил ва баррасии маводи журналистӣ доир ба масъалаҳои фарҳанги гурӯҳҳои этникӣ ва тавассути он баррасӣ намудани масъулияти иҷтимоии рӯзноманигор аст.

Воқеан, рӯзноманигор барои тамоми инсонҳо, барои тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ як хел ва беғаразона бояд хизмат кунад, манфиати актуалии ҳамаи миллатҳоро бо як чашм бинад, онҳоро ба худиву бегона ҷудо накунад.

Дар инъикоси фарҳанги миллати тоҷик, ақаллиятҳои миллии Тоҷикистон, гурӯҳҳои махсуси иҷтимоии кишвар силсилаи мақолаҳои илмӣ эҷод шудаанд. Аз ҷумла, таҳқиқоти махсуси профессор М. Абдуллоев «Таджикская публицистика и национальная идентичность» [1], Қ.Мухторӣ «Инъикоси махсусияти фарҳанг ва зиндагии маишии тоҷикон дар матбуоти русзабони Тоҷикистон»(дар мисоли

нашрияи»Азия-плюс»)» («Освещение особенностей таджикской культуры и быта в русскоязычных СМИ Таджикистана (на примере газеты «Азия-плюс»)» [50, с. 268-271]-ро дар ин маврид зикр кардан мумкин аст.

Қаблан бояд бигӯем, ки қонунҳои Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ба арзишҳои миллию фарҳангии тамоми халқияту миллатҳои маскуни ин сарзамин арҷ мегузорад: «Ақаллиятҳои миллӣ дар доираи муқаррароти қонуни мазкур дар баргузории анъана ва ҷашну маросимҳои суннатиашон озод мебошанд» [141].

«Ҷумҳурият» – нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи мавҷудияти худ ҳамеша ҳамдаму ҳамроҳи мардум буда, дар баррасии мушкилоти ҷомеа нақши бузург дорад. Масъалаҳои фарҳанги ақаллиятҳо низ дар саҳифаҳои ин рӯзнома баррасӣ мешаванд. Онҳо аз нигоҳи мавзуъ гуногунанд ва, аслан, ҳамон масъалаҳоеро дар бар мегиранд, ки мо дар қисмати аввали рисола ҳамчун унсурҳои фарҳанги миллӣ муаррифӣ намуда будем, аз ҷумла, ҷашну маросимҳо, дину эътиқод анъанаҳо ва монанди ин. Яке аз масъалаҳои баррасишуда инъикоси ҷашни динии насрониёни мазҳаби православии кишвар аст. Барои хонандаи тоҷик маълумоти зерин, ки дар мавод оварда мешавад, шояд то андозае нав бошад:

1. Ин ид ба муносибати Эҳёи ҳазрати Исои Масеҳ шаб оғоз ёфта, то соати 3-и субҳ дар калисои Николӣ Муқаддас (Свято-Николских Собор) баргузор шуда, пайравони ин мазҳаб ибодати идона анҷом медиҳанд.
2. Ҳоло дар Тоҷикистон 6 калисои православӣ мавҷуд буда, наздикӣ 30 ҳазор кас пайравӣ ин мазҳабанд.
3. Ҷашни Эҳё ё Пасха, тибқи таълимоти мазҳаби православӣ, 40 рӯз идома меёбад [«Ҷумҳурият», 2011-2014].

Дар Тоҷикистон ҳамаи мардум новобаста ба дину мазҳаб, забон, фарҳанг баробарҳуқуқ мебошанд. Мутобиқи моддаи 26 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд» [14, с.25].

Мавод хусусияти муаррификунандагӣ дорад, дар он, аслан, проблемагузорӣ дида намешавад.

Аз нигоҳи назариявӣ маводи рӯзноманигорӣ се ҷанбаи муҳимро дар бар мегирад: хусусияти иттилоърасонӣ, хусусияти маърифатӣ ва проблемагузорӣ. Албатта, ҳар се ҷиҳат муҳиманд, маводи боло, асосан, хусусияти маърифатӣ дорад, яъне дар мавриди як ҷашни динии миллати маскуни Тоҷикистон маълумоти муфассал дода мешавад. Бо боварии комил метавон гуфт, ки мушкилот дар ин самт вуҷуд дорад, аммо дар панҷ соли таҳқиқи мавод мо тавонистем танҳо ҳамин як маводро дар бораи фарҳанги динии ақаллиятҳои маскуни Тоҷикистон аз саҳифаҳои рӯзнома пайдо кунем, ки ин, ба андешаи мо, бемасъулиятии кормандони рӯзномаро ба касби худ нишон медиҳад. Мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки дар давраи таҳқиқи мо рӯзнома ба масъалаи ақаллиятҳои миллӣ хеле кам таваҷҷуҳ намудааст.

Бар хилофи ин, дар матбуоти даврии ҷамъиятӣ-сиёсӣ масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ ҷиддӣ ба миён гузошта мешаванд. Чунончи, дар рӯзномаи «Миллат» дар ин маврид силсилаи маводи таҳлилию таҳқиқиро дидан мумкин аст.

Масалан, маводе зери сарлавҳаи «Ояндаи мо. Ё сабақи туркманӣ?» [«Миллат», 2010. 29 сентябр] аз тарафи Ҷ. Усмониён нашр шудааст. Мавод аз панҷ зерсарлавҳа иборат мебошад. Зерсарлавҳаи аввал «Туркман бурд, тоҷик бохт» ном дошта, оид ба пайдоиши туркманҳо ва давлати Туркманистон гуфта шудааст. Инчунин хислатҳои туркманҳоро инъикос намудааст: «Хислатҳои наҷиби эшон, аз қабили парҳезкорӣ, канорачӯӣ аз ғайбату танқиду хашму бухлу кина ва аз сиёсат дурӣ ҷустану таваҷҷуҳ ба ҳунару санъат намудан, имкон фароҳам овардааст, ки ин миллат дар тӯли қарнҳо дар муҳити сулҳу осоиштагӣ давлати миллии худро бунёд созад ва имрӯз ба яке аз кишварҳои сарватманди минтақа табдил ёбад».

Дар ин мисол хислатҳои туркманҳоро иброз дошта, оид ба ҳунару санъати эшон маълумоте наовардааст, ки хонанда аз мутолиаи он оид ба санъати онҳо ошноие пайдо намояд. Дар баробари ин, аз зерсарлавҳаи мазкур ҷумлаеро ҷудо

намудем, ки ду калимааш барои хонанда душворфаҳм мебошад: « Ҳадафи аслӣ ва барномаҳои дурнамои давлати кунунии туркманҳо зиндагии мураффаҳе барои ояндагон эъмор кардан аст» [104].

Дар мисоли мазкур  калимаҳои «мураффаҳ» ва « эъмор» ноошно буда, хонанда маҷбур мешавад, ки барои маънидод намудани он рӯ ба китоби фарҳанг намояд. Аммо на ҳар як хонанда вақти кофие дорад, ки аз пайи маънои калима гардад, аз ин рӯ калимаҳои овардашуда бо лафзи сода инъикос ёбад, барои хонанда беҳтар мебошад.

Сарлавҳаи минбаъда «Мардуми дур аз сиёсату фориғ аз ҳангома» мебошад, ки оид ба сафари рӯзноманигорон маълумот додааст: «Дар рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Туркманистон дар Тоҷикистон мо як гурӯҳ рӯзноманигорон ба ноҳияи Ҷилликӯл (н. Дӯстӣ), он ҷо ки туркманҳо беш аз чаҳорсад сол сукунат доранд, сафар намудем». Дар ин қисм инчунин хислати туркманҳоро боз аз нав ёдовар шудааст, ки ин аллакай такрор мебошад: «Яке аз хислатҳои начиби ин мардум дурӣ ҷустан аз сиёсату сиёсатбозиҳост».

Дар қисми сарлавҳаи сеюм «Туркманҳо меоянд» оид ба туркманҳои ноҳияи Ҷилликӯл (н.Дӯстӣ) ва туркмандухтар аз Туркманистон, ки бо шаҳрванди Тоҷикистон, ки туркзабон мебошад, оила бунёд намуда, дар  ноҳияи Ҷилликӯл (н.Дӯстӣ)  муқимӣ мебошад, маълумот медиҳад,  ки фактҳо аниқ баррасӣ шудаанд. Ин рафтор ҳар як хонандаро бовар мекунонад, ки рӯзноманигор маълумоти дурӯғро нашр накарда, балки дидаашро рӯйи коғаз овардааст.

Дар баробари ин, сукунати онҳоро аз забони туркманҳои рӯзгордидаи Ҷилликӯл (н.Дӯстӣ) баён намуда, ба ягон китоби илмӣ ё ба ягон шахси муайян такя накардааст: «Дар асоси гуфтаҳои туркманҳои рӯзгордидаи Ҷилликӯл (н.Дӯстӣ) сукунати онҳо дар ин ноҳия таърихи беш аз 400-сола дошта, 26-27% аҳолии ноҳияро ақаллиятҳои миллии туркман ташкил медиҳанд».

Сарлавҳаи дигар «Мушкили таълим дар мактабҳои туркманӣ» номгузорӣ шуда, аз вазъи таълим дар мактабҳои туркманӣ, дастнорас будани китобҳо ба забони туркманӣ нақл мекунад. Аз рӯйи нақли муаллиф, омӯзгорони туркман китобҳои тоҷикиро ба забони туркманӣ тарҷума намуда, дарс мегузаранд.

Дар охир гуфта шудааст, ки ин ҳолати онҳо ягон масъулинро ба ташвиш наовардааст. Албатта, ин масъала ба ояндаи фарзандони туркманҳо вобаста буда, аз масъулин таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд. Ин қисмати мавод далолат ба масъулияти иҷтимоии худро иҷро намудани журналист менамояд, ки ҷасоратмандона масъалагузорӣ кардааст.

Сарлавҳаи панҷум «Руҷӯи туркманҳо ба мактабҳои тоҷикӣ» ном дошта, нақл аз забони як омӯзгор аст, ки набераашро ба мактаби тоҷикӣ супоридааст, аммо дар андешаи он аст, ки ояндаи наслҳои туркманон дар минтақа чӣ мешуда бошад.

Охирин сарлавҳаи мавод «Сабақи туркманӣ ва сулҳи тоҷикӣ» мебошад, ки ҳаҷман аз дигар қисмҳои мавод калон аст. Дар ин қисмати мақола муаллиф туркманҳоро бо тоҷикон қиёс намуда, иброз медорад, ки сабақро аз ин мардум бояд омӯхт, зеро онҳо аз пайи зиндагии орому осуда мебошанд. Инчунин, рӯзноманигор иброз медорад: «Чаро дар суҳбатҳои туркманҳои Ҷилликӯл баланд бардоштани ҳосилнокии боғҳои анору таҷдиди дӯконҳои қолинбофию дигар масоили муҳими зиндагӣ муҳокима мешаваду дар маҳофили сари кӯчаву бозору корзорҳои мо мавзуъҳое матраҳ мешаванд, ки, аслан, ба ободонӣ ва пешрафти ҳаёти иқтисодии мо рабте надоранд?»

Маводи дигар зери сарлавҳаи «Туркмандухтарони Ҷилликӯлро тоҷирони турк қолибоф карданд» [«Миллат», 2012. 12 апрел] нашр шудааст. Мақола таҳқиқӣ буда, дар он чанд факт аз ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии туркманони маскуни Тоҷикистон оварда мешавад. Ин фактҳо, ки барои хонанда ҳамчун иттилоъ пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд: дар ноҳияи Ҷилликӯли вилояти Хатлон коргоҳи қолибофӣ таъсис ёфтааст; дар ин коргоҳ қарор дода шудааст, ки дар марҳалаи аввал сад духтари туркмантабор ба шуғли қолибофӣ ҷалб шаванд; духтарони ба ин дӯкон ба кор ҷалбшуда аслан аз оилаҳои камбағал буда, баъди хатми мактаби миёна имконияти идомаи таҳсилро надоштаанд. Барои тақвияти ин гуфта ба суханони корманди ҳукумати маҳаллӣ Т. Чориева истинод карда мешавад, ки ӯ дар суҳбат ба радиои Би-би-си гуфтааст: «Дар як сохтмони замони

Шуравӣ чандин дастгоҳи қолибофӣ солҳо бекор буд ва қарор шуд тибқи як тарҳе, ки аз сӯйи тоҷири турк ҳимояти молӣ шуд, як коргоҳ фаъол шавад».

Маълумоти чорум дар мақолаи мазкур аз фарҳанги аҷдодии туркманҳо буда, он низ аз забони намояндаи ин миллат оварда мешавад: Бону Чориева афзуд: «Қолибофӣ ҳунари аҷдодии туркмантаборони ноҳияи Ҷилликӯл аст. Ӯ гуфт, ки фаршҳои дастбофти туркманӣ, ки дар шароити хона таҳия мешаванд, дар Тоҷикистон ва берун аз он ҳамеша харидор доштаанд».

Охирин маълумоте, ки дар мавод ҷойгир шудааст, баёнгари он аст, ки маводи нашршуда ба туркманҳои ҷамоати «Гарди Гулмурод»-и ноҳияи Ҷилликӯл вобаста мебошад: Дар ҷамоати «Гарди Гулмурод»-и ноҳияи Ҷилликӯл беш аз даҳу ним ҳазор туркмантабор, ки ҳудуди 12 дарсади ҷамъияти ноҳияро ташкил медиҳанд, ба сар мебаранд. Албатта, барои мо асос он аст, ки дар бораи расму анъанаҳои онҳо маълумоте рӯйи чоп омада бошад. Аз ҳамин сабаб, дар бораи акси мавод ҳам маълумот медиҳем, зеро акс аз чанд ҳунари ин қавм маълумот медиҳад. Дар акс се туркмандухтар бо либосҳои миллии худ ва дар гирду атроф дар дастҳо қолинҳои омодашуда бо нақшу нигори туркманӣ тасвир шудаанд. Акс хонандаро бо фарҳанги туркманҳо ошно месозад. Либосҳои ба бар намудаи туркмандухтарон, қолиҳои дар дасти онҳо буда тақвиятбахшандаи гуфтаҳои боло мебошад. Инчунин аз акси тасвирёфта маълум мешавад, ки туркманҳо ҳунари думбуранавозиро низ аҷдодӣ медонанд, зеро дар пушти духтарон ду думбура дар болои як дастдӯхт кашидадӯзӣ шудааст. Воқеан, дар ин мавод рӯзноманигор ҳам аз фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ ва ҳам аз он сухан мегӯяд, ки дар кишвар ба мақом ва вазъи иҷтимоии намояндагони миллатҳои гуногун таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Ҳол он ки ҳамин рисолатро рӯзномаи «Ҷумҳурият» низ анҷом дода метавонист.

Маводро суратҳои иловашуда таъсирбахш ва боварибахш мегардонанд. Ҳатто касе, ки фурсати пурра бо ин мавод ошно шуданро надорад, аз зерсарлавҳаҳо ва суратҳои овардашуда мақсадро фаҳмида метавонад ва ба қавли Д. Поттер: «Ба истеъмолгарони серкори иттилоот маводе писанд аст, ки аз он моҳияти масъала зуд фаҳмида мешавад» [60, с. 54].

Дар саҳифаҳои ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» масъалаҳои хеле гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангие, ки бештар ба ҳаёти ҷавонон вобастагӣ доранд, ба табъ мерасанд. Мавзуи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ яке аз масъалаҳои марказии ҳафтанома аст. Аз ҷумла, фарҳанг ва арзишҳои халқияту миллатҳои хурди маскуни Тоҷикистон низ аз мадди назари рӯзноманигорони он дур намондааст.

Маводи аввал аз ин ҳафтанома дар бораи халқияти қарлуғҳо буда, дар чор шумораи пайиҳам [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 17, 24 феврал], [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 3, 10 март] зери сарлавҳаи «Халқияте дар гиру дори таърих. Қарлуғҳо: дирӯз, имрӯз, фардо» аз тарафи Р. Сафаров, аспиранти ДМТ ва М. Нуралиев, хабарнигори «Ҷавонони Тоҷикистон» нашр шудааст.

Ба мо маълум аст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳуриҳои дар ҳайати он буда аз ҳам ҷудо шуда, зиндагии мустақилро интихоб намуданд, аммо бисёре аз миллатҳо, ки дар дохили кишварҳои дигар зиндагӣ мекарданд, муқими он шуда, он давлатро ватани худ ҳисобидаанд. Яке аз ин миллатҳо ақаллиятҳои миллии Тоҷикистон – қарлуғҳо мебошанд, ки онҳоро ҳамчун мардуми ӯзбекзабон мешиносанд ва дар шиносномаҳо низ миллати эшон ӯзбек қайд шудааст. Дар тамоми мамлакатҳо барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида мешавад, ки дар Тоҷикистон ҳам ин тартибот мавҷуд аст. Дар маводи мазкур зикр шудааст, ки на ҳамаи барномаҳои ба рӯйхатгирӣ шаффоф мегузаранд, зеро бисёри миллатҳо ба номи миллати дигар сабт шудаанд, ба мисли миллати қарлуғ, ки ҳамчун мардуми ӯзбекзабон шинохта шудаанд, аммо, бояд гуфт, ки охирин маъракаи умумихалқии барӯйхатгирии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффоф гузаронида шуд. Дар натиҷаи ин дар рӯйхат бисёр номҳои нав ё халқияту миллатҳои нав, ки расман номаълум буданд, эҳё гардиданд. Дар ин мавод муаллиф он халқиятҳое, ки дар бақайдгирии соли 2000 пайдо шуда, номнавис шудаанд, бо теъдодашон овардааст: «Мингҳо – 243, дурманҳо – 3502, лақайҳо – 5100, қатағанҳо – 4888, юзҳо – 1053, барлосҳо – 3753 нафарро ташкил медоданд, ки ба гурӯҳи оилаи забонҳои туркӣ дохил мебошанд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 11 феврал].

Муаллифон ёдовар шудаанд: «Номи қарлуғҳо чун халқият дар «Ҳайати миллии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маълумоти барӯйхатгирии умумихалқии аҳолӣ дар соли 2000-ум», ки аз тарафи Кумитаи давлатии омори ҷумҳурӣ соли 2003 ба табъ расида буд, дида намешавад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 11 феврал].

Ҳар як халқият дорои арзишҳои аҷдодии худ аст. Дар Тоҷикистон ақаллиятҳои миллӣ бисёр ба чашм мерасанд ва онҳоро бо забону бо урфу одатҳои худашон бояд шинохт. Дар маводи нашргардида муаллифон бештар ба таърихи пайдоиши қарлуғҳо, омезиши калимаҳои қарлуғӣ бо забони тоҷикӣ, номгузории деҳаҳои Тоҷикистон бо ин забон такя намудаанд, аммо ба фарҳанги аслии онҳо таваҷҷуҳи махсусе зоҳир накардаанд. Дар чор шумораи нашргардида оид ба гузаштаи ин миллат маълумоти таърихӣ дода мешавад, аз ин сабаб салоҳ донистем, ки маводҳои мазкурро дар умум таҳлил намоем. Муаллифон маводро аз ҷиҳати мавзуи таърихӣ ба хонанда кушода тавонистаанд, аммо аз ҷиҳати фарҳанг, урфу одат ягон маълумоти лозимае наовардаанд, ки дар натиҷаи мутолиаи мавод хонанда аз урфу одатҳои ин ақаллият огоҳ шавад, зеро барои маводи публитсистӣ инъикоси воқеияти имрӯза нисбат ба гузашта муҳимтар аст.

Дар муқоиса бо маводи ҳафтаномаи «Миллат» – «Ояндаи мо. Ё сабақи туркманӣ?» ва «Туркмандухтарони Ҷилликӯлро тоҷирон қолибоф карданд» барои хонанда маводи ҷолиб ҳаст, зеро аз мутолиаи онҳо оид ба фарҳанги миллии туркманҳо бисёр чизҳоро метавон фаҳмид. Танҳо  як акс дар ин мавод аз ҳунарҳои миллӣ, аз қабили гулдӯзӣ, қолибофӣ, кулоҳи миллӣ, ҷомаву шероз, дастпонаву сачоқ, асбобҳои мусиқӣ ва ғайраҳо маълумот медиҳад.

Дар ҳафтаномаи «Миллат» маводи дигар дар мавриди фарҳанги ҷӯгиён бозгӯйкунандаи хусусиятҳои фарҳангию анъанавии ҷӯгиён аст: «Ҷӯгиҳо аз Ҳинд омадаанд?» [«Миллат», 2011. 23 ноябр]. Муаллифи ин матлаб ҳам Ҷамолиддин Усмониён мебошад. Дар маводи  мазкур дар бораи ҷойи зисти лӯлиҳо, қабристон, ба чанд маҳалла ҷудо шудани онҳо ва номи маҳаллаҳои ҷудошуда, ному насаб ва акси раисони маҳаллаҳо пурра маълумот дода шудааст. Ҳатто аксҳои раисони маҳаллаҳоро бо ному насабашон ҷой карда, маълум намудааст, ки онҳо акнун бо

ному насаби муайян умр ба сар мебаранд. Он аз ҳаёти ҷӯгиёни ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ аст. Дар заминаи пешниҳоди маълумот, муаллиф хеле бамаврид проблемагузорӣ мекунад: таъкид менамояд, ки лӯлиҳои ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои фарзандҳои худ мактаб ва барои мардуми маҳалла бунгоҳи тиббӣ надоранд, ҳатто қабристонашон низ дур аз ҷойи зисташон мебошад.

Маводи баъдина зери сарлавҳаи «Ҷӯгиёни Тоҷикистонро аз Русия депортатсия мекунанд» [«Миллат», 2011. 3 август] нашр шудааст. Маълумоти аввал: «Як масъули бахши Вазорати умури дохилаи Русия дар шаҳри Челябинск ба хабаргузориҳои ин кишвар гуфтааст, ки ин афрод аз Тоҷикистон ба хотири дарёфти кор ин шаҳр омада, ахиран бидуни сарпаноҳ монда ба гадоӣ машғул шудаанд».

Муайян шудааст, ки лӯлиён барои талбандагӣ роҳи муҳоҷиратро пеш мегиранд, вале номи масъулро муайян наовардааст, ки ин маълумот барои хонанда шубҳаовар менамояд. Як маълумоти тахминӣ боварии хонандаро мекоҳонад.

Маълумоти дигаре, ки хабарнигор муайян намудааст, шиносномаҳои тоҷикие мебошад, ки лӯлиён соҳиб шудаанд: Теъдоди зиёди ҷӯгиёни тоҷик замоне кишварро тарк карда, бозори гадоии Русияро интихоб карданд, ки тибқи як барномаи Бунёди Мадад – Сорос хеле аз онҳо бо шиносномаи тоҷикӣ таъмин гардидаанд.

Номбурда маълумоти дувумро низ «як барномаи...» гуфта моҳияти онро барои хонанда равшан намесозад. Дар муқоиса, муаллиф маълум намудааст, ки дар Русия низ қавме бо номи ҷӯгӣ умр ба сар мебаранд ва бо ин ном сабт мешаванд.

Маълумоти сеюм дар бораи теъдоди ҷӯгинаврасони дар Русия боздоштшуда аст, ки ба Тоҷикистон баргардонида шудаанд: «Гуфта мешавад, ки дар ҳафтаи гузашта 21 наврасе, ки даст ба гадоӣ зада буданд, аз ҷониби ниҳодҳои интизомии шаҳри Челябинск боздошт шуда ва ба марказҳои иҷтимоии ин шаҳр мунтақил шудаанд».

Факти чаҳорум, теъдоди пурраи наврасони ба гадоӣ машғулбуда ва дастгиршуда дар нимсолаи соли 2015 дар Русия аст: «Танҳо дар ним соли ҷорӣ дар ин шаҳр 125 гадои наврас дастгир шудаанд, ки аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ вориди Русия шудаанд».

Тавассути таҳқиқоти журналистии анҷомдодаи рӯзноманигор чанд мушкиле, ки пешорӯйи ин ақаллиятҳои миллӣ вуҷуд дорад ва мақомоти Тоҷикистон ба чӣ бояд таваҷҷуҳ намоянд, равшан мешавад, аммо ин маълумот дар баъзе ҳолат зидди ҳам мебошанд, ки ин тарзи кори журналист нодуруст аст. Яъне, ҳамаро ба Тоҷикистон вобаста кардан мехоҳад, аммо дар ин баробар боз маълумоти ба дигар кишварҳои пасошӯравӣ ва худи Русия алоқамандро ҳам зикр мекунад.

Маводи дигаре, ки дар ҳафтаномаи «Миллат» ба нашр расидааст, ба фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ дахл надорад, вале рӯзноманигор ба таври як фелетон дар шинохти анъанаҳои ҷӯгиён ба хонанда роҳнамоӣ мекунад. Аслан, сухан аз бемасъулиятии намояндагони мардумӣ меравад ва муаллиф барои муқоиса анъанаҳои арӯсии духтарони ҷӯгиро мисол меорад. Мавод «Кӣ тарафдор? Муқобил, бетараф, нест» [«Миллат», 2010. 11 феврал] ном дорад. Мавод фасле таҳти сарлавҳаи «Номзадҳои мо дар баробари як лӯлидухтар масъулиятшинос нестанд?» дорад. Муаллиф менигорад, ки номзаду вакилони мо мисли як лӯлидухтар масъулиятшинос нестанд, зеро лӯлидухтарон номзад шуданд, масъулияти худро фаромӯш намекунанд. Аммо вакилони мо мандати номзадиро гирифта, худро ба нодонӣ мезананд. Танҳо дар ду сархати охир барои муқоиса хонадоршавии лӯлидухтарон оварда шудааст. Мақсади муаллиф бедор намудани ҳисси масъулиятшиносии вакилону номзадҳо мебошад, зеро як лӯлидухтар аз уҳдаи номзадӣ баромада метавонад, чаро мардони мо вазифаи бар дӯшдоштаашонро иҷро карда наметавонанд: «Имрӯз номзадҳое, ки ҳаваси вакили мардум шуданро доранд, оё иродае доранд, ки дар баробари як лӯлидухтар мардуми худро ба гуфте бедор намуда, мутақоид созанд, ки онҳо номзади арзандаанд?».

Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» зери сарлавҳаи «Лӯлиён: ҳазор соли шодию ғам» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 18 март] маводи Бурҳон Сафарро нашр кардааст. Муаллиф хонандаро бо фарҳанги мардуми ҷӯгӣ тавассути сайри таърихӣ ба ҳаракат (кӯчиш)-и онҳо ошно сохта, аз фарҳанги тӯю сури эшон ёдовар мешавад: «Баъзе муаррихон тахмин мезананд, ки падару бобоёни онҳо косибу санъаткороне будаанд, ки ҳарбиёнро ҳамроҳӣ мекарданд ва бинобар вуруди қӯшунҳои душман сарзаминҳои бобоиро тарк гуфтаанд. Ҳар чи ҳам набошад, лӯлиён ба Аврупо тавассути Форс ва Туркия ҳанӯз то соли 1300-и пеш аз милод омадаанд».

Мавод вобаста ба зиндагии ҷӯгиён чанд масъаларо дар бар мегирад. Масъалаи аввал дар бораи таърихи лӯлиҳо буда, муаллиф дар хусуси пайдоиши онҳо ба тахмини муаррихон такя мекунад. Дар ин маврид, маълумоти худро бо ягон далел асоснок намекунад, ба ягон манбаъ ва сарчашмаи илмӣ руҷуъ намесозад, «тахмини муаррихон» мегӯяд, аммо номи ягон нафари онҳоро зикр намекунад. Ҳарчанд ҳадафи асосии маводи мазкур ковишҳо дар таърихи пайдоиши ҷӯгиён набуда, мавриди таҳқиқ қарор додани мушкилоти имрӯзаи онҳо аст, аммо ин маънои онро надорад, ки журналист аз истифодаи факту рақам ва далелҳо сарфи назар кунад ё онҳоро нодида гирад. Вазифаи аввалиндараҷаи матни журналистӣ дар баробари иттилоърасонӣ маълумотро аниқ ба хонанда расондан аст, чунон ки дар ин бора муҳаққиқи тоҷик М. Муродов таъкид мекунад: «Дар ғоя мақсади маърифати журналист, аз як тараф, барои дарёфти ҳақиқат, аз ҷониби дигар, дар талқини аниқият ба хонанда мусоидат мекунад» [44, с. 58].

Масъалаи дигаре, ки муаллифи мавод арзёбӣ мекунад, дар байни мардуми ғайр паҳн шудани овозаи «кӯдакдузд будани ҷӯгиён» аст. Муаллиф ин масъаларо низ инъикос намуда, зикр мекунад, ки эшон баъди ин воқеаҳо ба фарҳангу урфу одатҳояшон дигаргуниҳо ба амал овардаанд: «Байни аҳолии таҳҷоӣ овозаҳое паҳн шудан гирифтанд, ки лӯлиён кӯдаконро медузданд ва мехӯранд. Баъзан қонун онҳоро муваззаф менамуд, ки хӯрокро дар ҳавои кушод тайёр намоянд, то ҳар раҳгузаре тавонад, масолеҳи дегҳояшонро тафтиш кунад. Чунин тафтишкуниҳо баъзан ба он меанҷомид, ки сокинони таҳҷоӣ дегро чаппагардон намуда, ризқи

онрӯзаи лӯлиҳоро ба нестӣ мебурданд. Аз ин ҷо ҳеҷ ҷойи ҳайрат нест, ки лӯлиён иҷборан ба дуздӣ даст мезадагӣ шуданд, то ки аҳли оилаи хешро сер кунанд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 18 март].

Муаллиф андешаҳои ҷолиб баён мекунад, аммо баъзе нуқтаи назари ӯ бевосита далел талаб мекунанд. Чунончи: агар дар байни мардум вуҷуд доштани назаре, ки гӯё ҷӯгиён кӯдаконро медуздида бошанд, барои ҳамаи хонандагони тоҷик маълум бошад, ин нуқтаи назар, ки «қонун онҳоро муваззаф менамуд, ки хӯрокро дар ҳавои кушод тайёр намоянд...» далели бевосита талаб мекунад. Албатта, барои баъзе хонандаи закӣ маълум аст, ки ин назари муаллиф аз нигоштаҳои сарчашмаҳои аврупоӣ маншаъ мегирад, аммо барои аксари хонандагон ин чиз норӯшан мемонад, ки ин қонун дар куҷо ва кай ба тасвиб расидааст, зеро дар қонунгузориҳои кишвари мо чунин нуқта зикр нашудааст, баръакс, «барои намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар қонунгузории миллӣ муқаррар гардидани баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, ҳимояи баробари қонун кафолати муҳим мебошад» [14, с. 25].

Қавми ҷӯгиён анъанаҳои худро дар ниҳояти комил пос медоранд. Агарчи дар серию пурӣ зиндагӣ доранд, одати талбандагии худро намепартоянд. Дар куҷое бошанд, урфу одат, фарҳанги худро аз олудашавӣ нигоҳ медоранд. Ҳамчун мисол, тӯйи онҳо то ҳозир бо расму русуми хеш сурат мегирад, ки дар ин мавод мухтасаран оварда шудааст: «Марғубтарин ва муҳимтарину диданию хотирнишонтарин маъракаи лӯлиён базми тӯёнаи онҳост. Мизи тӯёна ҳама вақт новобаста ба фасли сол пур аз анвои гуногуни идона, нӯшобаҳо мебошанд ва садои мусиқию суруду рақс танинандоз аст. Хешовандони «гунаҳкорон»-и маъракa чун қоида ба сафи пеш мебароянд. Аммо ин ҳанӯз маъракаи тӯй нест. Агар онро ба расму оини мо қиёс намоем, як навъ фотиҳатӯй гуфтан ҷоиз аст. Маъракаи мазкур дар арафаи тӯй бегоҳӣ барпо мегардад ва дар он беш аз 600 нафар меҳмон ширкат меварзад. Оилаи домод ба ҷониби арӯс як навъ қалинги тӯёна медиҳанд. Рӯзи дигар домод арӯсро ҳамроҳи хешовандонаш бояд ба хона орад ва он ҷо боз як тантана, вале ин дафъа худи тӯй барпо мегардад» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 18 март].

Яке аз принсипҳои асосии таҳияи маводи журналистӣ ҷой надоштани ихтилофи назар дар баёни андеша, ҳамдигарро инкор накардани факту далелҳо мебошад. Ақидаи рӯзноманигор тавре баён шавад, ки дурустии мавзуъро собит намуда, фикри минбаъдаи худро инкор нанамояд, зеро барои ҳар як хонанда дар баробари мавзуи ҷолиб факту далелҳои аниқ муҳим мебошад: «Ақида ҳам мақсад мешавад, ҳам факти тасдиққунандаи он» [101, с. 60].

Муаллиф дар оғоз мегӯяд, ки лӯлиён расму оини худро устувор нигоҳ медоранд, дар ҷойи дигар зикр мекунад, ки онҳо дар кӯчое муқимӣ шаванд, дину оини мардуми маҳаллиро қабул мекунанд: «Ва аммо ҳарчанд баъзе аз гурӯҳҳои лӯлиён урфу одати гузаштагонро пайравӣ намоянд ҳам, дину оини маҳал ё мамлакатеро, ки он ҷо маскун мегарданд, мепазиранд. Масалан, лӯлиёни Тоҷикистон бечунучаро ба Ислом гаравидаанд ва дар маҳалҳои хеш масҷиду ҷанозагоҳи худро доранд».

Муаллиф барои мисол лӯлиёни Тоҷикистонро овардааст. Аммо боз хатои пешина такрор шудааст, зеро менигорад, ки лӯлиҳо дар маҳалҳои худ масҷиду ҷанозаҷой сохтаанд, аммо номи деҳае, ки он ҷо, дар ҳақиқат, масҷид аст, зикр нашудааст, зеро дар ватани мо лӯлиҳо дар бисёр ҷойҳо иқомат ихтиёр кардаанд. Барои ин бояд аниқ оварда шавад, ки кадом иқоматкунандагон. Эроди дигаре, ки аз ин ҷумла гирифтем, ин калимаи «оин» мебошад, зеро муаллиф менигорад, ки лӯлиҳо ба дину оини он кишвар рӯ меоранд. Аммо калимаи «оин» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои «1. Расм, урф, одат, тарзу тариқ, қоида; оини вафо расму тарзу қоидаи вафодорӣ; оини падарон оини ниёгон; расму одатҳое, ки гузаштагон ба он пайравӣ мекардаанд. 2. Шариат, мазҳаб, кеш, дин, суннат, тариқат. 3. Ҷашн, сур. 4. Шева, оҳанг» [104] мебошад.

Аммо лӯлиҳо то ҳозир оини гузаштагони худро идома дода, аз он рӯ нагардондаанд, зеро онҳо дар ягон замон аз фарҳангу аз оини ниёгонашон даст накашидаанд ва то ҳол фарҳанги гузаштагони худро пос медоранд. Яке аз анъанаҳои гузаштагони онҳо ба гардан гирифтани мурдаи домод мебошад, ё ин ки хислати кӯчманчигиву талбандагии эшон аст, ки то ҳол идома дорад.

Ҳамин тариқ, муаллифи маводи «Лӯлиён. Ҳазор соли шодию ғам» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 18 март] дар баробари муаррифии ин мардуми маскуни Тоҷикистон, бисёр чизҳоро, ки мо ин ҷо то ҳадди имкон баъзеашонро таҳлил намудем, сарфи назар кардааст. Аз мазмуни мавод ва гузориши масъала пай бурдан мумкин аст, ки муаллиф ба хонандагон таъкид кардан мехоҳад, ки ҷӯгиён бо вуҷуди як тамаддун ва фарҳанги ҷудогона доштанашон худро то ҳадди имкон ба мардуми таҳҷоии ҳампаҳлуяшон наздик мегардонанд. Аммо муаллиф дар баробари шарҳи шарту шароити зиндагии ҷӯгиён, баёни ин ки тарзи зиндагии онҳо чӣ гуна аст, бевосита проблемагузорӣ намекунад, таъкид намесозад, ки дар шароити нав давлат ба ин гурӯҳи аҳолӣ чӣ гуна сиёсатро пеш гирад, ё ақаллан иброз намедорад, ки қонунгузориҳо, мақомоти маҳалли ҳокимияти иҷроия бо ин гурӯҳи аҳолӣ дар чӣ гуна муносибат бояд қарор гиранд...

Муаллиф маълумотҳои хубро интихоб карда, дар маводи худ ҷой додааст, вале ба аниқии онҳо на он қадар аҳамият додааст. Аммо дар матни журналистӣ факт низ яке аз унсурҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. «Дар журналистика фактро метавон инъикоси боэътимоди лаҳзаҳои воқеии иҷтимоӣ номид» [44, с. 50].

Ҷанбаи аз ҳама муҳимми ҳама гуна маводи таҳлилии журналистӣ проблемагузорӣ аст. Маводи мазкур баъзе маълумоти ихтилофнокро ҳам дар бар мегирад. Баъзе маълумоти овардаи ӯ, асосан, барои хонанда саволбарангезандаанд, дар баъзе мавриди дигар, фактҳои ҷолибро пешниҳод менамояд. Масалан, дар мақола фарҳанги рақсу суруди ҷӯгиҳо бо баъзе фактҳо оварда мешавад: Лӯлиҳо дар Испания ҳамроҳ бо намояндагони дигар фарҳангҳо намуди махсуси иҷрои суруду рақс – фламенкоро ба арсаи вуҷуд оварданд, дар Аврупои Шарқӣ онҳо сурудаҳои халқиро ба асос гирифта, хуб иҷро мекарданд. Ё дар мавриди зер: «Ин халқро дар ҳар ҷо ҳар хел ном мебаранд: гитакҳо, мириҳо, буддоиҳо, зигонейрҳо ва ғайра. Дар Тоҷикистон ва умуман дар Осиёи Марказӣ эшонро лӯлӣ ва маъмулан ҷӯгӣ меноманд».

Маводи баъдина дар ҳамин ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» зери сарлавҳаи «Гадоҳо маданият бояд омӯзанд» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2012. 6 сентябр] ба қалами Н. Ҷобиров мансуб аст. Мавод оид ба талабанда ё худ гадоҳои

хиёбонҳои шаҳр аст: «Аз нолаву фиғон ва сурудхонии баланду аламовари талабандагону лӯлиҳо баъзан мову фарзандонамон метарсем. Аз либоси ифлос ва бадбуйи онҳо нафратамон меояд ва касе ба онҳо кордор нест. Ба назар чунин менамояд, ки гӯё ин хоси онҳо бошад ва ба касе халал намерасонад, вале, аслан, чунин нест».

Дар мавзуи мазкур дар саҳифаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон» мавод зиёд ба назар мерасад, ки матлабҳои «Ба талабандаҳо ҷазо таъйин шавад!» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 1 октябр], «Лӯлизанҳо аз мардум чӣ мехоҳанд? Онҳо талабандаанд ё фолбин?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 27 январ], «Фолбинҳо авлиё нестанд!» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 27 октябр] аз ин ҷумлаанд.

Дар маҷмуъ, дар байни маводи таҳлилгардида умумияти ягонаи ғоявӣ ба назар намерасад, онҳо ҳадафҳои гуногунро пайгирӣ мекунанд, бинобар ин наметавон чунин шуморид, ки мавод фармоишӣ ё ифодакунандаи ҳадафи махсуси идораи рӯзнома ё ношири он бошад. Аммо чанд маводи дигар, ки дар сомона ва ҳафтаномаҳои «Миллат» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» нашр шудаанд, бо ҳам бештар шабоҳат доранд. Маводи ҳафтаномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон» ва «Миллат», ки дар муқоиса таҳлил намудем, ифодагари имкониятҳо, қобилият, маҳорати рӯзноманигорон дар инъикоси ҳадафҳои пешгирифта, роҳҳои проблемагузориро аз ҷониби онҳо ошкор месозад, ки ба назари мо, гуногун буда, ба касбияти рӯзноманигорон вобастагӣ дорад.

Хулоса, аз маводи таҳлилнамудаи мо маълум мегардад, ки муаллифи маводи «Лӯлиён: ҳазор соли шодию ғам» таваҷҷуҳи асосиро танҳо ба фарҳанг ва таърихи ҷӯгиён равона карда, аммо қисми зиёди маълумоти худро асоснок намекунад. Муаллифи мақолаи «Ҷӯгиҳо аз Ҳинд омадаанд?» проблемагузорӣ мекунад. Таъкид мекунад, ки ҷӯгиён ба мактаб ва бунгоҳи тиббӣ ниёз доранд. Ҷой ва замони ҳодиса дар маводи дуюм мушаххас аст.

Дар матбуоти имрӯза агар танҳо як қисми мавод бо ишора ба санад ва фактҳои мушаххас бошад, қисми дигари он бе ягон далел оварда мешавад, ки хонандаро ба шубҳа меорад. Муносибати рӯзноманигорони сомонаву рӯзномаҳо гоҳо ба он шабоҳат дорад, ки барои як гурӯҳи масъалаҳо факт доранд, аммо барои

гурӯҳи дигари масъалаҳои матраҳшаванда далели муътамад надоранд, аз ин рӯ якеро зери сояи дигаре гузаронидан мехоҳанд, то ки хонанда гумон кунад, ки ҳамаи андешаҳо асоснок карда шудаанд. Ҳол он ки хонандаи имрӯза хеле закӣ аст ва аз ин тарзи муносибат ба хубӣ пай мебарад, ки кадом масъалаи матраҳшуда бедалел аст.

Ба ин тариқ, аҳли матбуот манфиат ва махсусиятҳои фарҳангии ақаллиятҳои миллиро аз мадди назари худ дур намонда, аммо усули пешниҳоди мавод, риояи дурусти масъалагузорӣ аз ҷониби онҳо на ҳамеша риоя мешавад. Таҳлили махсусиятҳои инъикоси фарҳанги ақаллиятҳои миллии кишвар нишон медиҳад, ки рӯзноманигорон Тоҷикистон ва мардуми онро ягона намешуморанд. Ин, аввалан дар он зоҳир мешавад, ки мушкилоти миллати тоҷик, гоҳо муваффақиятҳои он аз мушкилоту муваффақиятҳои миллатҳои дигари маскуни Тоҷикистон ҷудо карда мешавад.

Таҳлил ва баррасии маводи матбуот нишон медиҳад, ки фарҳанги миллӣ чун ҷузъи муҳимми иттилоот аз ҷониби рӯзноманигорон шинохта шудааст.

1. Фарҳанги миллӣ аз ҷониби рӯзноманигорон, пеш аз ҳама, нигоҳдории ҳувияти миллӣ – арзишҳои миллӣ ва динии мардум дар шароити ҷаҳонишавӣ фаҳмида мешавад, ки воқеан боиси дастгирист, зеро дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ фарҳанги миллӣ метавонад зери таъсири фарҳангҳои дигар қарор бигирад.

2. Мушкилоти фарҳанг ва ҳувияти миллӣ аз ҷониби рӯзноманигорон проблемагузорӣ мешавад, онҳо дарк кардаанд, ки фурсати пешгирӣ аз омезиши фарҳангҳо расидааст, аммо стратегияҳои мушаххас, таъсиргузор хеле кам пешниҳод мегарданд.

3. Рӯзноманигорон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ бештар аз ҳама ба худшиносӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ, фарҳанги оиладорӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

4. Дар матбуот ва сомонаҳои матбуотӣ ба фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, мушкилоти ақаллиятҳои миллӣ чун мушкилоти як қишри иҷтимоии ҷомеа баррасӣ мегардад.

5. Фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ чун ҷузъи фарҳанги мардуми Тоҷикистон шинохта намешавад. Ин масъала бо таълими мутахассисони соҳаи журналистика иртибот пайдо мекунад, ки онҳо бояд рисолати рӯзноманигории худро аз ҳама боло гузоранд.

6. Фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ бештар махсусияти муаррифинамоӣ дорад, на тарғиботӣ; инъикоси масъалаҳои фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ, асосан, тавассути баррасии масъалаҳои дигар – мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ сурат мегиранд.

# БОБИ III
# ИМКОНИЯТҲОИ ЖАНРӢ ДАР ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ФАРҲАНГӢ

Матбуот аз рукнҳои аслии набзи ҷомеа аст. Бинобар ин, таъсири он ба равандҳо бориз арзёбӣ мешавад. Ҳамин таъсир боиси устуворӣ, дигаргуншавӣ ва ташаккули арзишҳои фарҳангию иҷтимоӣ мегардад.

Таъсири ВАО бо роҳҳои гуногун сурат гирифта метавонад. Яке аз маъмултарин усулҳои таъсир, истифодаи имконоти жанрҳо мебошад. Жанр воситаест, ки мақсад тавассути он равшантар, нишонрастар ва таъсирбахштар ифода мегардад. Гуногунрангии жанрҳо аз имконоти васеи таъсир ба афкори омма маҳсуб меёбад.

Аз ҳамин рӯ, журналистикаро бе жанр тасаввур кардан имконнопазир аст. Ҳар як маводи журналистӣ дорои шакл ва мазмун аст. Албатта, мазмуни онро масъалаҳое ташкил медиҳанд, ки журналистон баррасӣ мекунанд, аммо ҳамин мазмун ва мундариҷа дар қолаби муайян баён карда мешавад, ки ин қолабҳо жанрҳои журналистианд. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик М. Муродов: «Фаъолияти эҷодии рӯзноманигориро бе жанр тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро маҳсули эҷоди рӯзноманигор маҳз тавассути жанрҳои гуногун, аз як тараф, ба низом медарояд, мавзунӣ ва мушаххасӣ пайдо мекунад, аз ҷониби дигар, ҷамъбаст мегардад» [46, с. 88].

Умуман, масъалаи жанр дар журналистика яке аз масъалаҳои хеле мубрам буда, дар атрофи он баҳсҳои зиёд вуҷуд доранд, ҳарчанд дар мавриди жанр бештари муҳаққиқон ба гуфтаҳои А. А. Тертичний такя мекунанд, аммо дар баробари ин ҳамаи муҳаққиқон низ доир ба жанр дар як ақида набуда, андешаҳои гуногун доранд. Чунончи, В.В. Ученова онро «як василаи хуби инъикоси воқеияти омӯхташуда» [103] меҳисобад. В. Д. Пелт «Жанрро намуди аломатҳо ва хусусиятҳои устувордоштаи эҷод» медонад [58]. М. Черепахов иброз медорад, ки «жанр гурӯҳи тасвири воқеият аст ва моҳиятан устувор буда, сохтораш шакли умда дорад» [46, с. 88].

Дар журналистикаи тоҷик низ ба масъалаи жанр муҳаққиқони зиёд таваҷҷуҳ намудаанд. Агар ба масъалаҳои умуминазариявии он бештар А. Нуралиев, И.К. Усмонов, А. Азимов, М. Муродов таваҷҷуҳ карда бошанд, дар тадқиқоти А. Саъдуллоев, М. Муқимов (Ҷовид Муқим)

С. Гулов жанрҳои ҷудогона бештар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Чунончи, М. Муродов менигорад: «Шаклҳои гуногун ва мухталифи инъикоси воқеа, ҳолату рӯйдод, ҷараён ва вазъият, ки аз ҷиҳати аломат, хусусият ва сохт унсурҳои умумӣ, такроршаванда ва хоса доранд, жанр номида мешавад» [46, с. 89].

Дар ин маврид андешаи И. Усмонов ҷолиби диққат аст. Ӯ менависад: «Жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешавад ва ҳар кадом қолаб ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад» [101, с. 5].

Ҳадафи нигоранда тавассути интихоби жанр нишонрас мегардад, агарчи хонанда ба жанри мавод сари кор надорад ва барои ӯ муҳим мазмун ва муҳтавои мавод аст, аммо дар ин маврид ҳолат ва мавриди истифодаи жанрро донистани рӯзноманигор муҳим аст.

Дар шинохти алоҳидаи жанрҳо муҳаққиқон фикру ақидаҳои гуногун дошта бошанд ҳам, дар тақсимбандии он эътироф намудаанд, ки жанрҳои журналистика ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд. Дар назарияи журналистикаи шӯравӣ низ жанрҳои журналистикаро ба се гурӯҳ ҷудо намуда буданд: жанрҳои ахборӣ, жанрҳои таҳлилӣ, жанрҳои публитсистию бадеӣ.

То даме ки сохти шӯравӣ арзи вуҷуд дошт, журналистика мувофиқи тақсимбандии гурӯҳи жанрҳои дар боло зикршуда ба омма мавод пешниҳод мекард, вале пешрафти илму техника, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инкишоф ва мафкураи ҷомеа муносибати навро ба паҳнсозии иттилоъ ба вуҷуд меорад. Жанрҳо низ дар заминаи хусусиятҳои мавҷуда такомул меёбанд, жанрҳои нав пайдо мешаванд. Албатта, жанрҳои нав ҳеҷ гоҳ ҷойи жанрҳои куҳнаро ишғол намекунанд, баръакс, онҳоро мукаммал месозанд. Жанрҳои нав низ ҳудуд ва хусусиятҳои худро доранд.

Дар баробари ин ҳама, дар журналистика ҳоло низ ҳамон принсипи ба се гурӯҳ тақсим кардани жанрҳо ҷонибдорӣ мешавад.

А.А. Тертичний дар яке аз таҳқиқоти солҳои охир анҷомдодааш мавқеи олимони гуногунро омӯхта, андешаҳои онҳоро тақвият дода, таъкид менамояд, ки «барои офаридани мавод дар қолаби як жанр журналистро зарур аст, ки махсусиятҳои жанрҳои дигарро хуб донад» [156].

Ҳар гурӯҳи жанрӣ (иттилоотӣ, таҳлилӣ, публитсистию бадеӣ) дар алоҳидагӣ аз чанд жанр иборат мебошад ва азбаски дар се гурӯҳ шумораи жанрҳо зиёд мебошанд, зимни пажӯҳиш аз ҳар гурӯҳ намунаҳоеро таҳлил намудем, ки дар қолаби онҳо маводи бештар интишор гардидааст.

## 3.1. Тавзеҳи воқеаҳои фарҳангӣ дар қолаби жанрҳои ахборӣ

Дар матбуоти тоҷик аз гуногунрангии жанрҳо истифода намуда, барои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда иқдоми зиёде анҷом дода мешавад. Вобаста ба тақозои замон ва талаби завқи аудитория нақши баъзе жанрҳо бештар ва мавқеи гурӯҳи дигарашон маҳдудтар мегардад. Ҳар як жанр дар инъикоси воқеоти рӯз имкониятҳои худро дорад. Чунончи, хабар хонандаро аз рӯйдод, ҳодиса ё худ воқеаи нав воқиф месозад, нигориш ба натиҷаи ҳодисаҳои рӯйдода баҳо медиҳад, гузориш раванди воқеаҳоро тасвир намуда, ба таваҷҷуҳи хонанда мерасонад ва ғайра. Фаврият, факту далел дар жанрҳои хабарӣ нақши асосӣ мебозад. Албатта, ҳар як навгоние, ки пайдо мешавад, ба факту далел асос меёбад, яъне ҷавҳари асосии ҳама гуна навгонӣ факт мебошад. Бинобар ин, рӯзноманигорро лозим аст, ки иттилоъро дар такя ба факту далел омода намояд.

Дар маводи мавриди таҳқиқи мо жанри хабар нисбатан маъмул аст. Маълум аст, ки он бояд кӯтоҳ, муҷаз ва нишонрас буда, ба саволҳои чӣ?, кай? дар куҷо? ҷавобгӯ бошад. Маводи журналистӣ кӯтоҳбаёниро меписандад ва ин кӯтоҳбаёнӣ бояд, пеш аз ҳама, дар жанрҳои хабарӣ шавад, аммо на дар ҳамаи хабарҳо риояи ин муқаррарот ба назар мерасад. Муҳаққиқ И.К. Усмонов дар умум жанрҳои хабариро чунин шарҳ додааст: «...жанрҳое, ки сареанд ва сабаби ба вуҷуд

омаданашон навигарӣ аст. Ин навигарӣ бояд арзиши иҷтимоӣ дошта бошад ва ба таври ҳаддалимкон сода гуфта шавад» [101, с. 13].

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар як ҳафта 5 маротиба нашр мешавад. Аз ин рӯ, хабарҳоро дар ин рӯзнома бештар вохӯрдан мумкин аст. Дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» бештар дар қолаби хабари кӯтоҳ мавод омода шудааст. Мавод дар қолаби хабари васеъ низ дида мешавад, аммо хабари кӯтоҳ мавқеи бештар дорад.

Чанд хабари кӯтоҳро аз ин нашрия таҳлил намудем, вале маводи мазкур тариқи нақл пешниҳод шуда, ба талаботи жанр ҷавобгӯ нест.

Масалан, хабар дар бораи либоси миллӣ, ки дар қолаби хабари кӯтоҳ дар сомонаи рӯзнома – «www.jumhuriyat.tj« соли 2015  аз тарафи хабарнигорон пешниҳод шудааст. Он зери сарлавҳаи «Озмуни либоси миллӣ дар Қӯрғонтеппа» бо акси як бонуи ҷавон оварда шудааст: «Ба ифтихори Соли оила бо ибтикори раёсати кор бо занон ва оилаи вилояти Хатлон дар шаҳри Қӯрғонтеппа озмуни вилоятии «Тарроҳи беҳтарини либосҳои миллӣ ва мактабӣ» натиҷагирӣ шуд. Тарроҳон бештар либосҳои миллии чакан, попурӣ, гулдӯзӣ ва атласро манзури тамошобинон ва ҳакамон намуданд. Ғолибон бо ҷоизаҳо, 25 тарроҳи беҳтарин бо ифтихорнома ва мукофотҳои молӣ қадрдонӣ шуданд» [«www.jumhuriyat.tj«, 2015].

Хабарнигор ягон иштирокчиро муайян накардааст, ҳатто номи ғолиби асосии озмун низ ба хонанда номаълум мондааст. Ба ақидаи мо, расме, ки барои «пурра кардан»-и матни хабар оварда шудааст, ба он номувофиқ мебошад, зеро ба назар чунин мерасад, ки ин акс дар саҳро дар ҳолати хандида нишастани бонуе бардошта шудааасту ба расми иштирокчии озмун монанд нест. Азбаски хабар аз ҷараёни озмуни «Тарроҳи беҳтарини либосҳои миллӣ ва мактабӣ» аст, бояд аз лаҳзаи бо ҷоизаҳо сарфароз намудани ғолибони озмун ё лаҳзаи дар саҳна пешкаш намудани  ҳунари иштирокчиён аксбардорӣ ва дар сомона ҷойгир карда мешуд. Дар он сурат хабар ба хонанда ҳам рӯҳи болида бахшида, факти хубе низ шуда метавонист, аммо дар ин хабар хонанда ягон ҷаззобияти озмунро мушоҳида намекунад.

Хабари дигар дар ҳамин сомона зери сарлавҳаи «Хандаи ҳусн» аз тарафи М. Ризвонов аз ноҳияи Рашт нашр шудааст. Ин хабар низ дар қолаби нақл рӯйи чоп

омадааст: «Чанде пеш дар шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт даври минтақавии «Хандаи ҳусн» баргузор гардид. Дар он намояндагони ноҳияи Нуробод, Тавилдара, Рашт, Тоҷикобод ва Ҷиргатол ширкат варзиданд» [«www.jumhuriyat.tj«, 2015].

Фестивали ҷумҳуриявии «Хандаи ҳусн» ба мақсади намоиши ҳунару истеъдоди тарроҳон ва ба ин васила тарғибу ташвиқи либосҳои миллӣ роҳандозӣ шудааст. Ҳамзамон он дар рушди фарҳанги миллӣ, дарёфти истеъдодҳо, боло бурдани завқи зебоишиносӣ мусоидат мекунад. Баргузории фестивал бори дигар собит сохт, ки дар ноҳияҳо ҳанӯз ҳам соҳибистеъдодҳои кашфношуда зиёданд ва ҳунарҳои миллӣ дар ҳоли рушданд. Аз ин рӯ, ба ташвиқу тарғиб, дастгирии махсус ниёз доранд.

Тавре З. Лоиқова, раиси кумитаи тадорукот, муовини раиси ноҳияи Рашт зимни суҳбат иброз дошт: «Дар замони ҷаҳонишавӣ ин гуна тадбирандешиҳо дар пойдории фарҳанги миллӣ ва рушду густариши он хеле хуб мусоидат мекунад».

Хабари мазкур дар муқоиса бо хабари аввал аз бисёр ҷиҳат беҳтар мебошад. Дар хабари аввал хабарнигор макони иштирокчиёнро ба таври муайян наоварда, дар умум дар шаҳри Қӯрғонтеппа баргузор шуданашро иброз дошта буду халос, аммо дар хабари дуюм макони иштирокчиён ба таври муайян оварда шудааст. Дар хабари аввал хабарнигор аз ҷойи баргузории озмун, аз ҷумла, аз суханронии ягон иштирокчӣ, аъзои ҳакамон ҳамчун факт иқтибос наовардааст. Дар хабари дуюм хабарнигор аз ҷойи баргузории озмун иқтибос ворид намудааст, ки барои хонанда факти хубе шуда метавонад.

Бартарии хабари аввал: дар хабари мазкур хабарнигор чанд ҳунари иштирокчиёнро зикр намудааст, ки барои хонанда маълумоти аниқ ва хуб мебошад, зеро хонанда аз мутолиа барои худ маълум месозад, ки иштирокчиён чӣ ҳунарҳоро доро мебошанд; дар хабари дувум ин ҳолат дида нашуд. Хабарнигор инчунин дар як ҷумлаи худ иброз медорад: «Баргузории фестивал бори дигар собит сохт, ки дар ноҳияҳо ҳанӯз ҳам истеъдодҳои кашфношуда зиёданд ва ҳунарҳои миллӣ дар ҳоли рушданд». Хабарнигор «истеъдодҳои кашфношуда

зиёданд» гуфта, ба умумигӯйӣ роҳ додааст, аммо метавонист, ҳунарҳои кашфношударо номбар намояд.

Чанд камбудии дигар дар ҳар ду хабар ба чашм расид, ки метавонад хонандаро аз мутолиа дур созад: дар ҳар ду хабар хабарнигорон номи ягон ғолиби озмунро ба таври мушаххас наовардаанд. Ҳар ду хабарнигор аз рафти озмун ҳамчун факт, дар баробари ин барои ҷалби хонанда ягон акси хуб дар хабар ҷой надодаанд, зеро акси хуб хонандаро водор месозад, ки хабарро мутолиа намояд. Аммо ин ҳолат дар хабарҳои мазкур дида нашуд.

Хабари дигар, ки аз ин сомона таҳлил намудем, «Намоиши ҳунарҳои мардумӣ» «www.jumhuriyat.tj« соли 2013 мебошад. Мавод аз намоиши ҳунарҳои дастии занони хонашини Панҷакент маълумот медиҳад.

Мавод дар жанри хабари кӯтоҳ омода шуда, ҷузъиётҳои асосии чорабиниро дар бар гирифтааст. «Хабари кӯтоҳ шакли нисбатан маъмули хабар аст. Вай маълумоти хурди фарогирандаи ҷузъиёти навъе мебошад, ки моҳиятан барои ҳама ва ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб аст» [46, с. 101].

Хабари мазкур дар қолаби анъанавии хабарнависӣ омода шудааст. Дар хабар хонанда ҷаззобиятро намебинад, зеро он гӯё ба таври нақли як ҳодисаи ғайримуҳим оварда шудааст.

Баръакси хабари дар боло овардашуда дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» зери сарлавҳаи «Намоиши ҳунарҳои дастӣ дар «Подарки»« [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 19 март] мавод дар қолаби хабари кӯтоҳ нашр шуда бошад ҳам, дар шакли пирамидаи чаппа қолабрезӣ шудааст. Ин намуди хабар бештар барои ҷалби аудитория истифода бурда мешавад. Дар хабар матлаби асосии воқеа дар аввал оварда шуда, сипас боқимондаи маълумот ҷой дода мешавад. Оид ба аҳроми сарозер (пирамидаи чаппа) муҳаққиқ Д. Поттер нигоштааст: «Дар маводе, ки аз рӯйи усули «аҳроми сарозер»сохта шудааст, иттилои муҳимтарин аз ҳама боло ҷой дода мешавад ва баъд аз он маълумоти боқимонда ба тартиби камшавии аҳамият меоянд [60, с. 58-59].

Сохтори ин қолаби аҳроми воруна чунин аст:

| | |
|---|---|
| 1. Дар ин қолаб зерсарлавҳа низ муҳим мебошад, ки дар хабари мазкур истифода шудааст. Пас, моҳияти асосии мавод зикр нагардидааст. | Лид |
| 2. Баъди зерсарлавҳа ҳатман ҷумлаҳое ҷойгир карда мешаванд, ки навигарии асосиро барои хонанда мекушоянд. | Иттилои муҳим |
| 3. Хабар бо ҳамин тарз аввал маълумотҳои асосиро дар бар гирифта, сипас бо тартиби камшавии аҳамият қолабрезӣ мешавад. | Иттилои дуюмдараҷа |
| 4. Ҷиҳати хуби ин қолаб дар он мебошад, ки дар ҳолати зарурӣ ё нарасидани ҷойи саҳифа метавонанд, хабарро кӯтоҳ намоянд. | Иттилои сеюмдараҷа (ихтисор намудан) |

Қолаби мазкурро дар мисоли хабари зерин [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 19 март] равшантар дидан мумкин аст:

| | |
|---|---|
| 1. Ҷавоҳирот, сӯзаниҳо, кифҳо, ҷӯробҳо ва маҳсулоти дигари дастии Тоҷикистон бори нахуст дар бузургтарин намоишгоҳи ҳунар ва ҳадяҳо дар ИДМ – «Подарки», ки аз имрӯз оғоз гардида, то 19 марти соли ҷорӣ дар шаҳри Маскав идома меёбад, ба намоиш гузошта мешавад. | Лид |
| 2. Маҳсули ҳунарҳои дастии аъзои Иттиҳоди ҳунармандони Тоҷикистон ва чаҳор ширкати тоҷик – «Умед», «Суман», «Де Памири ҳендикрафт», ва бренди «Озара»-и Иттиҳодияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон дар намоишгоҳи «Подарки», ки бузургтарин намоишгоҳи тахассусӣ дар қаламрави Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ (ИДМ) ба шумор меравад, ба маъраз гузошта хоҳад шуд. | Иттилои муҳим |
| 3. Намоишгоҳи тиҷоратӣ ва бозорёбии маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ – «Подарки» ин бор мизбони тақрибан 22000 меҳмон ва 300 ширкат аз Русия ва кишварҳои дигар мегардад. | Иттилои дуюмдараҷа |
| 4. Абдураҳмон Назирматов – раиси Иттиҳоди ҳунармандони Тоҷикистон мегӯяд, ки «аз фароҳам омадани имконияти намоиши ҳунарҳои мардуми тоҷик дар Маскав шодем...». | Иттилои сеюмдараҷа (ихтисор намудан) |

Хабар бо ҳамин тарз аввал маълумотҳои асосиро дар бар гирифта, сипас бо тартиби камшавии аҳамият қолабрезӣ мешавад: «Дар сархатҳои баҳдӣ мавзуъро

метавон густариш бахшид, бо ҷузъиёт пурра кард ва маълумоти умумӣ низ пешниҳод сохт» [60, с. 60].

Афзалияти дигари ин қолаб дар он мебошад, ки дар ҳолати зарурӣ ё нарасидани ҷойи саҳифа хабарро кӯтоҳ кардан имконпазир аст: «Яке аз сабабҳои маъруфияти чунин банду баст дар он аст, ки муҳаррирон дар ҳолати зарурӣ метавонанд маводро аз қисмати охир, бидуни аз даст додани иттилои муҳим, кӯтоҳ кунанд» [60, с. 60].

Дар ин мавод дар ҳолатҳои зарурӣ метавон аз қисмати охир ду сархатро тоза кард. Яъне маводи омодашуда ба ин талаботи банду басти мазкур низ ҷавобгӯ аст.

Дар жанрҳои хабарӣ, дар баробари бандубасти мавод, факт низ нақши муҳим бозида, жанр тарҳрезӣ мешавад. Унсурҳои созандаи жанрҳои журналистикаро факт ташкил намуда, барои боварии аудиторияро қонеъ кардан истифода мешавад, ки дар ин хабар факту далел роҳандозӣ шудааст. А.А. Тертичний таъкид мекунад, ки «факт, пеш аз ҳама, маълумоти боварибахшест, ки воқеӣ будани зуҳуротеро тасвиб мекунад» [89, с. 58].

Дар баробари ин, дар хабари мазкур лид низ истифода шудааст. Муҳаққиқ В.В. Ворошилов нигоштааст: «Лид асоси хабар, маркази маъноии он ва муайянкунандаи сохтори матн мебошад» [17].

Лиди хабар бо ранги сиёҳ ё бо ҳуруфи дигар ҳуруфчинӣ шуда, дар аввали хабар ҷой дода мешавад. Асосан, лид барои ҷалби аудитория истифода мешавад, аз ҳамин сабаб муҳтавои асосии хабарро дар бештар мавридҳо дар лид ҷойгир менамоянд, то хонандаро барои хондан ҷалб намоянд. Хабари мазкур аз ҳама тараф хуб қолабрезӣ шудааст.

Маводи дигар дар жанри хабари васеъ зери сарлавҳаи «Ҳунар – кони зар» дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашр шудааст [«Ҷумҳурият», 2014. 3 май]. Дар хабари васеъ воқеа ё рӯйдод дар шакли пурра бо шарҳу тавзеҳ ва бо силсилафактҳои ба ҳам алоқаманд баён карда мешавад, яъне хонанда дар хабари васеъ пурра аз воқеаи рӯйдода огоҳ хоҳад шуд.

Хабари мазкур аз корхонаи навбунёди маркази таълимии Хуҷанд бо номи «Шероз», ки дар он ҳунарҳои мардумӣ омӯзонда мешаванд, иттилоъ мерасонад.

М. Муродов менависад: «Баъзан дар чунин хабарҳо муқаддима ва хулоса низ ба назар мерасад» [46, с. 100]. Аммо мо дар хабари мазкур ин ҷузъиётро намебинем. Агар сода карда иброз дорем, хабар дар шакли анъанавӣ қолабрезӣ шуда, барои хонанда як маълумоти одӣ пешниҳод мекунад. Дар хабар бояд фактҳо бо шарҳу тавзеҳҳо оварда шаванд, то хонанда ҳангоми хондан мазмуни воқеаро ба пуррагӣ дарк карда тавонад. «Дар ин навъи хабар на танҳо фактҳои алоҳида, балки силсилаи фактҳои ба ҳам алоқаманд низ метавонанд бо шарҳу тавзеҳ бозгӯ шаванд» [46, с. 100].

Аз таҳлили жанри хабар маълум мегардад, ки ҳамаи рӯзномаҳо аз он истифода мебаранд. Дар ҳар шумораи нашрияҳо дар ин жанр мавод пайдо намудан мумкин аст, аммо бо вуҷуди он ки рӯзноманигорон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то иттилоъро саривақт ба омма расонанд, лекин баъзан ҳолат пурра риоя нагардидани талаботи жанрӣ боиси костагиҳо дар пешниҳоди он гардидааст.

Жанри дигаре, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, ҳисобот мебошад. Ҳарчанд ҳисобот яке аз жанрҳои қадима аст, дар шумораҳои рӯзнома ва ҳафтаномаҳои интихобшуда оид ба масъалаи баррасинамудаи мо дар ин жанр мавод ангуштшумор ба чашм расид.

Маводи аввал дар сомонаи «www.millat.tj« соли 2010 таҳти сарлавҳаи «Иқдоми рамазонии шаҳрдорӣ» ҷой дода шудааст. Масъулини сомона иқдоми шаҳрдориро барои арзон намудани нархи як қатор маҳсулоти ниёзи мардум нашр кардаанд. Дар истинод ба иттилои сухангӯйи шаҳрдори Душанбе Ш. Саидов, зикр карда мешавад, ки имсол дар моҳи шарифи Рамазон дар бозорҳои шаҳр ҳамчун иқдоми рамазонӣ нархҳои як қатор маҳсулот арзон карда мешаванд. Аз мутолиаи мавод маълум мешавад, ки мавод дар қолаби ҳисобот омода шудааст. Дар матбуоти даврӣ бештар ҳисоботҳо нашр мешавад. Масъулин дар ҳисоботи мавзуӣ ба як масъалаи муҳим эътибор дода, онро дар шакли мухтасар омода менамоянд.

Жанри дигари хабарӣ мусоҳиба мебошад, ки дар матбуот аз он фаровон истифода мебаранд. Барои хонанда низ жанри фаҳмо ва ҷолиб мебошад. Албатта, агар онро рӯзноманигор хуб қолабрезӣ карда тавонад.

Муҳаққиқ Ҷ. Муқим дар бораи ин жанр маълумоти хубе медиҳад: «Махсусияти жанри мусоҳиба дар асосӣ будани назари мусоҳиб зоҳир мегардад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки журналист дар мусоҳиба фаъол нест. Худи интихоби мавзуъ ва мусоҳиб, суолгузорӣ ба таври мустақим аз мавқеи журналист дарак медиҳад» [43, с.21].

Жанри мусоҳиба фаҳмо ва одӣ буда, аз тарзи қолабрезӣ шуданаш метавон онро аз дигар жанрҳо ҷудо кард. Оид ба шакл ё сохтори асосии мусоҳиба муҳаққиқ И.К. Усмонов чунин иброз медорад: «Жанри мусоҳиба аз нигоҳи шакл аз ҳамаи жанрҳои дигари публитсистика фарқ мекунад. Вай бо қолаби драмматургия наздикӣ дорад. Яъне, суханҳои ҳамсуҳбатҳо аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд» [98, с. 55-56].

Мусоҳибаҳои матбуотии имрӯза баъзе хусусиятҳои техникиву ҷолибсозӣ доранд. Масалан, дар оғози мусоҳиба барои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда як ё чанд ҷумлаи асосиеро, ки ҷавҳари гуфтаҳои мусоҳибро дар бар мегирад, бо ҳуруфи сиёҳ дар аввали матни муоҳиба меоваранд. Агар ин мусоҳиба маводи хеле муҳимро дар бар гирад, онро дар сархати анонсҳо – дар саҳифаи аввали рӯзнома низ меоваранд. Ба сифати нишонаҳои дигари ороишии мусоҳиба дигар хусусиятҳои онро зикр кардан мумкин аст. Масалан, дар маркази матн гоҳо чанд сурат аз рафти мусоҳиба (агар журналист мусоҳибаро тариқи телефон ё интернет анҷом надода бошад), сурати якҷояи мусоҳиб ва рӯзноманигор истифода мешавад. Дар матн сухани мусоҳиб аз саволҳои рӯзноманигор бо ҳуруфи сиёҳ ҷудо карда мешавад. Агарчи дар рӯзнома матн воситаи асосии расонидани иттилоъ аст, аммо ороиш низ нақши хеле муҳим мебозад. Чунончи, Қ. Мухторӣ дар ин маврид таъкид менамояд: «Дар байни воситаҳои иртибот бо хонанда дизайн ва ороиши рӯзнома аз воситаҳои муҳимтарин ба шумор мераванд» [53, с. 285-288].

Мусоҳиба ҳадафҳои гуногунро пайгирӣ менамояд. Вобаста ба ҳамин онро муҳаққиқон ба гурӯҳҳои гуногуни мавзуӣ ҷудо мекунанд. Аз ҷумла, А. Нуралиев «мусоҳиба-нақл (монолог), мусоҳиба-муколама, мусоҳиба-лавҳа, конференсияи матбуот, мизи мудаввар, мусоҳиба – анкета ва мусоҳиба – ақидаро навъҳои мусоҳиба медонад. А. Саъдуллоев ва С. Гулов мусоҳиба-нақл, мусоҳиба-муколама, мусоҳиба-лаҳза, мусоҳиба-андеша ва конфронси матбуотро навъи мусоҳибаи радиоӣ меҳисобанд» [46, с. 110-111]. Дастури таълимии «Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он»-и Ҷ. Муқим дар ин бобат маълумоти муфассалтаре медиҳад ва шаклҳои бештари мусоҳибаро муайян мекунад [43, с.71-118].

Мусоҳиба, аслан, жанри хеле ҷолиб аст. Хонанда, вақте ки дар мавзуи барояш ҷолиб суханони мутахассисро мутолиа мекунад ё мешунавад, ба масъалаи гузошташуда бештар таваҷҷуҳ мекунад.

Чунон ки дар боло зикр кардем, мусоҳиба қолаби ороишӣ ё техникии махсус дорад ва ороиш дар он барои таъсиргузорӣ ба хонанда хеле муҳим аст. Ба ҳамин масъала дар мусоҳибаҳои рӯзнома таваҷҷуҳи махсус зоҳир намешавад.

Дар сомонаи «www.ozodagon.tj соли 2015 мусоҳиба бо сарлавҳаи «Чӣ ҷавононро ифротгаро мекунад?» аз тарафи Алишер Зарифӣ нашр шудааст. Мусоҳиба бо А. Давлатов – раиси Иттиҳоди тоҷикони Русия анҷом дода шудааст. Акси мусоҳиб, ки дар утоқи кории ӯ гирифта шудааст, махсусияти ороиши мусоҳибаро ташкил медиҳад. Инчунин, зерсарлавҳа, ки бо саволи якум анҷом меёбад ва 5 саволи васеи дигар унсурҳои ороишу дизайн мебошанд. Сарлавҳаи мавод, зерсарлавҳа ва саволҳо бо ҳарфи сиёҳ оварда шуда, аз матн ҷудо шуда меистанд ва худ ба худ маълум аст, ки мавод дар жанри мусоҳиба нашр шудааст. Сухани журналист бо мусоҳиб бо тарзи ному насаби мусоҳиб ва номи ҳафтанома бо ҳарфҳои сиёҳ оварда шуда, баъди аломати баён савол ва фикри онҳо ҷойгир шудааст. Норасоии ин мусоҳиба, ба назари мо, тӯлонӣ будани саволҳо мебошад. Агар саволҳо дар шакли кӯтоҳу мухтасар пешниҳод мегардиданд, ҳам мундариҷаи мусоҳиба ҷолиб мешуду ҳам пургӯйӣ камтар ба назар мерасид, зеро «муваффақияти мусоҳиба ба саволҳои омодакардаи мо вобастагӣ дорад. Ин ҷо

дониши мо дар бораи проблема ва мусоҳиб барои дуруст омода кардани саволҳо кумак мекунад» [43,с.21].

Мусоҳибаи дигар дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» бо номи «Маърака зиёд шуду қонуншиканӣ кам» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 4 март] аз тарафи С. Суннатӣ таҳия шудааст. Рӯзноманигор бо сармутахассиси Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат Азизулло Мирзоев мусоҳиба ороста, фишурдаи онро ба хонандагон пешкаш намудааст. Журналист ҷараёни татбиқи қонуни танзимро дар вилояти Хатлон пурсон мешавад. Дар мусоҳиба 6 савол ва ду акс оварда шудааст. Рӯзноманигор кӯшидааст, то ба саволҳои дода, маълумоти кофӣ ба даст орад. Аммо саволҳо хеле тӯлонианд ва тартибашон низ мутаносиб нест. Ба назари мо, охирин савол – «Моҳияти қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» чӣ гуна ба мардум фаҳмонида мешавад?», бояд пештар оварда мешуд, то ки «мусоҳибаро ба анҷоми мантиқӣ расонем» [43,с.39].

Жанри дигари ахборӣ репортаж мебошад. Ин жанр низ дар ВАО жанри собиқадор маҳсуб мешавад. Дар ин жанр низ дар рӯзнома ва ҳафтаномаҳои интихобшуда мавод дида мешавад. Дар қолаби ин жанр ҳам ду маводи ҷавобгӯ ба талаботи жанриро дида мебароем.

Репортажи аввал аз рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти сарлавҳаи «Сокинони пойтахт бо дастовардҳои раштиён шинос шуданд» [«Ҷумҳурият», 2011. 19 май] аз тарафи З. Сафарзода интишор шудааст. Рӯзноманигор аз намоиши мардуми ноҳияи Рашт, ки бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе доир гардидааст, мавод омода ва нашр намудааст. Ин намоиш дар майдони «800-солагии Москва» баргузор шуда, дар он заҳматкашони ноҳияи Рашт дастовардҳои кишоварзон, ҳунармандони халқӣ, маорифчиёну донишҷӯён, комёбиҳои варзишию сайёҳиашонро манзури сокинону меҳмонони пойтахт гардонидаанд. Репортёр аз рафти намоиш маълумоти даркории худро ҷамъоварӣ намуда, дар шакли кӯтоҳ ва пурмазмун пешниҳод намудааст. Ӯ барои таҳвияти фикрҳои худ аз ду нафар масъул, ки яке Ф. Бӯриев – раиси ноҳияи Шоҳмансур, дигар С. Абдураҳмон – раиси ноҳияи Рашт ҳастанд,

маълумоти зарурӣ ба даст оварда, дар репортаж илова намудааст. Инчунин, ному насаби масъулон ва намояндагони мақомотеро, ки дар намоиш иштирок намудаанд, зикр намуда, бо ин роҳ тасдиқ менамояд, ки намоиш бо як шукӯҳу шаҳомат баргузор шудааст. Дастовардҳои ба намоишгузоштаро бо овардани аксҳо муътамад намуда, тавассути онҳо ҳунарҳои дастии раштиёнро ба хонанда ошно месозад. Рафти намоишро М. Ризвонов аксбардорӣ намудааст. Дар мавод ду акс истифода шудааст, ки дар яке намояндагон ва дар дигаре ҳунарҳои раштиён бо гулдухтарони ин минтақаи ҷумҳурӣ инъикос ёфтаанд.

Репортажи дигар дар сомонаи «www.millat.tj« соли 2014 таҳти сарлавҳаи «Маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ мушкили бозорёбӣ дорад» интишор шудааст. Репортёр маводи худро аз мизи мудаввар, ки Иттиҳодияи ҳунарҳои дастии Тоҷикистон дар Маркази Исмоилияи шаҳри Душанбе баргузор намуд, омода кардааст. Дар мизи мудаввар доир ба проблемаҳои ҳунарҳои дастӣ масъалагузорӣ мешавад. Масъулин ва коршиносон барои роҳи ҳалли ин масъала фикру ақидаҳои худро иброз доштаанд. Репортёр суханони чанд масъулро ҳамчун далел дар мавод зикр намудааст. Масъулин иброз медоранд, ки маҳсулотҳои дастии ҳунармандон дар хориҷи кишвар ба фурӯш бароварда намешавад, агар бароварда ҳам шавад, бо мушкилиҳои зиёд ва фурсати хеле тӯлонӣ ин кор имконпазир мегардад. Маҳсулотҳои ҳунармандон ва косибон дар ватан низ мушкилоти бозорӣ дошта, хуб мешавад, ки бозори ягона барои онҳо ташкил карда шавад. Масъулин оид ба масъалаи баррасинамуда фикрҳои худро иброз дошта, роҳи ҳалли онро ҷӯё мешаванд. Репортёр мизи мудавварро аз аввал то охир сабт намуда, маълумотҳои асосиро дар репортаж ҷой додааст. Хонанда аз мутолиаи ин мавод маълумоти зиёд ба даст меоварад.

Бо дигаргун шудани сохти иҷтимоӣ дар гурӯҳи жанрҳои ахборӣ чанд жанри дигар, аз қабили назарпурсӣ, пурсиш-посух ва некролог илова шуданд. Ин жанрҳоро дар матбуоти даврӣ низ дидан мумкин аст. Ин ҷо мо як ихтилофи назари муҳаққиқони тоҷикро мушоҳида кардем. Муҳаққиқ М. Муродов дар такя ба андешаҳои муҳаққиқи рус А.А. Тертичний пурсиш-посухро жанри алоҳида медонад [46,с.119], аммо муҳаққиқ Ҷ. Муқим, онро навъе аз мусоҳиба мешуморад

[43,с.114-117]. Аз рӯйи намунаҳое, ки мо баррасӣ намудем, маълум мешавад, ки таркиби онҳо ба меъёрҳои жанри алоҳида мувофиқ аст. Яъне, ба назари мо, пурсиш-посух дар матбуоти имрӯз чун жанри мустақил мавқеи худро пайдо кардааст. Боз ин нуктаро мехоҳем таъкид намоем, намунае, ки муҳаққиқ Ҷ. Муқим меорад, аз намунаҳои баррасинамудаи мо фарқи ҷиддӣ доранд.

Худи хонандагон боиси пайдо гардидани ин жанр дар саҳифаҳои матбуот ва сомонаҳои интернетӣ мешаванд. Ин жанр низ солҳои охир дар нашрияҳо фаъол мебошад. Хонандагон барои ҷавоб пайдо кардан ба саволҳои худ бештар ба идораҳои нашрияҳо рӯ меоранд ва нашрияҳо барои ба саволи хонандагон ҷавоби қонеъкунанда пайдо намудан ба масъулини соҳаҳои дахлдор муроҷиат мекунанд. Ин жанр дар натиҷаи робитаи хонандагону рӯзноманигорон ва масъулини соҳаҳои марбута номи «пурсиш-посух»-ро гирифтааст гӯем ҳам, хато намешавад, зеро дар натиҷаи савол ва посухҳои дигарон қолабрезӣ карда мешавад.

Пурсиш-посухи аввал дар ҳафтаномаи «Озодагон» таҳти сарлавҳаи «Галстуки аврупоӣ ё либоси шарқӣ: кадоме ба фарҳанги миллии мо наздиктар?» [«Озодагон», 2012. 22 апрел] рӯйи нашр омадааст. Идораи нашрия барои дарёфтани ҷавоби қонеъкунанда ба масъулин, коршиносон, мутахассисон муроҷиат намуда, гуфтаҳои онҳоро ба хонандагон пешниҳод намудааст. Албатта, хонанда аз мутолиаи мавод оид ба масъалаи баррасишуда ҷавоби қонеъкунанда гирифта метавонад. Дар мавод аксҳои пурсидашудагон ва як акси дигар оид ба мавзуи баррасишуда ҷойгир шудааст. Дар акси асосӣ се нафар бо либоси миллӣ инъикос ёфтаанд.

Пурсишҳои минбаъда ҳам дар ҳамин ҳафтанома таҳти сарлавҳаҳои «Муҳоҷирати хитоиҳо ба Тоҷикистон хатар дорад?» [«Озодагон», 2010. 19 май], «Оё манъ шудани издивоҷҳои хешутабориро қабул доред?», «Таъсири оиларо дар ҷомеа эҳсос кардед?» [«Озодагон», 2011. 11 май], «Шумо чӣ гуна саховат кардан мехостед?» [«Озодагон», 2011. 30 март], нашр гардидаанд. Ин мавод низ шабеҳи жанри пурсиш-посух мебошанд.

Саҳифаи ҳафтуми ҳафтаномаи «Озодагон» зери рубрикаи «Пурсиш-посух» ҳар ҳафта як пурсишу ҳафт посухро нашр менамояд. Яъне, дар ин ҳафтанома ин

жанр ҷойгоҳи худро соҳиб аст. Ҳар ҳафта масъулини нашрия дар мавзуъҳои гуногун пурсиш доир намуда, ҳафт посухи мазмун ва муҳтавои хубдоштаро дар саҳифаи ҳафтум ҷой медиҳанд.

Маводи дигарро аз сомонаи «www.millat.tj» соли 2013 таҳти сарлавҳаи «Оё хони рамазонии тоҷик пурнозу неъмат аст? « зери таҳлил қарор додем. Дар бораи масъалаи баррасишуда андешаи ҳафт нафар коршинос пурсида ва дар мавод ҷой дода шудааст, ки ҷавобҳои эшон хуб ва хонданбоб мебошанд. Акси пурсидашудагон ва як акси дигар оид ба масъалаи баррасишуда маводро пурра менамояд.

Маводи минбаъда дар ҳамин сомона «www.millat.tj» соли 2012 бо сарлавҳаи «Оё мехоҳед ҳамсари шумо ба таври сунъӣ бордор шавад?!» интишор шудааст, ки дар қолаби жанри пурсиш-посух мебошад. Албатта, дар ин жанр масъулин савол пешниҳод мекунанд ва ҷавоби пурсидашудагонро таҳрир намуда, дар нашрия чоп мекунанд ё дар сомонаи интернетӣ ҷойгир менамоянд. Дар ҳафтаномаи «Миллат» саҳифае зери рубрикаи «Миллат ва назар» буда, рӯзноманигорон дар ҳар шумора дар мавзуъҳои гуногун дар қолаби жанри пурсиш-посух мавод омода менамоянд.

Маводи дигар дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» бо сарлавҳаи «Сабаби вайроншавии оилаҳо чист?» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2015. 29 октябр] аз тарафи Гулбаҳор Раҳмонова нашр шудааст. Пурсишҳои ин ҳафтанома аз ҷониби хабарнигори зикргардида омода ва нашр шудааст. Дар дигар ҳафтаномаҳо аз тарафи кӣ омода ва чоп шудани мавод зикр наёфтааст. Дар қолаби ин жанр рӯзноманигор савол пешниҳод менамояд ва ҷавоби қонеъкунандаро ба даст оварда, дар саҳифаи ҳафтанома ҷойгир менамояд, яъне дар ин жанр таҳлилу баррасии рӯзноманигор ҷой надорад. Монанди дигар пурсишу посухҳо акси пурсидашудагон бо матнҳо оварда шудааст. Фарқ танҳо дар акси асосӣ мебошад. Дар дигар мавод доир бораи масъалаи баррасишуда акс ҳаст, аммо дар ин мавод акс ҷой дода нашудааст. Баъди соли 2014 дар ҳар шумораҳои ин нашрия дар мавзуъҳои гуногун жанри пурсиш-посухро дидан мумкин аст, аз ҷумла, доир ба мавзуи баррасишаванда мо як-ду мавод пайдо намудем.

Дар рӯзномаҳои интихобшуда жанри назарпурсӣ низ мушоҳида мешавад. Ин жанр бо роҳи пурсишҳои алоҳида, ки зери як сарлавҳа интишор шудаанд, ҳосил мешавад. Баъзе аз олимон ин жанрро шабеҳи жанри мусоҳиба медонанд. Албатта, ҳар ду жанр ба тариқи пурсиш сурат мегирад, вале дар муқоиса бо мусоҳиба дар жанри назарпурсӣ ба як савол бо якчанд нафар тариқи инфиродӣ муроҷиат карда мешавад.

Дар ҳафтаномаи «Озодагон» бо сарлавҳаи «Қатли «Бобои барфӣ» дар Душанбе чӣ омил дошт?» [«Озодагон», 2010. 4 январ] назарпурсӣ нашр шудааст. Дар ин мавод масъулин воқеаи дар шаби соли нав рӯйдодаро, ки боиси ҳалок гардидани ҷавони либоси Бобои барфипӯш гардида буд, баррасӣ намуда, дар бораи ин масъала назари чанд коршиносро дар маводи худ ҷой додаанд. Коршиносон дар бораи баргузории соли нав фикрҳои худро баён дошта, таъкид намудаанд, ки ҳамчун иди аввали сол ин ҷашнро ҳама бо хурсандӣ истиқбол мегиранд. Воқеаи гузаштаро бошад ҷиддӣ қабул накунанд. Чунончи, М. Муродов нигоштааст: «Дар назарпурсӣ, ки мақсади асосиаш ба аудитория расонидани афкори рангин дар бораи ин ё он масъала аст, пурсиш дар алоҳидагӣ гузаронида мешавад ва муносибати журналист бештар хусусияти ташкилӣ пайдо мекунад» [46, с. 119].

Дар жанри назарпурсӣ дар шумораҳои рӯзнома ва ҳафтаномаҳо мавод дар мавзуъҳои гуногун ба назар мерасад, аммо доир ба мавзуи баррасинамудаи мо маводи ниҳоят кам дида шуд.

Ба ин тариқ, жанрҳои ахборӣ дар инъикоси масоили фарҳангӣ дар матбуоти даврии мавриди таҳқиқи мо ҷойгоҳи хосса дошта, таҳлили онҳо нишон дод, ки маводи бештар дар қолаби жанри хабар, мусоҳиба ва пурсиш-посух ба мушоҳида мерасанд. Аз ин рӯ мо низ маводи ҳамин қолабҳои жанриро бештар таҳлил намудем. Албатта, вазифаи жанрҳои хабарӣ объективона расонидани иттилоъ ба омма аст, аммо дар ҳама маврид матбуот вазифа ва рисолати тарғиботии худро иҷро мекунад. Ин хусусият ҷузъан ҳам бошад, дар жанрҳои хабарӣ мушоҳида мешавад. Жанрҳои мусоҳиба ва пурсиш-посухи матбуотӣ далели он мебошанд, ки рӯзноманигорон ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то барои таҳлилу баррасии

масъала на танҳо фикри худро оранд, балки ба гуфтаҳои коршиносон ва муҳаққиқон низ такя намуда, мавзуъро бо ҷавобҳои қонеъкунанда пешниҳод намоянд. Жанрҳои ҳисобот ва репортаж баёнгари онанд, ки рӯзноманигорон воқеаҳоро бо чашми худ дида, таҳлил намуда, сипас, ба хонандагон пешниҳод менамоянд.

### 3.2. Гузориши масъала ва тарзи баррасии он дар жанрҳои таҳлилӣ

Дар инъикоси масъалаҳои фарҳанг мавқеи жанрҳои таҳлилӣ низ хеле бориз аст, зеро дар ин жанрҳо муаллифон проблемаро пайгирӣ ва таҳлилу баррасӣ менамоянд. Дар жанрҳои таҳлилӣ ҷаҳонбинии рӯзноманигор нақши муҳим бозида, дар тавлиди фикр ва дарку эҳсос кумак мерасонад. Муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва С. Гулов нигоштаанд, ки «дар жанрҳои таблиғӣ-публитсистӣ (яъне таҳлилӣ) ҳадаф, принсипҳо, манфиатҳо мушаххасан баён мешаванд, вале тафовути ин аз жанрҳои хабарӣ он аст, ки журналист онро ба воситаи калиде, тавзеҳе баён менамояд» [82, с.5].

Яке аз жанрҳои нисбатан маъмул дар инъикоси масоили фарҳангӣ аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, мухбирнома аст. Мухбирномаро аз рӯзномаи «Ҷумҳурият», ки бо сарлавҳаи»Арӯс аз ҷойҳои дур» [«Ҷумҳурият», 2015. 20 июн], аз тарафи С. Диловар интишор шудааст, дида мебароем. Мухбир дар маводи худ силсилафактҳоро оид ба мавзуи таҳқиқнамудааш ҷамъоварӣ намуда, маводро омода ва нашр намудааст. Инчунин, аз Зайдулло Абдуллоев – мудири шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз маълумотҳои муҳимро ҷамъ овардааст. Дар мухбирнома зикр мегардад, ки солҳои пеш бисёр хонаводаҳои барӯманди ноҳияи Дарвоз аз роҳҳои дур оила бунёд менамуданд. Аз ин рӯ чунин оилаҳо солим ва намунавианд. З. Абдуллоев чанд оилаҳои намунаро мисол оварда, дар анҷоми сухани худ зикр менамояд, ки солҳои охир дар ноҳияи Дарвоз низ никоҳи хешутаборӣ анъана шудааст. Ин боис шудааст, ки 44 кӯдаки маъюб аз хонаводаҳои никоҳи хешутаборидошта ба қайд гирифта шавад. Дар мухбирнома

зикр шудааст, ки қонунҳои «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои бартараф намудани мушкилиҳо қобили қабул мебошанд.

Мақола яке аз жанрҳои муҳимми журналистика ба ҳисоб рафта, дар матбуот бештар истифода мешавад.

Мавзуи асосии мақола аз проблема ба вуҷуд меояд. Ба ҳамин сабаб мақоланавис бояд проблемаро дар маркази мақола гузошта, барои таҳлили он мавзуи интихобкардаашро чуқур омӯзад. Дар баробари интихоби мавзуъ, факту далел, ақлу фаросат, ҷаҳонбинии муаллиф низ муҳим мебошад, зеро дар таҳлили мақола муаллиф бояд бо факту далел фикри худро асоснок намояд, бо донистани дигар ҷиҳатҳо мавзуи худро бо паҳлуҳои дигар муқоиса карда, бо ҷаҳонбинии васеъ хулоса намояд. Дар ин маврид ҷаҳонбинии фарох ва донишу маҳорати таҳлилгарӣ доштани муаллиф низ муҳим аст, зеро «дар журналистика мақола аз жанрҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, барои таҳлили воқеа, зуҳурот ва ҷараёни муҳиму мухталифи иҷтимоӣ истифода мешавад» [46, с. 148].

Муҳаққиқони журналистика 4 навъи мақоларо ҷудо кардаанд. Масалан, дар даврони шӯравӣ чор навъи мақола – сармақола, мақолаи назариявӣ, мақолаи проблемавӣ, инчунин қайдҳои публитсистӣ маъмул бошад, ин назар имрӯз то андозае такмил дода шудааст. Муҳаққиқ М. Муродов иброз медорад, ки «...вобаста ба хусусияти матнҳои матбуоти даврии муосир чунин навъҳои мақоларо метавон ҷудо намуд: сармақола, мақолаи умумитаҳқиқӣ, мақолаи амалӣ-таҳлилӣ, мақолаи мубоҳисавӣ» [46, с. 151-153].

Аз гурӯҳбандии муҳаққиқон бармеояд, ки ҳар яки он бо назардошти матнҳои матбуоти давру замони худ мувофиқ карда, навъҳои мақоларо ҷудо намудаанд, зеро дар ҳама давру замон проблема вуҷуд дорад ва журналистонро лозим меояд, ки онро рӯйи об бароранд, то барои ҳалли он чораҳо андешида шавад.

Ин жанри маъмули матбуот дар ҳамаи рӯзномаҳои мавриди таҳқиқи мо ба назар мерасад.

«Аз тақлиди кӯр-кӯрона даст кашем» [«Ҷумҳурият», 2013. 2 август] аз тарафи ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ, коргардон А. Раҳмонқулов ба нашр расидааст. Мақола, асосан, ба мавзуи либос бахшида шуда, акси мавод низ ба он мувофиқ аст. Аммо ҳангоми мутолиаи мавод маълум шуд, ки муаллиф чанд мавзуи дигарро низ дар мақолаи худ пайгирӣ менамояд. Муаллиф мақоларо аз суханронии Президенти кишвар оғоз менамояд, ки бахшида ба либоси миллӣ мебошад. Сипас, дар бораи либос сухан меронад ва тарзи либоспӯшии ҷавононро масъалагузорӣ намуда, ду воқеаи ба чашми худ дидаро низ мисол меоварад ва фикри худро пурра менамояд. Аз эҳтимол дур нест, ки мавод дар назари хонанда ҳамчун нақл вонамуд шудааст. Асоси мақола аз проблема оғоз шуда, маркази мақоларо проблема ташкил медиҳад. Агар гӯем, ки мавзуи интихобшуда мавзуи рӯз аст, хато намекунем, вале тарзи навишти муаллиф мавзуъро ба нақли одӣ монанд кардааст. Камбудии дигар ин аст, ки муаллиф мавзуи либосро як тараф гузошта, ба ҷойҳои таърихӣ, аз ҷумла, осорхонаҳо, театр, мақбараҳо гузашта, масъалагузорӣ менамояд. Ин масъаларо низ як тараф гузошта, ба номҳои тарабхонаву мағозаҳо мегузарад ва мақоларо бо умумигӯйӣ хотима мебахшад. Албатта, сарлавҳаи мавод умумӣ аст, яъне метавон гуфт, ки сарлавҳа ба ҳамаи масъалаҳои дар мақола зикрёфта мувофиқат дорад, вале тарзи оғоз, навишт, акси мавод пайванди ҷузъҳоро таъмин намекунад. Муҳиммияти мақоларо асосан баррасии як проблема нишон медиҳад, фактҳо бояд дар алоқамандӣ ба ҳамон як проблема оварда шаванд.

Дар мавод ду аксро якҷоя намудаанд, ки дар яке ду ҷавондухтар дар тан курта, бо мӯйҳои кушода дар ҳоли қадамзанӣ қарор дошта, ба ҳамдигар нигоҳ мекунанд ва дар акси дигар ду духтари нимурён дар болои санг нишаста, бо табассум ба сӯйи хонанда менигаранд. Акси аввал ба намунаи либоси миллии мо на он қадар шабоҳат дораду акси дуюм тамоман мутобиқат намекунад. Ҳол он ки ин маводро бо акси ифодагари либоси миллӣ пурра кардан мумкин буд. Ба назари мо, ҳар ду акс ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Дар маҷмуъ, дар мақола проблемаҳо сатҳӣ баррасӣ шудаанд, яъне муаллиф ба чанд масъала луқмапартоӣ намудааст халос. Ҳол он ки дар мақола як масъала бояд ҳамаҷониба баррасӣ гардад, роҳи

ҳалли муаммо пешниҳод ва хулосаҳои дуруст бароварда шавад, аммо дар ин мақола мо чунин ҳолатро надидем.

Ба монанди мақолаи дар боло зикршуда  бо сарлавҳаи «Либоси танг хоси духтари тоҷик нест» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2010. 18 август] маводе чоп шудааст, ки муаллифи он донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. Зокирова мебошад. Аз таҳлили муаллифи мақола бармеояд, ки либоси нимурёну танг хоси фарҳанги миллии тоҷикон нест, ин гуна либос хоси мардуми Ғарб мебошад. Матни мақоларо як акс пурра менамояд, ки дар он ҷавондухтар дар тан либоси танг ва дар даст телефони мобилӣ машғули кори худ аст. Албатта, баробари дидани акс симои зани ғарбӣ пеши назар меояд. Муаллиф чунин мепиндорад, ки барои мардуми мусалмон ин гуна либос хос нест, зеро либоси танг низ гӯё касро ба назар урён нишон медиҳад. Ба тақвияти гуфтаҳои худ муаллиф аз паёмбари Ислом мисол оварда, фикрашро пурра месозад: «Паёмбари ислом Муҳаммад (с) 1400 сол қабл чунин гуфта буд: Як гурӯҳ аз занони уммати ман пайдо мешаванд, ки ба тан либос пӯшидаанд, аммо урёнанд. Асҳоб дар тааҷҷуб шуданд ва гуфтанд, ки оё мешавад дар тан либос пӯшанд, аммо боз урён бошанд?!».

Муаллифи мақола зикр менамояд, ки ҳамин гуна занҳоро имрӯзҳо дар кӯчаҳои шаҳр бисёр вохӯрдан мумкин аст, аммо занҳое, ки либоси миллӣ ба бар менамоянд, кам мебошанд. Дар хулоса муаллиф таъкид менамояд, ки бояд пӯшидани либоси миллии тоҷикӣ бештар шавад ва зани тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд.

Мақолаи минбаъда низ дар ҳамин ҳафтанома «Фарҳанги либоспӯширо коста накунем» [«Ҷавонони Тоҷикистон», 2011. 27 январ]  аз тарафи донишҷӯйи Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон Назокат Бурҳонова ба чоп расидааст. Ин мақола низ ба мақолаи донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. Зокирова шабоҳати зиёд дошта, дар он сухан аз фарҳанги либоспӯшӣ меравад. Муаллиф нигаронӣ аз он мекунад, ки бонувон дар фаслҳои баҳор ва тирамоҳ бештар ин гуна либосҳоро ба бар намуда, фазои либосҳои миллиро коста мегардонанд. Барои маводи худро боварибахш намудан муаллиф суханони ду ҷавондухтарро иқтибос

меоварад, ки якеаш тарафдори либоси аврупоӣ буда, дигаре ба бар кардани либоси миллиро афзал меҳисобад. Ҳар ду мақолаи ин ҳафтанома як масъаларо пайгирӣ намуда, тарзи қолабрезии онҳо низ ба ҳамдигар шабоҳат дорад. Танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм аз якдигар фарқ доранд. Аксҳои ҳар ду мақола низ ҷавондухтари дар тан либоси тангу нимурён мебошад. Мақсаду мароми муаллифон низ якест, яъне зани тоҷик бо либоси миллии худ зебанда буда, либоси нимурёну танг ба ин миллат хос нест. Бояд зани тоҷик муаррифгари фарҳанги ғании худ дар олам бошад, на ин ки костакунандаи арзишҳои миллии худ. Муаллифи ҳар ду мақола нигаронӣ аз он доранд, ки рӯз то рӯз сафи занони нимурён ё либосҳои тангдошта афзоиш меёбад. Дар хулосаи мақолаҳо муаллифон пешниҳод доранд, ки занону духтарон қазоват кунанд, зеро бо ин рафтори худ тамаддун ва фарҳанги ғаниро аз байн хоҳанд бурд.

Мақолаи аввал дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj«  буда, бештар ба либосҳои симои ғарбидоштаи ҷавонону занони тоҷик равона шуда бошад ҳам, вале муаллиф дар як масъала баҳсу мунозира накарда, ба чанд масъалаи дигар лукмапартоӣ менамояд. Аммо дар ду мақолаи ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ин ҳолатҳоро вонахӯрдем. Муаллифон аз мавзуи интихобкардаи худ берун набаромада, то ҳадди тавоноӣ қолабрезӣ намудаанд.

Мақолаи дигар дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2013 «Либоспӯшӣ меъёр дорад» аз тарафи декани факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Х. Самиев омодаву нашр шудааст. Масъалаи асосие, ки дар он баррасӣ мешавад, либоси ягона буда, мақола низ бо иқтибоси дастурамали либосҳои тавсиявӣ оғоз мешавад: «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ» аз 30 июли соли 2007 таҳти рақами 14112 боиси вокуниши гуногунранг дар ҷомеа гардид» [«www.jumhuriyat.tj«, 2013].

Муаллиф ин иқдомро фоли нек арзёбӣ намуда, дар бораи либосҳои ягона сухан меронад. Инчунин дар ин маврид дар бораи сатр, либосҳои варзишию корӣ, либоси хоб, либоси сайругашт ва либоси ягона маълумот ҷамъ оварда, паҳлуи мусбат ва манфии мавзуъро ба таври фишурда пешниҳод менамояд. Иброз

медорад, ки ба либоси ягона гузаштан қобили қабул мебошад. Инчунин ҷавонон набояд либосҳоеро ба бар намоянд, ки бо аксҳои ҳунармандони Ғарбу Шарқ ё навиштаҷот бо забонҳои хориҷӣ оро дода шудаанд, зеро ин рафтор ба он далолат мекунад, ки ин гуна ҷавонон ба миллату фарҳанги худ беэҳтиромӣ намуда, фарҳанги бегонаро мепарастанд. Муаллиф ҳама паҳлуҳои масъалаи интихобкардаашро баррасӣ намуда, доир ба интихоби ранг, матоъ ва тарзи ороиши онҳо фикру ақида баён доштааст. Инчунин тарафҳои нолозиму барзиёди либосҳоро инъикос намуда, дар кучо бо кадом намуди либос будани инсон, аз рӯйи одоб ва мувофиқи этикет пӯшидани ҳар як навъи онро шарҳ додааст.

Дар мақола пайдарҳамии ҷумлаҳоро дидан мумкин аст. Дар мақолаи аввал ин ҳолат мушоҳида нашуд. Аз мутолиаи мақола хонанда оид ба ҳама намуди либоси зикрёфта андаке ҳам бошад, як тасаввурот пайдо хоҳад кард. Муаллиф пеш аз хулоса чанд пешниҳод ҳам мекунад, ки қобили қабул мебошад.

Дар ҳафтаномаи «Миллат» зери сарлавҳаи «Юбка дониш намедиҳад» [«Миллат», 2014. 19 март] маводе ба табъ расидааст, ки муаллифи он С. Мирзо мебошад. Номбурда либоси ягонаро инкор намуда, иброз медорад, ки набояд бештар ба зоҳири инсон аҳамият дод, зеро юбка дониш намедиҳад. Муаллиф дар мақола аз фасли зимистон ёдовар шуда, иброз медорад, ки бо юбка дар сармои зимистон ба дарс ҳозир шудан ғайриимкон аст. Муаллиф дар ин минвол мегӯяд: «Пеш аз оне, ки сари танзими либоси донишомӯзон баҳсу муҳокимаронихо шавад, касе масъалагузорӣ намекунад, ки ҷавонон тарзи либоспӯширо аз кучо мебинанд ва чӣ гуна пайравӣ мекунанд? Фарҳанги либоспӯширо имрӯз муҳассилин аз телевизион ва намоишгоҳҳо, ки дар онҳо чорабиниҳо доир мегардад, мебинанду пайравӣ мекунанд».

Муаллиф танҳо як паҳлуи мавзуъро масъалагузорӣ намуда, ҳолати либоси ягонаро дар сармои зимистон дида мебарояд, танзими либосро инкор менамояд, бештар ба зоҳир не, балки ба танзим даровардани донишро қобили қабул медонад. Муаллифи мақолаи сомонаи «www.jumhuriyat.tj« зери сарлавҳаи «Либоспӯшӣ меъёр дорад» либоспӯширо низ этикети корхона ё муассиса дониста, ин амалро, яъне либосҳои тавсиявиро, тарафдорӣ менамояд, чанд пешниҳод

намуда, дар бораи чӣ гуна либос пӯшидан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ақидаи худро баён мекунад. Мақолаи дигар дар ҳафтаномаи «Озодагон» бо сарлавҳаи «Ҳиҷоб ё дискотека: кадоме хоси фарҳанги мост?» [«Озодагон», 2012. 24 октябр] нашр шудааст. Муаллиф дар мақолаи худ дар иртибот ба ҳар зерсарлавҳа проблемаро матраҳ менамояд:

- ҳиҷоб, фарҳанг ва мушкили Ҳукумати Тоҷикистон;
- фарҳанги қафомонда;
- зоҳир ё сатҳи дониш: кадоме авлавият дорад?;
- мақомот ва ҳиҷоб;

Рӯзноманигор аз воқеаҳои Берлин, ки ба ҳиҷоб вобастагӣ доштанд, ёдовар шуда, сипас, масъалаи ҳиҷобро дар Тоҷикистон дида мебарояд, зеро мақсади асосии муаллиф низ таҳлили масъалаи ҳиҷоб дар ин кишвар мебошад.

Дар зерсарлавҳаи аввал аз мақомот, аз ҷумла, аз собиқ вазири маориф А. Раҳмонов ёдовар мешавад, ки ба ҳиҷобпӯшии занон ва духтарон зиддият нишон додааст. Таъкид карда мешавад, ки маҳз аз боиси чунин зиддияти мақомот даҳҳо нафар духтарон аз таҳсил бозмондаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмати мақола дастурамали тавсиявии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшударо зери таҳлил қарор додааст: «Баъдан вазорати маорифи Тоҷикистон барои духтарон фарҳанги миллии либоспӯширо «нишон» дод. Имрӯзҳо дар аксар муассисаҳои таълимии кишвар овезаҳои махсуси намунаи либосро вохӯрдан мумкин аст. Дар ин гӯша барои духтарон дар баробари либоси тоҷикӣ, ҳамчунин доманҳои кӯтоҳу шим, яъне либосҳои аврупоӣ тавсия шудааст. Ин ҷо суоле ба вуҷуд меояд, ки бардошти масъулини маорифи Тоҷикистон аз ибораи фарҳанги миллӣ чист? Зеро он либосҳое, ки имрӯз барои донишҷӯён тавсия шудаанд, онро ҷузъе аз фарҳанги тоҷикиву либоси миллӣ гуфтан дурӯғи маҳз аст».

Ин қисми мақола бо масъалагузориҳо хотима меёбад. Зерсарлавҳаи дувум аз масъалаи интихобгардида оғоз ёфта, муаллиф бо ҷиддият гуфтаҳои мақомотро, ки «ҳиҷоб моли тоҷик нест, ҳиҷоб махсуси фарҳанги бегона аст» инкор менамояд. Зикр карда мешавад, ки то инқилоби Октябр занҳо ҳама дар сар рӯсарӣ дошта, дар

шаҳрҳо бо фаранҷӣ мегаштанд. Рӯймолчаҳои имрӯза, ки хоси фарҳанги тоҷикӣ медонанд, пеш аз инқилоб маъмул набуд. Аммо мақомоти имрӯза бе ягон далели муайян рӯсариро хоси фарҳанги тоҷик намедонанд.

Бо ҳамин гуна масъалагузориҳо муаллиф дар ин қисмати кор боз чандин фарҳангҳои ғайрро мисол оварда, иброз медорад, ки магар «амалҳое мисли ришвахӯрӣ, шаробнӯшӣ, тамаъкорӣ ҷузъи фарҳанги мо буданд?» Инчунин, чанд проблемаи рӯзро батафсил баён медорад. Мавсуф дар мақола масъалагузорӣ намуда, менависад, ки мушкили мақомоти ҳукумати мо танҳо ҳиҷоб буда, ба дигар мушкилоти ҷомеа назаре ҳам наменамоянд.

Зерсарлавҳаи минбаъда «Зоҳир ё сатҳи дониш: кадоме авлавият дорад?» аст. Дар ин қисмати мақола муаллиф барои таҳвияти фикри худ аз мудири шуъбаи таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон С. Сангов дар бораи ин масъала пурсон шуда, гуфтаҳои ӯро иқтибос меоварад.

Дар хулосаи мақола, ки зери унвони «Мақомот ва ҳиҷоб» омадааст, муаллиф менависад: «Ба назари ман, бардоштани ин масоил ба ноуҳдабароӣ ва надоштани қобилияти роҳбариву бархӯрдор набудан аз донишҳои замонавии бархе аз мансабдорон сарчашма мегирад. Яъне, вақте ки тавон ва қудрати аз миён бардоштани мушкилоти беҳисобро надоранд, худрову мардумро бо чунин масоили сода машғул медоранд».

Мақола аз оғоз то анҷом сирф танқидӣ буда, дар он танҳо камбудиҳо масъалагузорӣ шудаанд. Пайдарҳамии ҷумлаҳо, тарзи гуфтор, қолабрезии мавод бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд.

Мақолаи дигар дар сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2013 бо сарлавҳаи «Сатр танҳо нишони иффат нест» аз тарафи ходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ В. Музаффарпур нашр шудааст. Муаллиф сараввал дар бораи сатр чанд ҷумла оварда, сипас аз китоби муқаддаси Қуръон ҳамчун далел иқтибос меоварад. Ҳадисҳоро бо лафзи сода ва оммафаҳм дар сатрҳои баъдина дарҷ месозад. Ӯ асоси сатрпӯшии занҳоро барои озодии онҳо дар ҳама ҳолати зиндагӣ медонад, аммо иброз медорад, ки дар ҷомеаи имрӯза сатрро на ба хотири озодӣ, балки барои таблиғот ба бар

менамоянд. Аз ин лиҳоз бештари мардум занҳои бесатрро ҳамчун зани беҳаё медонанд. Муаллиф дар мақола якчанд масъалаеро матраҳ мекунад, ки боиси сатрпӯш шудани занҳо гардидаанд.

Масъалаи аввал бештари занҳоро шавҳаронашон, писар, бародар ё падаронашон маҷбурӣ ва бидуни хоҳиши худи онҳо ба сатрпӯшӣ водор менамоянд, то ба чашми дигарон ҳамчун зани солеҳа вонамуд бошанд;

Масъалаи дуюм он аст, ки сатрро интихоб намудани гурӯҳи занҳо тақлид ба мардуми турку эронитабор буда, ин намуди мӯд, баръакс, шаҳватбарангез мебошад;

Масъалаи сеюм, сатрпӯш шудани гурӯҳи дигари занҳо аз рӯйи бесаводӣ мебошад.

Барои тақвияти фикри худ мавсуф аз масъули бахши иттилоотии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҷумҳурӣ С. Муъминова иқтибос меоварад, ки оид ба ин мавзуъ чунин гуфтааст: «Бар асоси натиҷаи ин назарсанҷӣ, ҳафт дарсади занону духтарон дар пайравӣ ба касе ва ё ба унвони «мӯд» сатри исломӣ пӯшидаанд. Ва аз ҷумлаи 55 дарсади заноне, ки иҷборан ҳиҷобпӯш шудаанд, беш аз 46 дарсади онҳоро шавҳарон, 3 дарсадро волидон, 2 дарсадро бародарон ва 3 дарсадро писаронашон водор ба пӯшидани ҳиҷоб кардаанд» [«www.jumhuriyat.tj«, 2013].

Ба андешаи ӯ, сатр хоси занони нимҷазираи Арабистон буда, ба фарҳанги тоҷик бегона мебошад. Мавсуф мепиндорад, ки зани тоҷик бо атласу адрас ва рӯймолчаҳои гулдор зебанда аст.

Дар мақола зикр ёфтааст, ки дар ҷомеаи имрӯза аз ҳиҷоб барои гузаронидани амалиётҳои нопок, аз қабили терроризми динӣ бештар сӯиистифода мешавад.

Мавсуф дар хулосаи мақола иброз медорад, ки фалсафаи аслии ҳиҷоб василаи нигоҳдории иффат ва покдоманист ва аз ҷиҳати Ислом барои озодона кору фаъолият кардани занҳо монеъ намешавад. Дар Тоҷикистон озодии занҳоро қонун зери ҳимояи худ гирифтааст. Аз ҳамин сабаб занҳои тоҷикро ҳоҷат нест, ки худро печонда барои ҷомеа мушкилӣ эҷод намоянд.

Дар мақолаи ҳафтаномаи «Озодагон» бо номи «Ҳиҷоб ё дискотека: Кадоме хоси фарҳанги мост?» [«Озодагон», 2015. 22апрел] муаллиф мақомотро гунаҳгор мешуморад, ки зидди ҳиҷобпӯшии занҳоянд. Ба андешаи муаллифи мақолаи дигар баръакс, ҳиҷобе, ки имрӯз бештари занҳо ба бар мекунанд, аз рӯйи бесаводӣ ва тақлид ба дигар миллатҳо, ҳамчунин аз боиси фишори хонаводагӣ мебошад. Муаллифи мақолаи сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2013 «Сатр танҳо нишони иффат нест» бар он назар аст, ки ҳиҷоби имрӯзае, ки занон ба бар менамоянд, шавҳатбарангезанда аст, на нишонаи иффат.

Муаллифи мақолаи «Ҳиҷоб ё дискотека: кадоме хоси фарҳанги мост?» [«Озодагон», 2015. 22апрел] танҳо аз Инқилоби Октябр ёдовар мешавад, ки занҳо дар сар рӯсарӣ доштанд ва мақомотро танқид менамояд, ки духтарони ҳиҷобпӯшро вориди муассисаҳои таълимӣ шудан намегузоранд.

Ба андешаи мо, муаллифи мақолаи сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2013 «Сатр танҳо нишони иффат нест» масъалаи ҳиҷобро пурра ва фаҳмо таҳлилу баррасӣ карда тавонистааст.

Барои тақвияти мақолаҳои дар боло баррасишуда як мақолаи дигарро аз ҳафтаномаи «Миллат» мавриди таҳлил қарор медиҳем. Ин мақола низ ба ҳиҷоб марбут мебошад. Мақола бо сарлавҳаи «Аз фаранҷисӯзӣ то фаранҷипӯшӣ: ё зани тоҷик кай озод буд?!» [«Миллат», 2011. 2 март] аз тарафи Ф. Рустам иншо гардидааст. Муаллиф дар ин мақола барои тақвияти фикри худ аз панҷ нафар иқтибос меорад, ки аз онҳо ду нафар зидди ҳиҷобпӯшии занон буда, ду нафари дигар ин амалро тарафдорӣ менамоянд.

Дар мақолаи сомонаи «www.jumhuriyat.tj« соли 2013 «Сатр танҳо нишони иффат нест» муаллиф аз масъули бахши иттилоотии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҷумҳурӣ С. Муъминова иқтибос овардааст. Дар ин мақола низ муаллиф айнан ҳамон гуфтаҳоро дар иқтибоси худ ҷой додааст.

Муаллиф пас аз ин иқтибос аз муассисаҳо ронда шудани духтаронро зикр намуда, нигаронӣ аз он дорад, ки аз боиси ин масъала бештари духтарон аз таҳсил қафо монда истодаанд. Барои пурра ва мустаҳкам кардани гуфтаҳои худ як иқтибоси дигари З. Раҳмонӣ – яке аз фаъолони умури занро, ки узви Ҳизби

феълан мамнуи наҳзати исломии Тоҷикистон буда, дар Би-би-си оид ба ин масъала сухан рондааст, батафсил меоварад. Ин иқтибос низ ҳиҷобро тарафдорӣ намуда, ин амали занонро ба бозгашти ҳувияти миллӣ ва худшиносии мазҳабӣ арзёбӣ менамояд. Инчунин ёдовар мешавад, ки аз боиси манъи ҳиҷоб дар муассисаҳо духтарони ҳиҷобдор аз таҳсил дур мондаанд.

Муаллиф чунин мепиндорад, ки ҳиҷобпӯшии занон бояд ба худи онҳо вогузор карда шавад, на давлат ва на волидон ба ин масъала дахолат накунанд. Дар мақола боз як иқтибоси дигар ҷой дода шудааст, ки муқоисаи андешаи мардуми мо бо мардуми Эрони имрӯза мебошад. Дар ин иқтибос назари мардуми Эрон дар ҷодаи Ислом авлотар дониста шуда, тарафдорӣ мегардад, зеро дар ин кишвар гӯё ба ҳиҷоб пӯшидани зан назари нек дошта, ҳиҷобро пӯшондани андому нишони иффат медонанд. Мардуми ватани мо дар ҷодаи Ислом қафомонда дониста шуда, гуфта мешавад, ки ҳиҷоб барои зани тоҷик маҳрумӣ аз ҳама чиз аст. Таъкид карда мешавад, ки барои дигар кишварҳои исломӣ барои ҳиҷобпӯшии занҳо тамоми шароитро муҳайё кардаанд, танҳо Тоҷикистон дар ин масъала зиддият нишон дода, ҳиҷобро моли бегона донистааст.

Дар ин мақола муаллиф ба гуфтаҳои дигарон бештар такя намуда, боз як иқтибос овардааст, ки хилофи ҳиҷоб мебошад. Дар он гуфта мешавад, ки зани тоҷик ҳоло барои ҳиҷобпӯшӣ тайёр нест. Муаллифи иқтибос баён медорад, ки бо фишори хонаводаҳо ин амалро тарафдорӣ намуда, на барои озодиҳои худ, балки аз рӯйи фишор ин корро кардаанд. Ин гуна занҳо аз таҳсил бозмонда, аз рӯйи гуфтаҳои хонаводаҳо ҳиҷоб ба бар намуда, хонашиниро ихтиёр мекунанд ва дар оянда ба танқисиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ҳамин сабаб мардуми мо ҳоло мақсади асосии ҳиҷобро ба дигар маъно медонанд. Дар дигар кишварҳо ҳиҷоб барои озодии зан бошад, барои мо аз озодӣ маҳрум кардани онҳо мебошад. Иқтибосдиҳанда ба ҳиҷоб тайёр набудани занҳои ватаниро батафсил шарҳ дода, онро тақлиди кӯр-кӯрона ба Ислом медонад.

Муаллиф дар мақола бештари баҳсро ба гуфтаҳои дигарон равона месозад ва дар охири ҳар иқтибос якчанд ҷумла оварда, сипас боз ба гуфтаи шахси дигар рӯ меорад. Дар хулоса муаллиф боз аз кадом ҷиҳат ба ҳиҷоб рӯ овардани занонро

зикр намуда, дар охир саволеро пешниҳод менамояд, ки сарлавҳаи мақола мебошад.

Аз мақолаҳои таҳлилнамуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки журналист танҳо ба гуфтаҳои худ қаноат накарда, доир ба мавзуи баҳс фикру ақидаи дигаронро низ пурсон мешавад. Аз мақолаҳои таҳлилнамуда дуто маҳсули қалами журналист ва боқимонда аз мутахассисони дигар соҳа аст. Он маводе, ки аз тарафи журналистон пешниҳод гардидаанд, бештар ба баҳс равона шудаанд ва мақолаҳое, ки аз тарафи мутаххасисони дигар соҳаанд, батафсил зикр ёфта бошанд ҳам, дар онҳо баҳс камтар дида мешуд. Рӯзноманигорон бештар дар сари мавзуи интихобшуда баҳс ороста, роҳи ҳалли проблемаро ҷӯё мешаванд. Мутахассиси соҳаи дигар дар баробари кушода тавонистани мавзуи интихобшуда ба кадом самт равона сохтани баҳсро на ҳама вақт сарфаҳм меравад. Албатта, аз ухдаи пешниҳод намудан, маълумоти пурра ҷустуҷӯ кардан мебарояд, аммо баҳси асосиро журналисти нотарс, ки ба моҳияти масъала дуруст сарфаҳм меравад, ба роҳ монда метавонад, то роҳи ҳалли масъала ошкор шавад. Ба қавли И. К. Усмонов, «.... мақола ақидаи як кас дар бораи муҳимтарин воқеаҳои зиндагӣ, ин фикри шахсӣ аст, аммо бояд аз асосҳои илмӣ ва таҷрибаи зиндагӣ бархӯрдор бошад. ...жанри ҷиддӣ аст ва матни он таҳдиду дашномро намебардорад» [98, с. 67].

Жанри минбаъда аз гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ нигориш мебошад. Ақида ва мавқеи журналист дар омода ва қолабрезӣ намудани жанри нигориш муҳим дониста мешавад. Маводи рӯзнома ва ҳафтаномаҳои интихобгардида дар қолаби ин жанр зиёд ба чашм нарасид. То ҳадди имкон як-ду маводро аз ин жанр ҳамчун намуна таҳлил намудем.

Маводи аввал аз сомонаи «www.millat.tj« соли 2010 зери сарлавҳаи «Рамазон ва пойтахти фарҳанги исломӣ. Ё то кай аз Қуръон мегурезем?» аз тарафи Зоҳири Давлат омода шудааст. Нигоранда дар мавод чаҳор зерсарлавҳа гузошта, дар ин зерсарлавҳаҳо бо навбат масъалаҳоро матраҳ менамояд.

– Моҳи рӯзадорӣ ва ботақво шудан;

– Рамазон ва шаҳри Душанбе;

– Рамазон ва телевизиони тоҷикӣ;

– Рамазон, дашномҳои тоҷикӣ, ришвахӯрӣ ва...

Муаллиф ҳар яке аз зерсарлавҳаҳоро бо ақлу дониши худ таҳлил намуда, назари худро оид ба мавзуи баррасинамудааш иброз медорад: «Нигориш аз он жанрҳоест, ки барои вай воқеаи тамоман нав ё факти якумдараҷаву дуюмдараҷа зарурат надорад. Предмети инъикоси нигориш воқеа ва рӯйдоди кайҳо рухдодаву маълуми аудитория гардида мебошад. Ба онҳо назари нигоранда таровати тоза мебахшад» [46, с. 158].

Маводи минбаъда низ аз ҳамин сомона «www.millat.tj« соли 2010 бо сарлавҳаи «Пойтахти фарҳанги исломӣ бо арчаҳои солинавӣ ё муфтии нав чӣ таҳаввулоте дар умури динии кишвар меоварад?» аз тарафи Зоҳири Давлат омода ва нашр шудааст. Нигоранда дар мавод шаш зерсарлавҳа гузошта, вобаста ба онҳо фикру ақидаи худро баён медорад.

– Нишасти вазирони хориҷаи СКИ дар Душанбе;

– Эъломи шаҳраксозии Уммон дар Кӯлоб;

– Ҳиҷоб, риш ва хомӯшии рӯҳониён;

– Таъхир дар сохтани масҷиди бузург;

– Бозгашти донишҷӯён аз макотиби исломии хориҷ;

– Раиси шурои уламо – кадри донишгоҳи исломии Покистон.

Нигоранда дар мавод масъалаҳои диниро дар соли 2010 баррасӣ карда, дар мавриди камбудиҳои соли мазкур фикрҳои худро баён медорад. Муаллиф ҳангоми фаҳмонидани назари худ ба фактҳои ҷамъоварда рӯ меорад, то ин ки масъалаи баррасишуда дуруст тарҳрезӣ шавад.

Жанри навбатӣ мактуб мебошад, ки дар қолаби он оид ба масъалаи баррасинамудаи мо мавод омода ва нашр шудааст.

Таърихи ташаккул, махсусияти ин жанр ҳамчун жанри публитсистӣ дар таҳқиқоти олими тоҷик Б. Шукруллоев «Мактуб ҳамчун жанри публитсистӣ» [160] ва «Жанри мактуб: рисолат ва имконот» [116] хеле муфассал шарҳ ёфтааст. Бар асоси таҳқиқоти Б. Шукруллоев, пайдоиши унсурҳои публитсистӣ дар мактуб аслан таърихи хеле қадима доранд [116, с.113]. Жанри мактуб аз давраи таъсиси

нашрияи «Бухорои шариф» маъмул буд. Ҳарчанд аз солҳои аввали таъсиси газетаи тоҷикӣ ин жанр маъмул буду нигоштаҳо дар саҳифаҳои матбуот хусусияти мактубӣ доштанд, аммо ин жанр дар матбуоти солҳои баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ рушд ёфтааст. Мактубҳои солҳои пеш хусусияти адабӣ доштанд. Дар матбуоти замони шӯравӣ ин жанр аз устод С.Айнӣ оғоз ёфтааст. То давраи Истиқлолият мавзуи мактуби публитсистиро баҳсҳои ҳунари эҷодӣ, масъалаҳои адабӣ ташкил медод. Баъдтар мавзуъҳои он васеъ гардида, дар дигар мавзуъҳо низ ин жанр фаровон истифода гардид.

Мактуби аввал аз рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо сарлавҳаи «Ислом ба хидмати хирсона ниёз надорад» [«Ҷумҳурият», 2010. 10 апрел] аз тарафи М. Аҳмадова – раиси Шурои занони Ҷамоати деҳоти Деҳқонободи ноҳияи Ҳисор нашр гардидааст. Номанавис дар бораи исроф сухан ронда, аз нигоҳи талаботи Ислом ба масъалаи мазкур баҳо медиҳад. Мақсади номанавис аз он иборат аст, ки қонуни қабулшуда, яъне қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фоли нек буда, аз нигоҳи Ислом низ қобили қабул мебошад.

Дар жанри мактуб бештар хонандагон фикру ақидаҳои худро ба нашрия равона сохтаанд, яъне аз мутолиаи мактубҳо муайян кардан мумкин аст, ки хонандагон оид ба масъалаҳои баррасинамудаи нашрияҳо бетараф набуда, тариқи мактуб фикру ақидаи худро оид ба мавзуъҳои гуногун баён медоранд.

Дар як фасли кор ба ҳамаи паҳлуҳои кори рӯзномаҳо пурра баҳо додан мушкил мебошад, зеро дар ҳар чор рӯзнома дар баробари беҳбудӣ, дар баробари мавзуъҳои хубу хонданбоб, мавзуъ ва проблемаҳои доғи рӯз, таҳлилҳои амиқ, фактҳои аниқу дақиқ камбудиҳо ҳам ҳастанд.

Хулоса, рӯзнома ва ҳафтаномаҳои интихобгардидаро то ҳадди имкон аз назар гузаронидем. Албатта, ҳамаи жанрҳои ахбориро то ҳадди имкон таҳлил намудем. Аз ҷумла, дар жанрҳои хабар, мусоҳиба ва пурсишу посух бештар мавод интишор шудааст.

Аз жанрҳои таҳлилӣ мухбирнома, мақола, нигориш ва мактубро мавриди таҳлил қарор додем. Бештари маводе, ки мо дастрас намудем, дар қолаби жанри мақола мебошанд.

Аз сабаби он ки рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар як ҳафта 5 маротиба чоп мешавад, жанри хабар дар шумораҳои он зиёд ҷой дода мешавад. Инчунин асоси кори илмии моро сомона ва рӯзномаи «Ҷумҳурият» ташкил медиҳад. Аз хабарҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба хубӣ мушоҳида мекунем, ки сухан, асосан, дар бораи проблемаҳои ҳалшуда, муваффақиятҳои бадастомада меравад: Туҳфаҳои солинавии Сардори давлат ба маъюбон [«Ҷумҳурият», 2012. 1 январ], Издивоҷ бо шаҳрвандони хориҷӣ ба танзим медарояд [«Ҷумҳурият», 2011. 5 феврал].

Бештари мавод дар навъи хабари кӯтоҳ омода шуда, баъзеи он дар шакли хабари васеъ интишор мешаванд. Дар рӯзнома ва сомона хабарҳои ҳафта низ ҷой доранд. Аксари чунин хабарҳо такроран ҷой дода мешаванд. Албатта,»Ҷумҳурият» нашрияи расмии давлатӣ буда, аз хабарнигорон масъулияти дучандро талаб менамояд.

Дар дигар ҳафтаномаҳои интихобшуда назар ба дигар жанрҳои ахборӣ дар жанри хабар бештар мавод дида мешавад.

Дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» низ ба мисли рӯзномаи «Ҷумҳурият» сухан, асосан, аз проблемаҳои ҳалшуда, муваффақиятҳои бадастомада меравад. Дар ин ҳафтанома мавод бештар дар жанри мақола қолабрезӣ шудааст. Дар жанрҳои ахборӣ мавод камтар рӯйи чоп омадааст.

Дар дигар ҳафтаномаҳои интихобшуда низ жанри хабарро дидан мумкин аст, аммо ҳамаи хабарҳо ҳариб дар як шакл тарҳрезӣ шудаанд. Мушоҳида ва таҳлилҳои дар боло буда нишон медиҳад, ки қисми асосии ахбори дар ҳафтаномаи «Миллат» ва ҳафтаномаи «Озодагон» нашршуда проблемаҳоро ошкор мекунад, аз мавҷудияти мушкилоте хабар медиҳанд. Албатта, маълум аст, ки вазифаи асосии жанрҳои хабарӣ расонидани иттилоъ аст, на таҳлили проблема, аммо аз мундариҷаи кӯтоҳи хабарҳо мо дарк мекунем, ки бо расонидани хабар рӯзноманигор аз мавҷудияти мушкилоте сухан мегӯяд. Баъзеи онҳо ба масъалагузориву иттилоърасонӣ мансубанд.

Аз жанрҳои таҳлилӣ бештар дар жанри мақола ва мактуб мавод нашр шудааст. Албатта, рӯзнома ва ҳафтаномаҳо дар баробари фаврият, мавзуъҳоеро дар бар мегиранд, ки ба таҳлил ва шарҳ ниёз доранд.

Жанри мақола низ бештар ба проблема равона шуда, дар ошкор намудани мушкилоти ҷомеа нақш мегузорад, барои ҳалли онҳо масъалагузорӣ менамояд.

Албатта, бештари маводи чопшуда, ки проблемаи рӯзро инъикос менамоянд, дар шакли пухтаву амиқ омода шудаанд. Журналистон барои омода намудани маводи худ аз ҷанбаъҳои гуногун истифода бурда, барои хонандагон маълумоти боварибахш пешниҳод намудаанд.

Жанри мактуб бештар аз номи хонандагон омода ва нашр шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нашрияҳо бо омма робитаи зич дошта, фикру ақидаи ҷомеаро низ дар мадди назари худ қарор медиҳанд.

Хулоса, шакл ва усули пешниҳоди мавод имрӯз ба туфайли васеъ гардидани имкониятҳои матбуот баръало ба назар мерасад. Таҳлил ва баррасии махсусияти жанрии маводи фарҳангӣ моро ба чунин хулоса овард, ки, аввалан, баҳс дар атрофи махсусияти жанрҳо ҳанӯз идома дорад, яъне назари муҳаққиқон ба жанр далели он аст, ки жанр дар журналистика категорияи ҳамеша такомулёбанда ва дигаргуншаванда аст, махсусан, дар шароите, ки сомонаҳои матбуоти даврӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ равнақ меёбанд, махсусияти жанрӣ, мавқеи онҳо дар воситаҳои ахбори омма бештар ба дигаргуниҳо майл дорад, аммо дар ВАО-и интишорӣ то ҳадди имкон қолаби жанрҳо риоя мешавад.

# ХУЛОСА

Матбуоти даврии замони Истиқлол, аз ҷумла нашрияҳои мавриди пажӯҳиши мо – «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Миллат», «Озодагон» дар тарғиби ғояҳои миллӣ ва фарҳанги мардуми тоҷик кӯшиши зиёд менамоянд ва аз имконот, восита ва обзорҳои мавҷуда самаранок истифода мекунанд, аммо дар ин самт саҳми ҳама рӯзномаҳо ва ҳама рӯзноманигорон як хел нест, зеро ҳангоми баррасии  масъалаҳои фарҳанг рӯзноманигорон баъзан саҳлангорӣ низ мекунанд, ба ҳувият ва арзишҳои миллӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо масъалаи баррасии фарҳанг ва ҳувияти миллӣ чун масъалаи мубрам ва ҳамеша баҳсноки воситаҳои ахбори омма боқӣ мемонад. Инъикоси масоили фарҳангӣ дар мисоли матбуоти тоҷик ба ҳам омадани манфиатҳои миллӣ, сиёсати давлатӣ ва масъулияти иҷтимоии рӯзноманигор  аст. Таҳлил ва баррасии маводи матбуоту сомонаҳои онҳо нишон медиҳад, ки фарҳанги миллӣ чун ҷузъи муҳимми ҳаёт аз ҷониби рӯзноманигорон шинохта шудааст.

Баррасии масъалаҳои фарҳангиро дар матбуоти даврӣ ва сомонаҳои онҳо чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Фарҳанги миллӣ аз ҷониби рӯзноманигорони мо, пеш аз ҳама, нигоҳдории ҳувияти миллӣ – арзишҳои миллӣ, динии мардум фаҳмида мешавад, ки, воқеан, боиси дастгирист, зеро дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ мардум аз арзишҳои миллии худ дур шуда истодаанд. Ин зуҳурот воситаҳои ахбори оммаи кишвар, рӯзноманигоронро водор намудааст, ки бештар ба масъалаҳои фарҳанги миллӣ аз нигоҳи таърихӣ ва муосир муроҷиат намоянд. Дар навиштаҳои онҳо эҳсос мегардад, ки барои рӯзноманигорон нигоҳдорӣ ва тарғиби фарҳанги миллии тоҷикон ҳамчун сокинони асосии кишвар аз ҳама муҳим аст [1-М; 2-М; 3-М].

2. Дар матбуоти даврӣ барои тарғиб ва нигоҳдории арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба инъикоси ҷашнҳои умумимиллӣ, ба мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада хеле зиёд аст. Матбуоти даврии давлатӣ дар мавриди инъикоси ҷашнҳои мазкур ба онҳо бештар аз нигоҳи таърихӣ баҳо дода, ба ин васила пайванди имрӯзаи миллатро бо гузашта нишон медиҳанд ва инро ҳамчун усули асосии

бедор кардани ҳисси худшиносии миллӣ арзёбӣ менамоянд. Матбуоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ҷашнҳои сегонаи миллиро тарғиб карда, дар баробари ин кӯшиш менамояд, ки аз мушкилот ва проблемаҳои ба ҷашнҳои мазкур алоқаманд сухан гӯяд. [11-М].

3.Инъикоси ҷашнҳои динӣ дар матбуоти даврӣ хусусияти тарғиботии бевосита надорад. Дар мавриди инъикоси ҷашнҳои динӣ бештар ба ҷанбаи тарбиявию ахлоқии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Рӯзноманигорон дар баробари инъикоси маросимҳои динӣ бештар ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, хайру саховат, инсонгаройӣ, худдорӣ аз исрофкорӣ барин масъалаҳоро ба миён мегузоранд [2-М].

4. Мушкилоти фарҳанг ва ҳувияти миллӣ аз ҷониби рӯзноманигорон проблемагузорӣ мешавад. Онҳо дарк кардаанд, ки фурсати пешгирӣ аз омезиши фарҳангҳо расидааст, аммо стратегияҳои мушаххас, ки қобили қабул бошад, пешниҳод намегардад [3-М; 5-М].

5. Рӯзноманигорон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ, бештар аз ҳама, ба худшиносӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ, фарҳанги оиладорӣ ва либоспӯшӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд [1-М; 12-М].

6. Дар матбуот ва сомонаҳои матбуотӣ ба фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, мушкилоти онҳо чун мушкилоти як қишри иҷтимоии ҷомеа баррасӣ мегардад. Дар баробари ин, зиёд ба мушоҳида мерасад, ки аз ҷониби баъзе рӯзноманигорон гоҳо ноогоҳона дар мавриди миллатҳои дигар суханони дағал иброз карда мешаванд. Инчунин ҳангоми маълумот додан дар бораи онҳо саҳлангорӣ мекунанд, баъзан маълумоти ноаниқу беасос паҳн мешавад, ки боиси озурдахотирии ин ақалиятҳо мегардад. Ин зуҳурот аз ҷониби шахсони ғайрикасбӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасад [4-М].

7. Ба фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст. Аз ин ҷост, ки фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ бештар махсусияти на тарғиботӣ, балки муаррифинамоӣ касб кардааст, ҳол он ки онҳо низ чун ҷузъи ҷомеаи Тоҷикистон ба тарғиби фарҳанги миллии хеш дар баробари нашрияҳои маҳаллии макони зисти худ дар нашрияҳои марказӣ ҳам ҳуқуқ доранд, зеро дар нашрияҳои марказӣ

нашр гардидани махсусиятҳои фарҳангии онҳо барои хонандагони дигар минтақаҳои кишвар, ки дар онҳо ақаллиятҳо нестанд, ҷолиб буда метавонад. Ин ҷиҳат аз назар рӯзноманигорон берун мондааст [13-М].

8. Асоси инъикоси масъалаҳои фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ тавассути баррасии масъалаҳои дигар – мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ сурат мегирад [4-М; 13-М].

9. Шакл ва усули пешниҳоди мавод имрӯз ба туфайли васеъ гардидани имкониятҳои матбуот баръало ба назар мерасанд. Таҳлил ва баррасии махсусияти жанрии маводи фарҳангӣ моро ба чунин хулосаҳо овард, ки аввалан, баҳс дар атрофи худи махсусияти жанрҳо ҳанӯз идома дорад, яъне назари муҳаққиқон ба жанр далели он аст. Жанр дар журналистика як категорияи ҳамеша такомулёбанда ва дигаргуншаванда аст, махсусан, дар шароите, ки сомонаҳои матбуоти даврӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ равнақ меёбанд, махсусияти жанрӣ, мавқеи онҳо дар воситаҳои ахбори омма бештар ба дигаргуниҳо майл дорад, аммо дар ВАО-и интишорӣ то ҳадди имкон қолаби жанрҳо риоя мешавад [7-М; 8-М; 9-М; 10-М].

10. Мавзуи фарҳанг, дар маҷмуъ аз шумори он масоилест, ки дар сомонаҳои матбуотӣ мушаххасан мавриди баҳс қарор мегирад, зеро қисмати «шарҳи шумо», ки дар саҳифаи сомонаҳои матбуотӣ мавҷуд аст, ба ибрози назар имконияти васеъ фароҳам меорад [6-М].

11. Масоили фарҳангӣ дар пахшҳои интернетӣ ва чопӣ фарогири жанрҳои гуногун аст, аммо махсусияти жанрии он бештар ба сиёсати редаксионии ВАО алоқаманд аст. Аз ин нуқтаи назар, мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар пахши ахбори фарҳангӣ дар расонаҳои ғайридавлатӣ афзалият дорад, дар расонаҳои давлатӣ бартарият ба жанрҳои иттилоотӣ дода мешавад [3-М; 5-М].

12. Истифодаи қолабҳои гуногуни жанрҳои иттилоотӣ барои рӯзноманигорон имконият фароҳам овардаанд, ки дар ҳаҷми ками сухан масъалаҳои гуногунро фаро гирифта тавонанд, аммо мутаассифона, на ҳамеша аз имкониятҳои ин жанрҳо дуруст истифода мешавад. Мушоҳидаҳои мо баёнгари онанд, ки баъзан, баръакс, ба ҷойи ҳаҷми ками сухан пургӯйиҳои бемавқеъ анҷом дода мешавад [8-М].

13. Жанрҳои иттилоотии пурсишу посух, назарпурсӣ, мусоҳиба барои ба масъала ба таври мушаххас муроҷиат намудан имкон фароҳам овардаанд ва ин барои ба вуҷуд овардани афкори омма нақши хеле муҳимеро анҷом додааст. Ҳамчунин шоистаи таъкид аст, ки худи хонандагон сабабгори ба вуҷуд омадани жанрҳои нав гардида, ба ин восита падидаи ҳамеша дар такомул будани жанрҳои журналистиро собит менамоянд [7-М; 8-М; 9-М; 10-М].

14. Ҳангоми баррасии гузориши масъала ва шарҳи он дар жанрҳои таҳлилӣ мушоҳида шуд, ки риояи қолаби жанрӣ боиси хуб, фаҳмо ва нишонрас будани матлабҳо гардидаанд. Аммо ин ҳолат ҳам ба назар расид, ки аз доираи талаботи жанрӣ берун рафтан мақсадро номафҳум боқӣ гузоштааст. Ин ҳама далели маъмулӣ ва хусусияти классикӣ доштани қисме аз жанрҳои таҳлилист, ки дар ҳама давр риоя кардани онҳо ба манфиати кори нигорандагон аст. Ин сухани моро он ҷиҳати баррасиҳоямон собит менамояд, ки матлабҳои таҳлилие, ки аз ҷониби рӯзноманигорон таҳия шудаанд, бо риояи талаботи жанрӣ мебошанд. Аз ин рӯ онҳо нисбат ба он матлабҳое, ки аз ҷониби дигар мутахассисон навишта шудаанд, бартарӣ доранд. Ин ҷиҳат далели дигари муҳиммияти жанрҳо мебошад [5-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиҳои анҷомёфта маълум мешавад, ки оид ба тарғиби фарҳанги миллӣ дар матбуоти даврӣ то кунун дар шаклҳои гуногун таҳқиқҳо сурат гирифта бошанд ҳам, аммо то ба ҳол таҳқиқи монографӣ ба вуҷуд наомадааст. Шоистаи зикр аст, ки доираи мавзуи мазкур фароху доманадор буда, метавон перомуни он чандин таҳқиқи монографии дигар анҷом дод. Мо дар ин ҷода яке аз аввалинҳо шуда, тасмим гирифтем, ки вазъи тарғиби фарҳанги миллиро дар мисоли чор нашрияҳои гуногунтип дар давраи мушаххас таҳқиқ кунем. Дар баробари ин, дастовардҳои илмӣ, хулоса, дурнамои мавзуъ ва истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро ба тариқи зайл матраҳ намудан мумкин аст:

1. Диссертатсияи мо дар муайян намудани вазъи омӯзишу таҳқиқи тарғиби фарҳанги миллӣ дар давраи мушаххаси фаъолияти матбуотии даврии мавриди назар мусоидат менамояд;

2. Мо дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордодаамон муайян ва мушаххас намудем, ки дар матбуоти даврии тоҷик ба масъалаи тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ ҳамчун мавзуи меҳварии ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад, аммо дар ин ҷода камбудиҳо ҳам ба назар мерасанд. Таҳлилу натиҷагириҳои мо барои корҳои ояндаи таҳқиқӣ чун заминае шинохта мешаванд;

3. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада бо собит намудани зарурати инъикоси васеъ ва тарғиби шоистаи фарҳанги миллию ақаллиятҳои сокини кишвар дар шароити соҳибИстиқлолии мамлакат барои омӯзиш ва таълими он тавассути курс ва семинарҳои тахассусии кафедраи матбуоти факултети журналистика ва ихтисосҳои журналистии дигар кафедраҳои тахассусии донишгоҳҳои кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад;

4. Собит мешавад, ки нигоҳдории ҳувияти миллӣ – арзишҳои миллӣ, динии мардум дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ хеле зарур аст, зеро дур шудан аз арзишҳои миллӣ дар чунин шароити ҳассос хатарнок мебошад, чунки фарҳанг чун ҷавҳари аслии ҳастии ҳар як халқу миллат дониста мешавад ва аз даст додани

ҳувияти миллӣ маънии нобудиро дорад. Ин нукта ҳам барои назария ва амалияи минбаъда хеле муҳим аст;

5. Рӯй овардан ба таърих ва мурури таърихии рӯзноманигорон дар масъалаи фарҳанги миллӣ чун омили муҳимми пайвандии дирӯз ба имрӯзу оянда ҳам аз самтҳои муҳимми рӯзноманигорӣ бо мақсади нигоҳ доштану бештар намудани ҳисси худшиносии миллӣ дар вуҷуди наслҳо шинохта шуда, дар баррасиҳои мо муваффақ будани чунин нигорандагон исботи худро ёфтааст;

6. Дар нашрияҳои мавриди назар ба фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ чун ҷузъи фарҳанги мардуми Тоҷикистон камтар аҳамият дода шудааст. Ин масъала бо таълими мутахассисони соҳаи журналистика иртибот пайдо мекунад, ки онҳо бояд рисолати касбӣ ва миллиро аз тафаккури маҳаллии худ боло гузоранд.

7. Иттилооти оммавӣ дар сомонаҳои матбуотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар пахши маводи фарҳангӣ (умуман, ҳама гуна мавод) қолабҳои нави мултимедиявӣ мегирад, ки ин барои дарки бештари мақсад аз ҷониби истифодабарандаи иттилоъ шароит фароҳам меорад. Ин ҷиҳати таҳқиқи мо низ барои баррасиҳои минбаъда замина фароҳам меорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

а) адабиёти илмӣ


1. Абдуллоев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность [Текст] / М. Абдуллоев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
2. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. –184 с.
3. Азимов, А. Жанрҳои журналистикаи ВАО [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Истеъдод, 2019. – 36 с.
4. Азимов, А. Публитсистика ва воқеият [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Истеъдод, 2019. – 195 с.
5. Азимов, А. Публицистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2004. – 138 с.
6. Азимов, А. Рӯзнома ва рисолати худшиносӣ [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 152 с.
7. Азимов, А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940) [Текст] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 313 с.
8. Альянс цивилизаций (трудный диалог в условиях глобализации): моногр [Текст]. – М.: Институт Латинской Америки РАН, 2010. – 208 с.
9. Аҳмад, Р. Пажӯҳиш дар фарҳанги мардуми тоҷик [Матн] / Р. Аҳмад. – Душанбе: Дониш, 2015. – 327 с.
10. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ВАО [Матн] / Душанбе: Деваштич, 2008. – 222 с.
11. Богданов, Н., Вяземский, Б. Информация в газете [Текст] / Н. Богданов, Б. Вяземский. – М., 1955. – 148 с.
12. Бозоров, Н. Моҳияти факт дар публисистика [Матн] / Н. Бозоров. Дар маҷмуаи «Боли сухан». – Душанбе: Сино, 2004.
13. Бозоров, Н. Муносибати муаллиф бо рӯйдод ва факт [Матн] / Н. Бозоров // Истиқлолият ва журналистикаи муосир. (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2006.

14. Бозрикова, Т. Н. Проблемаҳои ақаллиятҳои этникӣдар Тоҷикистон [Матн] / Т. Н. Бозрикова. – Душанбе, 2003. – 107 с.
15. Бозтоби масъалаҳои фарҳанг дар ВАО (Маводи таълим барои донишҷӯёни ихтисоси рӯзноманигорӣ) [Матн] / Мураттиб ва муҳаррири масъул: Хоҷаева, М.Ю. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. – 276 с.
16. Буряковская, В. А. Коммуникативные характеристики массовой культуры в медийном дискурсе [Текст] / В. А. Буряковская. – Волгоград: Перемена, 2014. – 228 с.
17. Ворошилов, В. В. Журналистика [Текст] / В. В. Ворошилов. – М., 2004. – 467 с.
18. Глобализация и проблема сохранения культурного многообразия [Текст] / М.: ИФРАН, 2010. – 240 с.
19. Глобализация. Сущность, проблемы, преспективы [Текст]. - М. Книга и бизнес, 2003. – 320 с.
20. Гулов, С. Муқаддимаи журналистика : дастури таълимӣ [Матн] / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 176 с.
21. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] / П Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 124 с.
22. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.
23. Ғоибова, Ф. Нақши матбуоти даврӣдар ташаккулёбии фарҳанги миллӣва аҳамияти байналмилалии он [Матн] / Ф. М. Ғоибова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ифлологӣ. – 2012. – 4/3 (88). – С. 283-288.
24. Журналистика ва замони муосир [Матн] / Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2018. – 129 с.
25. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 147 с.
26. Замони муосир ва журналистика [Матн] / Материалҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2011. – 166 с.

27. Истиқлолият – диди нав [Матн] / Ҳайати таҳририя: А.Н. Муҳаммад, Х. Идиев, С. Раҳимов. – Душанбе, 2016. – 230 с.
28. Калмыков, А. А., Коханова, Л. А. Интернет-журналистика [Текст] / А. А. Калмыков М, А. Л. Коханова Л . – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. – 383 с.
29. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд (нуқсонҳои забони аҳли матбуоти тоҷик) [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Интернюс Тоҷикистон, 2001. – 171 с.
30. Ким, М. Н. Новостная журналистика [Текст] / М. Н. Ким . – СПб, 2005. – 352 с.
31. Қурбонов, С., Мирахмедов, Ф. Таърихи пайдоиш ва анъанаҳои хоси ҷашни Меҳргон [Матн] / С. Қурбонов Ф. Мирахмедов // Паёми Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон. – 2019. – №2. – С.10-22.
32. Қутбиддин, Б. Роҳ ба сӯи эҷод [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 107 с.
33. Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
34. Латифов, Д. Н. Эҷодиёти мардумӣ- асоси фарҳанги этникӣ [Матн] / Д. Н. Латифов. – Душанбе: Адиб, 2011. – 160 с.
35. Ҷавонон ва илми муосир [Матн] / Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2013. – 214 с.
36. Ҷумъаев М. О. Баъзе масъалаҳои забони матбуот [Матн] / Муҳаррир М. Муродов; зери назари Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 164 с.
37. Мероси фарҳангӣва хунарҳои мардумӣ: ҳифз ва эҳёи он [Матн] / Мураттиб Х. Низомов; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 104 с.
38. Мирзоалӣ, С. ВАО-и Тоҷикистон дар шароити глобализатсияи иттилоот [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015. – 4/3 (167). – С. 251-255.
39. Мирзоалӣ, С. Пайдоиш ва ташаккули агентиҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015. – 4/4 (171). – С. 281-285.

40. Мирзоалӣ, С. Хабар: Аз машриқ то ба мағриб [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе. – 2009. – 196 с.
41. Михайлов, С. А. Современная зарубежная журналистика: правила и парадоксы [Текст] / С. А. Михайлов. – СПб: Михайлова В. А, 2002. – 446 с.
42. Моисеев, В. Журналистика и журналисты [Текст] / В. Моисеев. - Москва. – 2002. – 408 с.
43. Муқим, Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Озар, 2013. – 160 с.
44. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – Қ. 1. – 63 с.
45. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Эҷод, 2008. – Қ. 2. – 85 с.
46. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М. Муродов. –Душанбе: Ирфон, 2014. – 255 с.
47. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои таълим ва омодагии касбӣдар самти журналистикаи чандрасонаӣ[Матн] / М. Муродов // Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳо ). – Душанбе, 2014. – Қ. 6. – 142 с.
48. Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯҳноманигорӣ [Матн] / Муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 480 с.
49. Мухтори К. Общественное мнение в вопросах образа таджикской женщины (на примере сайтов «Озоди» и «Озодагон») [Текст] / К. Мухтори // Вестник таджикского национального университета (научных журнал) (серия филологических наук). – 2017.– №4/7. – С. 273-277.
50. Мухтори, К. Освешение особенностей таджикской культуры и быта в русскоязычных СМИ Таджикистана (на примере газеты «Азия-плюс») [Текст] / К. Мухтори // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия филология. – 2015. – №4/5 (176). – С. 268-271.
51. Мухторӣ Қ. Реклама ва ҳувияти миллӣ дар шароити баҳамназдикшавии фарҳангҳо [Матн] / Қ. Мухторӣ // Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2014. – Қ. 6. – 142 с.

52. Мухторӣ, Қ. Хадамоти матбуотӣва робита бо ҷомеа [Матн] / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2015. – 128 с.
53. Мухторӣ, Қ. Шакл ва мазмуни ороиши рӯзнома аз воситаҳои муҳимми мухобирот бо хонанда [Матн] / Қ. Мухторӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2014. – №4/6 (146). – С. 285-288.
54. Нуралиев, А. Н. и др Информационные жанры печати [Текст] / А. Н. Нуралиев, Н. И. Брукер, А. А. Афсахзод. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 131с.
55. Нуралиев, А. Асосҳои ҳуқуқии журналистика [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2005. – 203 с.
56. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе: Деваштич, 2004. –146 с.
57. Ҳамидов, И. Гуногунандешӣ дар ВЭА [Матн] / И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2014. – №4/2 (133). – С. 279-281.
58. Пелт, В. Д. Информация в газете [Текст] / В. Д. Пелт. – М., 1980. – 158 с.
59. Полетаев, Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ [Матн] / Э. Полетаев. – Душанбе, 2005. – 280 с.
60. Поттер, Д. Рӯзноманигории мустақил [Матн] / Д. Поттер. –Душанбе, 2006. – 148с.
61. Проблемы информации в печати [Текст]. – М., 1971. – 71с
62. Прохоров, Е.П. Введение в теорию журналистики (8-е издание) [Текст] / Е.П. Прохоров. – М., 2002. – 260 с.
63. Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣдар журналистикаи тоҷик [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе, 2017. – 184 с.
64. Раҳмонзода, А. Раҳмонӣ, Р. Меҳргон дар Тоҷикистон [Матн] / А. Раҳмонзода, Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: Адиб, 2018. – 64 с.
65. Раҳмонов, А. Фарҳанги иттилоотӣва роҳҳои ташаккули он дар ниҳоди мутахассиси ояндаи фарҳанг [Матн] / А. Раҳмонов // Паёми Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон. – 2019. – №2. – С. 46-52.

66. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4. [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 235 с.
67. Раҳмонов, Э. Асри XXI – асри фарҳанги сулҳ ва ваҳдати инсоният [Матн] / Э. Раҳмонов // Пайванд, 2001. – № 6. – С. 7-29.
68. Раҳмонов, Э. Истиқлолият неъмати бебаҳост [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 94 с.
69. Раҳмонов, Э. Фарҳанг ҳастии миллат аст: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат [Матн] / Э. Раҳмонов. – 20 марти соли 2001. – Душанбе: Матбуот. – 63 с.
70. Раҳимов, Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон [Матн] / Д. Раҳимов; Муҳаррирон Қ. Буриев, М. Сайфиддинов. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 160 с.
71. Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳо [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015.–4/9 (185). – С. 282-286.
72. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 5 [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 569 с.
73. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли Истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди 3 [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 704 с.
74. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: чаҳор соли Истиқлолият ва худшиносӣ [Матн] / Э. Раҳмонов. –Душанбе, 1995. – 208 с.
75. Сайидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ [Матн] / З. Сайидзода. – Душанбе, 2014. – 260 с.
76. Сайидзода, З. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон [Матн] / З. Сайидзода, Ф. Саидов. – Душанбе: Контраст, 2012. – 144 с.
77. Сайидзода, З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати хориҷӣ [Матн] / З. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

78. Сафаров, Х. Стлистические особенности газетного заголовка [Текст] / Х. Сафаров. – Душанбе, 2015. – 170 с.
79. Саъдуллоев, А. Жанри маърифатомӯз [Матн] / А. Саъдуллоев // Маҷмуаи мақолаҳо оид ба таҳсилоти журналистӣ. – Душанбе, 2008.
80. Саъдуллоев, А. Саҳифабандӣ ва чопи газета [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 168 с.
81. Саъдуллоев, А., Гулмуродзода П. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе: Сино, 1994. – 60 с.
82. Саъдуллоев, А., Гулов, С. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 72с.
83. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири Истиқлолият: силсилаи мақолаҳо оид ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / зери таҳрири Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 340 с.
84. Смирнов, В. В. Жанры радиожурналистики [Текст] / В. В. Смирнов. – М.: Аспект Пресс. 2002. – 288 с.
85. Сулаймонӣ, С. Фарҳангшиносӣ: назария ва амалия (чопи дувум) [Матн] / С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 492 с.
86. Сулаймонӣ, С. Ҷаҳонӣ шудан ва масоили амнияти фарҳангии Тоҷикистон [Матн] / С. Сулаймонӣ // Ҷаҳонӣ шудан ва мушкилоти ҳифзи фарҳанги миллӣ: Маҷмуаи мақолоти конфронси байналмилалӣ / Мураттиб ва муҳаррир: С. Сулаймонӣ. – Душанбе, 2006. – 88 с.
87. Тақвими рқйдод ва санаҳои муҳими фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 [Матн] / Мураттиб: Ш. Абдулоев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Душанбе, 2016, – 32 с.
88. Тер-Минасова, С. Г. Язык и межкультурная коммуникация [Текст] / С. Г. Тер-Минасова. – М.: Слово, 2000. – 146 с.
89. Тертычний, А. А. Жанры периодической печати [Текст] / А. А. Тертычний. – М.: Аспект Пресс, 2006. – 312 с.
90. Уллмен Ҷ. Таҳқиқоти журналистӣ: усулҳои муосир ва техника [Матн] / Тарҷума: А. Саъдуллоев, А. Абдуманнонов. – Душанбе, 2004. – 253 с.

91. Умаров, З. Нақши расонаҳои ӯзбекии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ [Матн] / З. Умаров // Илм ва фанноварӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2015. – №4 (8). – С. 139-143.
92. Усмонов, И., Давронов, Д. Таърихи матбуоти тоҷик [Матн] / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1997. – 156 с.
93. Усмонов, И. Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе. – 2008. – 280 с.
94. Усмонов, И. К. Журналистика [Матн] / И. К. Усмонов.– Душанбе, 2005. – Қ. 1. – 480 с.
95. Усмонов, И. К. Журналистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2006. – Қ. 2. – 448 с.
96. Усмонов, И. К. Журналистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2008. – Қ. 3. – 374с.
97. Усмонов, И. К. Журналистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2011. – Қ. 4. – 376 с.
98. Усмонов, И. К. Назарияи публицистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.
99. Усмонов, И. Назаре ба таҳқиқот дар соҳаи журналистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Эҷод. – 2008. – 64 с.
100. Усмонов, И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибИстиқлол [Матн] / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.
101. Усмонов, И. К. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
102. Усмонов, Ш. Д. Заминаҳои иҷтимоию сиёсии ташаккули хизматрасонии фарҳангӣдар даврони соҳибИстиқлолии Тоҷикистон / Ш. Д. Усмонов // Паёми Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон. – 2019. – №1. – С. 55-67.
103. Учёнова, В.В. Творческие горизонты журналистики [Текст] / В. В. Учёнова. – М., 1976. – 204 с.

104. Фарҳанг [Матн] / С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – 80000 вожа ва ибора.
105. Фарҳанг ва Истиқлол [Матн] / Таҳияи Ф. Азизӣ; муҳаррир Гулназар. – Душанбе: Адиб, 2011 – 292 с.
106. Фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибИстиқлол. (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн] . – Душанбе: Эҷод, 2006. – 232 с.
107. Фаттоев, С. Эмомалӣ Раҳмонов: ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ маромиі мост! [Матн] / С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 160 с.
108. Ферранд, О. Центральная Азия и Кавказ [Текст] / О. Ферранд // Общественно – политический журнал. – 2011. – вып.4. Том 14. – С. 154-155.
109. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ [Матн] Мураттибон Д. Раҳимов, Н. Қличева, А. Зубайдов ва дигарон. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 280с.
110. Хоҷазод, С. Ҷойгоҳ ва нақши радиои «Тоҷикистон» дар ташаккули афкори ҷомеа (Инъикоси масъалаҳои худшиносӣва худогоҳии миллӣдар даврони Истиқлол) [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2013. – 207 с.
111. Хоҷазод, С. Нақши ВАО-и электронӣ дар ташаккули афкори ҷомеа [Матн] / С. Хоҷазод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2014. – 4/3 (137). – С. 254-256.
112. Ҳайати миллӣ, донистани забонҳо ва шаҳрвандии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 3 [Матн] / Ҳайати таҳририя: Муҳаммадиева, Б. З. – Душанбе, 2010. – 537 с.
113. Черепахов, М.С. Проблемы теории публицистики [Текст] / М. Черепахов. – М.: Мысль, 1973. – 272 с.
114. Шакурӣ, М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1999. – 160 с.
115. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли фарҳанги оламгир [Матн]: [сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2005], китоби 5 / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

116. Шукруллоев, Б. Жанри мактуб: рисолат ва имконот [Матн] / Б. Шукруллоев. – Душанбе: Ирфон 2012. – 113 с.
117. Ясавеев, И.Г. Конструирование социальных проблем средствами массовой коммуникации [Текст] / И.Г. Ясавеев. – Казан, 2004. – 200 с.

б) адабиёти бадеӣ ва публитсистӣ

118. Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
119. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн] / зери таҳрири М. Умаров ва Ф. Бобоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 640 с.
120. Ойинаи ҷавонон. 80 сол рӯзномаи Ҷавонони Тоҷикистон [Матн] / Маҷмуаи мақолаҳо ва мусоҳибаҳо. – Душанбе: Адиб, 2010. – 224 с.
121. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн] / А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.

в) рисолаҳои илмӣ ва фишурдаи рисолаҳои илмӣ

122. Раджабов, И. Национальное большинство и национальное меньшинство: место и их роль в государственном устройстве современного Таджикистана [Текст]: автореф. дис... канд. политических наук: 23.00.02 / И. Раджабов. – Душанбе: Тадж. нац. ун-тет, 2010. – 23 с.
123. Рахимджонов, Х. Этические нормы как механизм саморегулирования в журналистских сообществах Таджикистана [Текст]: автореф. дис… канд. фил. наук: 10.01.10 / Х . Рахимджонов. – Душанбе: Тадж. нац. ун-тет, 2017. – 26 с.
124. Рахимджонов, Х. Этические нормы как механизм саморегулирования в журналистских сообществах Таджикистана [Текст]: дис… канд. фил. наук: 10.01.10 / Х. Рахимджонов. – Душанбе, 2017. – 165 с.
125. Сафаров, Х.О. Лексико-грамматические и стилистические особенности заголовка в газете (на материалах периодической печати 2000-2013гг.): дис… канд. фил. наук: 10.01.10 [Текст] / Х.О. Сафаров. – Душанбе: Тадж. нац. ун-тет, 2015. – 180 с.

126. Сафаров, Х.О. Лексико-грамматические и стилистические особенности заголовка в газете (на материалах периодической печати 2000-2013гг.): автореф. дис… канд. фил. наук: 10.01.10 [Текст] / Х.О. Сафаров. – Душанбе: Тадж. нац. ун-тет, 2015. – 28 с.
127. Хаитпур, Р.А. Отображение развития таджикско-узбекских взаимоотношений в печати периода независимости: автореф. дис… канд. фил. наук : 10.01.10 [Текст] / Р. А. Хаитпур. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 22 с.
128. Ходжазод, С. Радио Таджикистана в годы независимости (история, жанровая специфика и перспективы): автореф. дис… канд. фил. наук: 10.01.10 [Текст] / С. Ходжазод. – Душанбе: Тадж. нац. ун-тет., 2009. – 28 с.
129. Шукруллоев, Б. Письмо как жанр публицистики: автореф. дис… канд. фил. наук : 10.01.10 [Текст] / Б. Шукруллоев. – Душанбе: Тадж. нац. ун-тет, 2013. – 26 с.
130. Шукруллоев, Б. Письмо как жанр публицистики: дис… канд. фил. наук: 10.01.10 [Текст] / Б. Шукруллоев. – Душанбе: Тадж. нац. ун-т, 2013. – 160 с.

г) ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ

131. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 2001. –№7. – М. 502.
132. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 2002. – №11. – М. 696.
133. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 2002. – №4. – Қ. 2. – М. 320.
134. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 2003. – №8. – М. 457.
135. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 1996. – №24. – М. 408.
136. Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 [Матн]: қарори Ҳукумати ҶТ. – Душанбе. – 9.02 2016. – №9. – 70 с.

137. Ведемости Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 1994. – №1. – М. 28; 1996. – №3. – М. 48; 1997. – №23-24. – М. 333; 1999. – №12. – М. 335; 2002. – №4. – Қ. 1. – М. 269.
138. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Қарори Ҳукумати ҶТ. – Душанбе. – 30.12. 2005. – №501. – 30 с.
139. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе. – 2003. – 80 с.
140. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» [Матн]. – Душанбе. – 13.12.1997.
141. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2007.
142. Маҷмуаи қонунҳо дар бораи ВАО (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: Маркази САҲА дар Тоҷикистон, 2006. – 182 с.
143. Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма [Матн]. – Душанбе, 2014.

д) сарчашмаҳо

144. Аҳмад, Р. Шод бошед, Меҳргон омад [Матн] / Р. Аҳмад. – Тоҷикистон. – 2008. – №9-10.
145. Варианти электронии шумораҳои маҷаллаи Паёмномаи фарҳанг (маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот) [Захираи электронӣ] /: http://pitfi.tj/ payomnoma/
146. Дзутцева, Г. В Таджикистане как всегда [Текст] / Г. Дзутцева. – Источник: Вечёрка, 2013. – 02.11.
147. Дубовицкая, И. Проблема национальных меньшинств в русскоязычных СМИ Таджикистана [Текст] / И. Дубовицкая. – 2008 г.
148. Қосимова, Р. Масоили умда ва пешомадҳои ақаллиятҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р. Қосимова. – Тоҷикистон. – 2005. – №1-3.
149. Малик, Ҳ. Идеология ва фарҳанг. Фарҳанг ҳастаи муқовимат дар баробари таҳоҷуми бегонагон аст. [Захираи электронӣ] / http: //http.Kavehroom.Com/

150. Муллоаҳмад, М. Рамзҳои наврӯзӣ [Матн] / М. Муллоаҳмад // Бозтоби масоили Наврӯз дар адабиёт. – Душанбе, 2016. – С.7-11.
151. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2017. – С. 33-34.
152. Раҳмонов, Э. Пешрафти ягон давлат бе рушди илму фарҳанг мумкин нест: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси ботантана ба ифтихори 50-солагии Академияи илмҳои Тоҷикистон [Матн] / Э. Раҳмонов // Садои мардум. – 2001. – 21 апрел; Ҷумҳурият. – 2001. – 21 апрел.
153. Раҳмонов, Э. Ш. Ҷаҳонишавӣ ва дигар тамоюлҳои аввали асри ХХ1 [Матн]: Суханронӣ дар Донишгоҳи Анқараи Туркия / Э. Ш. Раҳмонов // Омӯзгор. – 2006. – 27 январ.
154. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» – солҳои 2010-2015.
155. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат, 19 марти соли 2018 [Матн]. // Ҷумҳурият. – 2018. – 19 март. – С. 1-2.
156. Тертычный, А.А. Методологическая роль жанров в познании журналиста [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://cyberleninka.ru /article/n/metodologicheskaya-rol-zhanrov-v-poznavatelnoy-deyatelnosti-zhurnalista
157. Ҳафтаномаи «Миллат» – солҳои 2010 – 2015.
158. Ҳафтаномаи «Озодагон» – солҳои 2010 – 2015.
159. Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2010 – 2015.
160. http://hakikati-sugd.tj /index.php/culture/4890-me-robi-ma-rifat-va-far-ang
161. http://javonon.tj /news/social/far-angi-befar-ang/
162. https://ru.wikipedia.org /wiki/
163. www.jumhuriyat.tj
164. www.millat.tj
165. www.ozodagon.tj
166. www.president.tj

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Астанақулова, Ҷ. Инъикоси фарҳанги оиладорӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли рӯзномаи «Ҷумҳурият», соли 2015) / Ҷ. Астанақулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №4/6 (212). – С. 270-273.

[2-М]. Астанақулова Ҷ. Инъикоси танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли сомонаи «Ҷумҳурият» ва рӯзномаи «Миллат», соли 2010) / Ҷ. Астанақулова // Номаи Донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. – 2017. – №3(52). – С. 142-146.

[3-М]. Астанақулова, Ҷ. Проблемагузорӣ ва усули баррасии масъалаҳои фарҳанг дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли маводи рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва ҳафтаномаи «Миллат» дар соли 2015) / Ҷ. Астанақулова // Номаи Донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. – 2017. – №4(53). – С. 156-160.

[4-М]. Астанақулова, Ҷ. Инъикоси арзишҳои этникӣ ва фарҳангии ҷӯгиёни маскуни Тоҷикистон дар матбуот (дар мисоли ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ва «Миллат») / Ҷ. Астанақулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/1. – С. 299-302.

[5-М]. Астанақулова, Ҷ. Арзишҳои миллӣ дар шароити барҳӯрди фарҳангҳо дар мисоли сомонаи www.jumhuriyat.tj ва сомонаи www.ozodagon.tj соли 2011-2012) / Ҷ. Астанақулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №1. – С. 273-276.

[6-М]. Астанақулова, Ҷ. Махсусияти ташаккули сомонаҳо дар медиамуҳити Тоҷикистон / Ҷ. Астанақулова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – №2. – С. 203-207.

[7-М]. Астанақулова, Ҷ. Махсусияти мавзуӣ ва жанрии хабарҳои фарҳангӣ дар матбуот (дар мисоли рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Миллат») / Ҷ.

Астанақулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №7. – С. 311-314.

[8-М]. Олимиён, С. Ш. Мавқеи жанрҳои хабарӣ дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» соли 2014-2015 / С. Ш. Олимиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – №7. – С. 267-273.

[9-М]. Олимиён, С. Ш. Мавқеи жанри пурсиш-посух дар тарғиби масъалаҳои фарҳангӣ дар матбуот (дар мисоли сомона ва ҳафтаномаҳои «Озодагон», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Миллат») / С. Ш. Олимиён // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. – №2 (91). – С. 208-210.

[10-М]. Олимиён, С. Ш. Ҷойгоҳи жанри пурсиш-посух дар сомонаҳо ва ҳафтаномаҳои «Миллат» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» / С. Ш. Олимиён // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2021.– №2 (39). – С. 78-81.

[11-М]. Мухторӣ Қ., Олимиён, С.Ш. Ҷашнҳои сегона дар матбуоти даврӣ (дар мисоли сомонаҳои www.jumhuriyat.tj ва www.millat.tj) [Матн] / Қ. Мухторӣ, С. Ш. Олимиён // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – №1(96). – С. 200-206.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[12-М]. Астанақулова, Ҷ. Инъикоси фарҳанги оиладорӣ дар мусоҳибаҳои матбуотӣ (дар мисоли рӯзномаи «Ҷумҳурият», соли 2015) / Ҷ. Астанақулова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат – роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон» бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва Соли ҷавонон, 18-19 майи соли 2017. – Душанбе, 2017. – С. 261-262.

[13-М]. Олимиён, С. Ш. Отражение социальной жизни карлуков в периодической печати Таджикистана [Текст] / С. Ш. Олимиён // Тюрко-монгольский мир Большого Алтая: историко-культурное наследие современность: материалы II Международного алтаистического форума. – Барнаул: Изд-во Алт.ун-та, 2021. – С. 461-464.